**ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

# СТРАТЕГИЯИ ПАСТ КАРДАНИ САТҲИ КАМБИЗОАТӢ

# ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# БАРОИ СОЛҲОИ 2007-2009

**Душанбе - 2007**

**МУНДАРИҶА**


1. **ПЕШГУФТОР**
2. **НАТИҶАҲОИ ТАТБИҚИ ҲСПКСК БАРОИ СОЛҲОИ 2002-2006**
   - **2.1. Камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: вазъи ҷорӣ, раванд ва проблемаҳои асосӣ**
   - **2.2. ҲСПКСК: сабақҳои андӯхта**
3. **МАҚСАД ВА САМТҲОИ АСОСИИ СИЁСАТИ СПКСК БАРОИ СОЛҲОИ 2007-2009**
4. **ФАРОҲАМ ОВАРДАНИ ШАРОИТҲОИ УМУМИИ РУШД (БЛОКИ ФУНКСИОНАЛӢ)**
   - **4.1.Ислоҳоти идораи давлатӣ**
   - **4.2.Рушди макроиқтисодӣ**
   - **4.3.Беҳбуди фазои инвеститсионӣ, рушди бахши хусусӣ ва соҳибкорӣ**
   - **4.4.Рушди ҳамкориҳои минтақавӣ ва ҳамгироӣ ба иқтисодиёти ҷаҳонӣ**
5. **ТАЪМИНИ РУШДИ УСТУВОРИ ИҚТИСОДӢ (БЛОКИ ИСТЕҲСОЛӢ)**
   - **5.1.Рушди инфраструктура, энергетика ва саноат**
   - **5.2.Амнияти озуқаворӣ ва рушди бахши хусусӣ**
6. **РУШДИ НЕРӮИ ИНСОНӢ (БЛОКИ ИҶТИМОӢ)**
   - **6.1.Рушди системаи маориф ва илм**
   - **6.2.Рушди системаи тандурустӣ**
   - **6.3.Такмили ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ**
   - **6.4.Тавсеаи дастрасӣ ба таъминоти об, санитария ва хоҷагии манзилию коммуналӣ**
   - **6.5. Таъмини суботи экологӣ**
   - **6.6. Таъмини баробарии гендерӣ**
7. **МАБЛАҒГУЗОРИИ ТАТБИҚИ СПКСК**
8. **ИДОРАКУНИИ ТАТБИҚ ВА МОНИТОРИНГИ СПКСК**
   - **ЗАМИМАИ 1. МАТРИТСАИ ФАЪОЛИЯТ ДАР СОЛҲОИ 2007-2009**
   - **ЗАМИМАИ 2. МАТРИТСАИ МОНИТОРИНГ**
   - **ЗАМИМАИ 3. ПРИНСИПҲОИ АФЗАЛИЯТНОКИИ СПКСК**
   - **ЗАМИМАИ 4. ИШТИРОК ДАР ТАҲИЯИ СТРАТЕГИЯИ МИЛЛИИ РУШД / СПКСК**

**РӮЙХАТИ ИХТИСОРОТ**

| | |
|---|---|
| FTI | Ташаббуси рушди босуръат |
| GDF | Фонди глобалии доруворӣ |
| IBTA-II | Лоиҳаи дуюми кумаки техникӣ барои сохтори институтсионалӣ |
| IDA | Ассотсиатсияи рушди байналмилалӣ |
| JICA | Агентии Япония оид ба рушди байналмилалӣ |
| KfW | Бонки олмонии рушд |
| АЗГХ | Агентии заминсозӣ, геодезия ва харитасозии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| АИ | Академияи илмҳо |
| АИК | Академияи илмҳои кишоварзӣ |
| АИО | Ассотсиатсияи истифодабарандагони об |
| АИП | Академияи илмҳои педагогӣ |
| АМКҶИ | Агентии мубориза зидди коррупсия ва ҷиноятҝории иқтисодии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| АСМ | Агентии сохтмон ва меъмории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| АСМС | Агентии стандартизатсия, метрология ва бозрасии савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| АТИ | Асосноксозии техникию иқтисодӣ |
| БЕТР | Бонки европоии таҷдид ва рушд |
| БИД | Барномаи инвеститсияҳои давлатӣ |
| БМБ | Барномаи миёнамӯҳлати буҷетӣ |
| БММ | Барномаи маблағгузории мутамарказ |
| БМТ | Бонки миллии Тоҷикистон |
| БОР | Бонки осиёгии рушд |
| БРСММ | Барномаи рушди Созмони Милали Муттаҳид |
| БСМ | Барномаи сармоягузории мутамарказ |
| БУ | Бонки Умумиҷаҳонӣ |
| БУО | Барномаи умумиҷаҳонии озуқа |
| БХ | Бизнеси хурд |
| БХМ | Бизнеси хурду миёна |
| ВАҶТ | Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ВАУ | Воситаҳои ахбори умум |
| ВИЧ | Вируси норасоии масунияти инсон |
| ВКД | Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ВКҲТ | Вазорати кишоварзӣ ва ҳифзи табиати Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ВКХ | Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ВМЗО | Вазорати мелиоратсия ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ВМКБ | Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон |
| ВМҶТ | Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ВМТ | Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ВМҲИ | Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ВНК | Вазорати нақлиёт ва коммуникатсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ВРИС | Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳрии Тоҷикистон |
| ВТТ | Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ВЭС | Вазорати энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ГОСТ | Стандарти давлатӣ |

| | |
|---|---|
| ДВК | Душанбеводоканал |
| ДД | Дигар донорҳо |
| ДИП | Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ДМ | Дигар мақомот |
| ДТИ | Донишгоҳи такмили ихтисос |
| ЕврАзЭС | Иттиҳоди иқтисодии Европаю Осиё |
| ЗМТ | Заминаи моддию техникӣ |
| ИДК | Институти дарҳои кушода |
| ИДМ | Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил |
| ИМХ | Инвеститсияҳои мустақими хориҷӣ |
| ИХД | Идоракунии хизмати давлатӣ |
| КАНҲ | Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| КАТС | Кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ |
| КВДҲ | Корхонаи воҳиди давлатии ҳавопаймоӣ |
| КДИ | Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| КДО | Кумитаи давлатии омор |
| КЕ | Комиссияи Европа |
| КИТ | Корҳои илмию тадқиқотӣ |
| ККЗ | Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ККҶ | Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| КОМ | Кӯмаки оҷили акушерӣ (момодоягӣ) |
| КҲФ | Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ҶТ | Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ҶХХ | Ҷумҳурии Халқии Хитой |
| МБ | Модарии бехатар |
| МваА | Мониторинг ва арзёбӣ |
| МВО | Маводи вайронкунандаи озон |
| МИМ | Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ |
| МИТ | Маркази иттилоотию таҳлилӣ |
| ММД | Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ |
| ММП | Муассисаи муолиҷавию профилактикӣ |
| МРҲ | Мақсадҳои рушди ҳазорсола |
| МСД | Маркази саломатии деҳот |
| МСН | Маркази саломатии ноҳияҳо |
| МСШ | Маркази саломатии шаҳрҳо |
| МТ | Муассисаҳои таълимӣ |
| МТГ | Маркази техникии Германия |
| МТНМ | Муолиҷа таҳти назорати мустақим |
| НОБ | Нерӯгоҳҳои обии барқӣ |
| НТҶ | Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ |
| ҲҚ | Ҳуқуқи репродуктивӣ |
| ҲМҲТ | Ҳудудҳои махсусан ҳифзшавандаи табиат |
| ҲР | Ҳуқуқи репродуктивӣ |
| ҲСПКСК | Ҳуҷҷати стратегии паст кардани сатҳи камбизоатӣ |
| ОБСЕ | Созмон оид ба амният ва ҳамкорӣ дар Европа |
| РОТ | Роҳи оҳани Тоҷикистон |
| СББМ | Стандарти байналмилалии баҳисобгирии муҳосибавӣ |
| СГНҲ | Саридораи геологияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон |

| | |
|---|---|
| СИИМ | Системаи иттилоотии идоракунии маориф |
| СИТ | Суғуртаи ихтиёрии тиббӣ |
| СМваА | Системаи мониторинг ва арзёбӣ |
| СМР | Стратегияи миллии рушд |
| СМҲ | Системаи миллии ҳисоб |
| СПИД | Аломати норасоии масунияти инсон |
| СПКСК | Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ |
| СР | Саломатии репродуктивӣ |
| СТАИ | Сирояти тавассути алоқаи ҷинсӣ интиқолшаванда |
| ПИТ | Пажӯҳишгоҳҳои илмию тадқиқотӣ |
| ТБ | Ташкилотҳои байналмилалӣ |
| ТҒ | Ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ |
| ТҚХ | Таносуби қудрати харидорӣ |
| ТҲС | Тарзи ҳаёти солим |
| ТО | Танзими оила |
| ТООР | Ташкилоти Оғохон оид ба рушд |
| ТТҲС | Ташаккули тарзи ҳаёти солим |
| ТУС | Ташкилоти умумиҷаҳонии савдо |
| ФБА | Фонди байналмилалии асъор |
| ФГ | Фонди глобалӣ |
| ФГД | Фонди глобалии доруворӣ |
| ФОХ | Фонди Оғохон |
| ХГНҲ | Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ХИБ | Хати интиқоли барқ (ЛЭП) |
| ҲҲҶТ | Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ХМК | Хоҷагии манзилию коммуналӣ |
| ХМХ | Хизматрасонии муносибати хайрхоҳона |
| ХС | Хонаҳои саломатӣ |
| ХСЭ | Хадамоти санитарию эпедемиологӣ |
| ШМА | Штатҳои Муттаҳидаи Америка |
| ШМН | Шифохонаи марказии ноҳиявӣ |
| ШУРС | Агентии Швейтсария оид ба рушд ва ҳамкорӣ |
| ШШ | Шифохонаи шаҳрӣ |
| ШЭМ | Шӯрои экспертию методӣ |
| ЮНИСЕФ | Фонди кӯдакони СММ |

# 1. ПЕШГУФТОР

Ҳуҷҷати мазкур - Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2007-2009 (СПКСК) аз барномаи миёнамӯҳлати рушди иқтисодию иҷтимоии кишвар иборат мебошад. Он ҷиҳати татбиқи ислоҳоти институтсионалӣ ва иқтисодӣ фаъолияти мушаххасро дар бар гирифта, ба захираҳои мавҷуда ва эҳтиёҷоти иловагӣ асос ёфтааст, ки барои дар кишвар ноил шудан ба рушди устувори иқтисодӣ, афзоиши ҳаҷм ва сифати хизматрасониҳои иҷтимоӣ, паст намудани сатҳи камбизоатии аҳолӣ нигаронида шудааст.

Бо мақсади баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2005 барои таҳияи барномаи дарозмӯҳлати иҷтимоию иқтисодӣ - Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2015 (минбаъд-СМР) ташаббус зоҳир намуд ва бо дарназардошти он Стратегияи миёнамӯҳлати паст кардани сатҳи камбизоатӣ барои солҳои 2007-2009 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардид.

Вобаста ба ин амали СПКСК инчунин ба мақсад ва афзалиятҳои Стратегияи миллии рушд (ислоҳоти идораи давлатӣ; рушди бахши хусусӣ ва ҷалби инвеститсияҳо; рушди нерӯи инсонӣ) асос ёфта, барои дар Тоҷикистон ташаккул додани давлати демократию пешрафта нигаронида шудааст ва дар он ҳамаи аъзои ҷомеа метавонанд аз дастовардҳои сиёсӣ, рушди иҷтимоию иқтисодӣ баробар баҳравар бошанд.

Фаъолияти дар доираи СПКСК пешбинигардида натиҷаҳо ва сабақҳои вобаста ба татбиқи ҲСПКСК дар солҳои 2002-2006 андӯхтаро ба инобат мегирад.

Ба мисли Стратегияи миллии рушд амали СПКСК барои рушди 12 бахши (самти) ислоҳоти иқтисодӣ нигаронида шудааст, ки вобаста ба нақш ва мавқеи онҳо дар таъмини рушди устувор ва самарабахши иқтисодиёт, баланд бардоштани ҳаҷм ва сифати хизматрасонӣ ба аҳолии камбизоат шартан ба се блок муттаҳид карда шудаанд:

(а) Блоки функсионалӣ, ки шароитҳои дахлдори институтсионалии рушдро таъмин намуда, бахшҳои зайлро дар бар мегирад: ислоҳоти идоракунии давлатӣ; рушди макроиқтисодӣ; беҳбуди фазои инвеститсионӣ, инкишофи бахши хусусӣ ва соҳибкорӣ; ҳамкориҳои минтақавӣ ва ҳамгироӣ ба иқтисодиёти ҷаҳонӣ;

(б) Блоки истеҳсолӣ, ки барои рушди иқтисодӣ шароитҳои моддиро таъмин намуда, бахшҳои зайлро муттаҳид месозад: амнияти озуқаворӣ ва рушди бахши аграрӣ; рушди инфраструктура, энергетика ва саноат;

(в) Блоки иҷтимоӣ, ки дастрасии васеъро ба хизматрасониҳои заминавии иҷтимоӣ ва ҳалли масъалаҳои рушди ҷомеа таъмин намуда, бахшҳои зеринро дар бар мегирад: рушди системаи тандурустӣ; рушди системаи маориф ва илм; тавсеаи дастрасӣ ба таъминот бо об, санитария ва хоҷагии манзилию коммуналӣ; такмили ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ; таъмини баробарии гендерӣ; таъмини суботи экологӣ.

Стратегияҳо, барномаҳо ва нақшаҳои рушди қабулгардида ва таҳияшавандаи давлатӣ, соҳавӣ ва минтақавӣ барои татбиқи СПКСК тағйири тамоил (самт) карда хоҳанд шуд (аз ҷумла БИД ва БММ).

СПКСК яке аз воситаҳои муошират бо ҳамаи тарафҳои манфиатдор, аз ҷумла бизнес ва ташкилотҳои ғайридавлатӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ ва кишварҳои хориҷӣ – донорҳои Тоҷикистон мебошад. Аз ин рӯ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоми кӯшишро ба харҷ медиҳад, ки вазифаҳо ва амали СПКСК ҳангоми таҳияи барномаҳои кумаки техникӣ ва молиявӣ ба кишвар ба инобат гирифта шаванд.

Ҳар як вазифаи СПКСК дар шакли номгӯи амали мушаххас, бо дарназардошти мӯҳлатҳои муқарраргардидаи татбиқ, иҷрокунандагон ва манбаи маблағгузорӣ, инчунин омилҳои миқдорию сифатӣ ифода гардидааст. Номгӯи мушаххаси фаъолият дар соҳаи рушд ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ, ки ба СПКСК асос ёфтааст, ҳамасола аз ҷониби Ҳукумат тасдиқ карда мешавад.

Бо мақсади баррасии дастовардҳо дар татбиқи СПКСК Ҳукумат номгӯи индикаторҳои байналмилалӣ, миллӣ ва бахширо интихоб намудааст, ки ҳангоми мониторинг ва арзёбии фаъолияти пешбининамудаи СПКСК илова карда ё тағйир дода мешаванд.

## 2. НАТИҶАҲОИ ТАТБИҚИ ҲСПКСК БАРОИ СОЛҲОИ 2002-2006

### 2.1. Камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: вазъи ҷорӣ, раванд ва проблемаҳои асосӣ

2.1.1. Вазъи камбизоатӣ, раванд ва проблемаҳои асосӣ

Сарфи назар аз методикаи интихобгардидаи ҳисоб сатҳи камбизоатӣ амиқан рӯ ба таназзул аст. Мисол, маълумоти мавҷуда (бо ҳисоби сатҳи умумии камбизоатии мутлақ нисбат ба сатҳи даромади ниҳояти нодорӣ дар асоси US$2.15 ва US$1.08 ТҚХ дар як рӯз) нишон медиҳад, ки аз соли 1999 инҷониб сатҳи камбизоатӣ аз 87 фоиз дар соли 2003 то 64 фоиз ва мутобиқи маълумоти арзёбӣ (баҳодиҳӣ) дар соли 2004 то 57 фоиз паст гардид. Нодории аз ҳад зиёд ду маротиба камтар шуда, аз 36 фоиз дар соли 1999 то 18 фоиз дар соли 2003 паст фаромад. Бо дарназардошти раванди рушд эҳтимол меравад, ки сатҳи камбизоатӣ дар ҷараёни солҳои 2005 ва 2006 низ паст гардидааст, вале сатҳи дақиқи паст гардидани камбизоатиро метавон танҳо дар соли 2007, вобаста ба таҳлили нақшавии сатҳи зиндагии аҳолӣ муайян кард. Паст гардидани сатҳи камбизоатӣ дар солҳои 1999-2004 аз бисёр ҷиҳат ба рушди иқтисодӣ алоқаманд аст, ки натиҷаи суботи макроиқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ дар кишвар мебошад. Вале, сарфи назар аз дастовардҳои зикргардида, Тоҷикистон бо сатҳи ММД барои ҳар як нафар аҳолӣ дар ҳаҷми 337.5 доллари ШМА дар соли 2005 ҳанӯз ҳам яке аз ҷумҳуриҳои камбизоаттарин дар минтақа боқӣ мемонад.

Пардохтҳои расмӣ (музди меҳнат ва нафақа) на ҳамеша имконият медиҳанд, ки хоҷагиҳои ҳавлигӣ аз гурӯҳи камбизоатон раҳоӣ ёбанд. Вобаста ба ин омили муҳиме, ки ба паст гардидани сатҳи камбизоатӣ дар Тоҷикистон таъсир мерасонад, манбаъҳои даромади хоҷагиҳои ҳавлигӣ аз заминҳои наздиҳавлигӣ, парвариши чорвои хурд ва маблағгузаронӣ аз хориҷа ба ҳисоб меравад. Чуноне аз маълумоти мавҷуда бармеояд, хоҷагиҳои ҳавлигӣ, ки даромадашон танҳо ба пардохтҳои расмӣ алоқаманд аст, вобаста ба камбизоатӣ нисбат ба онҳое, ки манбаҳои гуногуни даромад доранд, бештар осебпазиранд.

**Паст гардидани камбизоатӣ ҳам дар сатҳи байниминтақавӣ ва ҳам дар сатҳи субминтақавӣ дорои хусусияти баробар набуд**. Дар сатҳи минтақавӣ паст гардидани камбизоатӣ аз 12 то 26 фоиз ба мушоҳида расид. Дар НТҶ сатҳи нисбатан босуръати паст гардидани камбизоатӣ (26 фоиз) ба қайд гирифта шудааст, ҳол он, ки дар дигар минтақаҳои кишвар ин суръат амалан ду маротиба камтар буда, нишондиҳандаи пасттарин - 12 фоиз дар шаҳри Душанбе ба мушоҳида мерасад. Нишондиҳандаҳои нодории аз ҳад зиёд дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон бештар кам гардидааст (33 фоиз).

Нақшаи 1

Раванди паст гардидани сатҳи камбизоатӣ

| **Минтақа ҳо** | **Аҳолӣ (2003)** | **Сатҳи камбизоатӣ 2003 ТҚХ** | **Ҳиссаи умумии аҳолии камбизоат** | **Паст гардидани сатҳи камбизо** | **Сатҳи нодории ниҳоӣ 2003** | **Паст гардидани сатҳи ниҳоии** | **Нобаробарӣ (2003)** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|

| | | ($2.15) | (2003) | атӣ 1999 – 2003 | ТҚХ ($1.08) | нодорӣ 1999 – 2003 | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| ВМКБ | 197,000 | 84% | 4% | -13% | 36% | -33% | 0.30 |
| Суғд | 2,123,000 | 64% | 32% | -15% | 16% | -11% | 0.32 |
| Хатлон | 2,169,000 | 78% | 40% | -13% | 27% | -22% | 0.35 |
| Душанбе | 630,000 | 49% | 7% | -12% | 12% | -1% | 0.37 |
| НТР | 1,553,000 | 45% | 17% | -26% | 9% | -16% | 0.31 |
| **Ҳамагӣ** | **6,672,000** | **64%** | **100%** | **-18%** | **18%** | **-18%** | **0.35** |

Хусусияти тафриқаи минтақавӣ асосан ба фарқияти сатҳи даромад, арзиши рӯзгузаронӣ ва сатҳи умумии рушди иҷтимоию иқтисодии ин ё он минтақа алоқаманд мебошад. Ҳамчунин дар дохили минтақаҳои алоҳидаи кишвар низ фарқияти назаррас ба мушоҳида мерасад, ки ба ҷойгиршавии ҷуғрофии ноҳияҳо (ҷойгиршавӣ дар пастхамиҳо, маҳалҳои кӯҳӣ), наздик ба ҳудуди шаҳрҳои калон ё марказҳои саноатӣ, тамоилҳо дар соҳаи кишоварзӣ ва ғайра) алоқаманд мебошад. Мисол, ба паст гардидани сатҳи камбизоатӣ дар Вилояти Суғд барқарорсозии корхонаи алоҳидаи саноатӣ; дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, ки минтақаи алоҳидаи кӯҳӣ ва камаҳолӣ мебошад, фароҳам овардани кӯмаки башардӯстона, рушди бахши хусусӣ ва афзоиши маблағгузорониҳои хусусӣ; дар НТҶ (маҳали ҷойгиршавии Заводи алюминий) рушди саноат, афзоиши шуғл ва тавсеаи соҳаи кишоварзии ғайрипахтакорӣ мусоидат намуд.

Мутобиқи нишондиҳандаҳои мутлақ, аксарияти мардуми камбизоат дар вилоятҳои Хатлон ва Суғд зиндагӣ мекунанд, ки 65 фоизи тамоми аҳолии Тоҷикистонро фаро мегиранд. Ба ин минтақаҳо 72 фоизи аҳолии камбизоат ва 75 фоизи аҳолии ниҳоят нодор рост меояд, ки муҳимияти дар ин ду вилоятҳои сераҳолӣ мутаваҷҷеҳ сохтани азму талошро тақозо менамояд.

**Сарфи назар аз афзоиши назарраси суръати паст гардидани сатҳи камбизоатӣ дар деҳот нисбат ба шаҳрҳо, камбизоатӣ ба таври афзалиятнок хоси деҳот мебошад.** Дар соли 2003 65 фоизи аҳолии деҳот бо дороии камтар аз 2.15 доллари ШМА ТҚХ (таносуби қудрати харидорӣ) дар як рӯз зиндагӣ мекард, ҳол он ки дар шаҳрҳо ин нишондиҳанда 59 фоизро ташкил дод. Вале сатҳи паст гардидани камбизоатӣ дар солҳои 1999-2003 нисбат ба шаҳрҳо (14 фоиз) бештар дар деҳот (19 фоиз) ба мушоҳида расид. Дар соли 2004 фарқияти камбизоатӣ байни шаҳр ва деҳот боз ҳам пасттар гардида, айни замон чандон назаррас намебошад (мутобиқи арзёбиҳо камбизоатӣ дар шаҳрҳо 58 фоиз ва дар деҳот 57 фоизро ташкил медиҳад). Камбизоатӣ дар шаҳрҳо аз бисёр ҷиҳат ба мавҷуд набудани ҷойҳои корӣ ва гирифтани маош дар иқтисодиёти расмӣ ва дар деҳот бошад- аз сабаби даромади паст, махсусан дар соҳаи кишоварзӣ, инчунин дастрасии нокифоя ба хизматрасониҳои заминавии иҷтимоӣ (маориф, тандурустӣ, таъминот бо об ва ғайра) алоқаманд мебошад.

**Таъсири самараи рушди иқтисодӣ ба паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар деҳот бештар аст.** Беш аз 70 фоизи аҳолии Тоҷикистон ва аксари аҳолии камбизоат дар деҳот зиндагӣ мекунанд. Чандирии сатҳи камбизоатӣ вобаста ба рушди иқтисодиёт дар деҳот нисбат ба шаҳрҳо баландтар буда, мутаносибан 0,71 ва 0,61-ро ташкил медиҳад. Ин дар маҷмӯъ нишон медиҳад, ки таъсири дигаргуниҳои сохторӣ дар соҳаи кишоварзӣ, махсусан дар бахши пахтакорӣ ва ислоҳоти замин барои паст кардани сатҳи камбизоатӣ таъсири нисбатан муассир мерасонад.

**Нишондиҳандаҳои демографӣ ба сатҳи камбизоатӣ таъсири мустақим мерасонанд.** Чунин нишондиҳандаҳо ба монанди андозаи хоҷагиҳои ҳавлигӣ, теъдоди атфол, ҷинс ва синну соли аъзои ҳавлӣ ҳангоми арзёбии сатҳи камбизоатӣ омилҳои муайянкунанда мебошанд. Мисол, дар муқоиса бо сатҳи миёнаи камбизоатӣ дар кишвар (64 фоиз), хатари камбизоатшавии онҳо нисбат ба хоҷагиҳои ҳавлигии дорои ду кӯдак ё камтар аз он ду маротиба бештар аст. Афзоиши босуръати аҳолӣ (10 фоиз дар 7 соли охир)

барои системаи маориф, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ боиси шароитҳои хоси маҳдудсозанда мегардад, ки бе ин ҳам бо ниҳояти имкониятҳои хеш фаъолият мекунанд. Омилҳои демографӣ ба бозори меҳнат низ таъсир мерасонанд, ки дар он аз ҳоло афзалияти пешниҳодҳо нисбат ба талабот ба мушоҳида мерасад.

Ҳарчанд вазъи вобаста ба мавзӯи гендерӣ беҳтар гардидааст, масъалаҳои ба мардону занон баробар дастрас будани маориф ва истифодаи замин, раванди қабули қарор ва шуғл ҳанӯз ҳам мубрам боқӣ мемонад. Омӯзиши вақтҳои охир нишон медиҳад, ки байни хоҷагиҳои ҳавлигие, ки мардон ва занон сарварӣ менамоянд, фарқияти моҳиятан муҳим вуҷуд надорад. Ин ҳам ба хоҷагиҳои ҳавлигии шаҳрҳо ва ҳам хоҷагиҳои ҳавлигии деҳот дахл дорад. Айни замон иштироки занон дар бозори меҳнат, аз ҷумла бозори ғайрирасмӣ, махсусан дар деҳот дар сатҳи паст қарор дорад. Дар соли 2004 мардон нисбат ба занон ду маротиба бештар шуғл меварзиданд. Ҳамчунин фарқияти муҳими гендерӣ нисбат ба таҳсил дар мактабҳо ба мушоҳида мерасад: дар деҳот духтарон нисбат ба писарон ду маротиба ва дар шаҳрҳо се маротиба камтар ба мактаб фаро гирифта шудаанд. Мисол, то синни 18 танҳо 40 фоизи писарон ва 10 фоизи духтарон ба мактаб фаро гирифта мешаванд.

### 2.1.2. Бозори меҳнат, шуғл ва камбизоатӣ

**Бекориро метавон ҳамчун яке аз омилҳои асосии камбизоатӣ баррасӣ намуд**. Мисол, агар сардори хоҷагии ҳавлигӣ бекор бошад ё корро аз даст диҳад, хатари камбизоат гардидани ӯ ниҳоят меафзояд. Нишондиҳандаҳои камбизоатии хоҷагиҳои ҳавлигие, ки сарварони онҳо пурра машғули кор нестанд, нисбат ба сатҳи миёна баландтар мебошад, ки ин махсусан дар деҳот ба мушоҳида мерасад.

Ҳарчанд аз солҳои 2000 то 2004 сатҳи бекорӣ 1.9 банди фоизӣ кам гардида, 7.4 фоизро ташкил дод, суръати рушди шуғл аз суръати рушди захираҳои меҳнатӣ камтар аст. Ин гувоҳӣ медиҳад, ки захираҳои меҳнатии «барзиёдатӣ» ё ҳамчун бекор ба қайд гирифта нашудаанд ё дар бахши ғайрирасмӣ кор мекунанд ё аз ҳудуди Тоҷикистон муҳоҷират кардаанд. Ҳамчунин вобаста ба сохтори шуғл фарқиятҳои моҳиятан муҳими байниминтақавӣ вуҷуд дорад, ки бо мутамарказии махсусан зиёди захираҳои меҳнатӣ дар минтақаҳои сераҳолӣ ба мисли ш.Душанбе тавсиф мегардад. Аз нигоҳи шуғл ва камбизоатӣ занони кӯдакдор махсусан дар деҳот осебпазир мебошанд. Агар иқтисодиёт ва аҳолӣ бо суръати мавҷуда афзоиш ёбад ва дар бозори меҳнат тағйироти моҳиятан муҳим рух надиҳад, пас дар давраи миёнамӯҳлат ин боиси сарбории иловагӣ ба системаи хизматрасониҳои ҷамъиятӣ мегардад.

**Бекорӣ дар байни ҷавонон проблемаи муҳим боқӣ мемонад.** Ҳиссаи ҷавонон (15-20 сола) дар сохтори умумӣ ва шумораи бекорони ба қайд гирифташуда ниҳоят баланд буда, 60-65 фоизро ташкил медиҳад. Ҳисоби миёнаи синни бекор – 29.6 мебошад. Ҳамзамон бо дарназардошти даромади ночиз ва ҳаҷми пасти нафақа тақрибан 43 фоизи мардон ва 15 фоизи занони беш аз 60-сола корро идома медиҳанд.

**Меҳнати кӯдакон дар Тоҷикистон боз яке аз ченаки муҳими камбизоатӣ ба ҳисоб меравад**. Масъалаи мазкур ниҳоят мураккаб ва вобаста ба табиат гуногунсоҳа мебошад, ки ба он як қатор омилҳо ба монанди камбизоатӣ, анъанаҳои маҳаллӣ, андозаи ҳавлӣ ва ғайра таъсир мерасонад. Натиҷаҳои Арзёбии қувваи корӣ (2004) нишон дод, ки қариб 2.7 фоизи ҳамаи кӯдакони 12 то 14- сола тамоми ҳафтаи корӣ кор мекарданд. Дар деҳот нисбат ба шаҳрҳо меҳнати кӯдакон музднок истифода гардида, онҳо асосан дар соҳаи кишоварзӣ, тиҷорат, сохтмон ва бизнеси хурд машғули кор мебошанд.

### 2.1.3. Камбизоатии ғайримоддӣ

**Сарфи назар аз афзоиши маблағгузории системаи маориф ҳанӯз ҳам дар қисми таъмини таҳсилоти хушсифат ва дастрас будани он бояд корҳои зиёде анҷом дода шавад**. Нокифоягии маблағгузорӣ ҳамчун яке аз пароблемаи асосӣ дар бахши маориф боқӣ мемонад. Хароҷоти буҷет дар соҳаи маориф аз 2.3 фоизи ММД дар соли 2000

то 2.7 фоизи ММД дар соли 2005 афзоиш ёфт. Қисми зиёди хароҷот аз ҳисоби донорҳо ва худи хоҷагиҳои ҳавлигӣ пӯшонида мешаванд. Ҳолати умумии инфраструктура ва таъминоти моддию техникии муассисаҳои маориф дар сатҳи паст қарор дорад. Таълим ва омодасозии омӯзгорон, инчунин таҳсилоти касбии техникӣ, таҳия ва такмили нақшаҳои таълимӣ ва афзоиши музди меҳнати омӯзгорон низ таваҷҷӯҳи ҳамарӯзаро тақозо менамояд.

**Рушди демографӣ ва маҳдуд гардидани маблағгузорӣ имконияти ба аҳолӣ дастрас будани хизматрасониҳои маорифро маҳдуд месозад**. Мутобиқи Арзёбии камбизоатӣ (2005) 20 фоизи хоҷагиҳои ҳавлигии нисбатан нодор тақрибан 5.5 фоизи буҷети худро барои таҳсил сарф карда, сару либос, асбобу анҷоми мактаб, китоб ва ғайраро бо мушкилоти зиёд дастрас менамоянд. Дар натиҷа фарогирии кӯдакон ба мактабҳои миёна хеле кам гардида, вобаста ба ҳамаи минтақаҳо ба ҳисоби миёна дар кишвар 88 фоизро ташкил медиҳад.

Вазъ дар соҳаи тандурустӣ низ ҳанӯз мушкил боқӣ мемонад. Системаи тандурустӣ ҳам аз нокифоягии маблағгузорӣ душворӣ мекашад (хароҷоти умумӣ барои тандурустӣ нисбат ба ММД тақрибан 1.5 фоизро ташкил дод). Сарфи назар аз беҳбуди баъзе ҷанбаҳои соҳаи тандурустӣ як қатор проблемаҳои мубрам ҳанӯз ҳам ҳал нагардидаанд ва дастрасии аксарияти аҳолӣ ба хизматрасониҳои тиббӣ маҳдуд мебошад. Бо мақсади ислоҳи вазъи мавҷуда давлат оид ба ҷорӣ намудани пакети хизматрасониҳои ройгони кафолатноки тиббӣ, инчунин ҷиҳати хизматрасонӣ бо худмаблағгузории қисмӣ ё пурра тадбирҳо меандешад. Ҳамчунин системаи маблағгузории сарикасии муассисаҳои тиббии давлатӣ ҷорӣ карда мешавад.

**Проблемаҳои озуқаворӣ (хӯрок) ва бемориҳои сироятӣ боиси ташвиш аст.** Миқдори ҳодисаҳои гипотрофияи шадид дар байни кӯдакони то 5-сола 60 фоиз афзоиш ёфтааст. Ҳамчунин ҳиссаи кӯдакони то 5 -сола, ки мубталои шакли мунзими гипотрофия мебошанд, низ зиёд гардид. Бо вуҷуди дастовардҳо чунин бемориҳои аз нигоҳи иҷтимоӣ хатарнок ба монанди сил, сурхак, вараҷа (малярия) ва СПИД дар маҷмӯъ ба рушди кишвар, аз ҷумла паст кардани сатҳи камбизоатӣ таҳдид мекунад. Яке аз омилҳои муҳиме, ки боиси мушкилоти мубориза бо бемориҳои зикргардида мебошад, ин ба муҳоҷирати меҳнатӣ ва бад гардидани ҳолати системаи обтаъминкунӣ ва санитария алоқаманд аст.

**Системаи ҳифзи иҷтимоӣ бо мақсади таъмини самарабахшӣ ва иҷрои мувафақонаи функсияҳое, ки ба он қисми зиёди аҳолӣ эҳтиёҷ доранд, ислоҳотро тақозо менамояд**. Ба гурӯҳҳои нисбатан осебпазири аҳолӣ маъюбон, аҳолии калонсол, оилаҳое, ки занон сарварӣ менамоянд, бекорон, ятимон, оилаҳои серфарзанд, аҳолие, ки ба меҳнати дастии ғайритахассусии кишоварзӣ машғуланд, шомил мебошанд. Сарфи назар аз он, ки хароҷоти буҷети кишвар барои ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ меафзояд, дар маҷмӯъ ҳаҷми пардохтҳои иҷтимоӣ ва суроғавӣ будани онҳо ҳанӯз назаррас намебошад. Аз ин рӯ пардохтҳои иҷтимоӣ наметавонанд барои паст кардани сатҳи камбизоатӣ таъсири судманд расонанд ва муассирии онҳо нисбат ба маблағгузаронӣ аз хориҷа ва кумакҳои мухталифи башардӯстона камтар ба мушоҳида мерасад. Системаи имтиёзот ва ҷубронпулиҳо, инчунин системаи таъминоти нафақа, ки ба дастгирии устувори молиявӣ эҳтиёҷ дорад, бояд муносиб карда шавад.

**Дастрасии қувваи барқ, оби нӯшокӣ ва хизматрасониҳои алоқа низ ҳанӯз нокифоя аст**. Сарфи назар аз дастрасии умумии қувваи барқ, инчунин афзоиши ҳаҷми истеҳсоли он интиқоли қувваи барқ номуназзам буда, сифати таъминот махсусан дар фасли зимистон ниҳоят паст аст. Дар Тоҷикистон аксари аҳолӣ ҷиҳати дастрас намудани оби нӯшокӣ мушкилотро эҳсос мекунад. Танҳо аз се як қисми аҳолӣ аз оби хлордори қубурҳо бархурдор буда, 29 фоиз аз оби манбаъҳои мутамарказ ва боқимонда аз обанборҳо ва ҷӯйҳо истифода мебаранд. То 40 фоизи оби истифодашаванда оби нӯшокӣ намебошад ва 41 фоизи аҳолӣ оби пастсифатро истифода мебарад. Дастрасӣ ба хизматрасониҳои алоқа ва телекоммуникатсия низ дорои як қатор маҳдудиятҳо мебошад. Ҳарчанд 98 фоизи аҳолӣ бо барномаҳои телевизион ва 76.6 фоиз бо барномаҳои радио

фаро гирифта шуда бошанд, ҳам аз сабаби номуназзамӣ ва ба муддатҳои тӯлонӣ қатъ гардидани қувваи барқ наметавонанд аз ин хизматрасонӣ истифода баранд. Ҳамзамон системаҳои статсионарӣ ва мобилии алоқаи телефонӣ афзоиш ёфта, мунтазам нав карда мешаванд.

Ҳукумат ҷиҳати барқарорсозии системаи роҳ, сохтмони туннелҳо ва кӯпрукҳо кӯшишҳои зиёд намуда, дар бахши авиатсионӣ ва нақлиёти роҳи оҳан як қатор тадбирҳои ибтидоиро оид ба либерализатсия анҷом медиҳад.

**Муҳоҷирати меҳнатӣ барои аксари хоҷагиҳои ҳавлигӣ стратегияи муҳими зиндагӣ ба ҳисоб рафта, кафолати суботи иҷтимоӣ мебошад**. Бо вуҷуди рушди нисбатан баланди демографӣ афзоиши миқдори ҷойҳои кории таъсисёфта ҳанӯз маҳдуд аст. Бо дарназардошти ин муҳоҷирати захираҳои меҳнатӣ барои хоҷагиҳои ҳавлигӣ ҷиҳати пайдо намудани кори пардохтшаванда яке аз усулҳои нисбатан паҳнгардида ба ҳисоб меравад. Арзёбии муҳоҷирон, ки соли 2005 доир гардид, нишон медиҳад, ки муҳоҷири меҳнатӣ -ин тоҷик, бо синни ҳисоби миёнаи 34 сола, оиладор, соҳиби 5 фарзанд, инчунин дорои таҳсилоти миёна ё техникӣ мебошад. Маблағгузаронӣ дар навбати худ барои аксари оилаҳои мӯҳтоҷ манбаи муҳими даромад ба ҳисоб рафта, барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти асосӣ равона карда мешавад. Маблағгузаронӣ қобилияти харидории шахсони камбизоатро афзун намуда, барои оилаҳо ҳамчун системаи ҳифзи иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад. Аксари маблағгузаронӣ ба деҳот (тақрибан 70 фоиз) рост меояд, ки дар онҳо сатҳи камбизоатӣ ниҳоят баланд аст.

Мутобиқи охирин арзёбии сатҳи камбизоатӣ то 25 фоизи даромади умумии хоҷагиҳои ҳавлигӣ аз ҳисоби маблағгузаронии муҳоҷирини меҳнатӣ ба даст меояд. Дар соли 2004 мутобиқи арзёбии расмӣ 420.6 ҳазор муҳоҷирини меҳнатӣ ба хориҷа сафар намуданд. Сатҳи расман эълоншудаи маблағгузаронӣ дар соли 2005 нисбат ба ММД-и кишвар 17 фоизро ташкил дод.

2.1.4. Мушкилоти паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва дурнамои вазъи камбизоатӣ бо дарназардошти рушди пешбинишавандаи иқтисодӣ

**Сарфи назар аз дастовардҳои назаррас мутобиқи арзёбӣ сатҳи камбизоатии аҳолӣ метавонист боз ҳам пасттар гардад, агар дар бахшҳои муҳими иқтисодиёт суръатбахшии ислоҳот сурат мегирифт**. Паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар Тоҷикистон аз бисёр ҷиҳат ба натиҷаҳои суботи макроиқтисодӣ ва сиёсӣ, маблағгузарониҳои назарраси муҳоҷирон, ислоҳоти ибтидоӣ ва кӯшишу талошҳо оид ба либерализатсияи иқтисодиёт вобаста аст. Барои минбаъд таъмин намудани рушди устувору босуботи иқтисодиёт ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ бояд ислоҳоти мақсадноки сохторӣ ва соҳавӣ (кишоварзӣ, энергетика, маориф, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоӣ), инчунин ислоҳоти ҳамаҷонибаи насли дуюм гузаронида шавад (идораи давлатӣ, хароҷоти давлатӣ ва идоракунии молиявӣ, рушди бахши хусусӣ).

**Барои паст кардани сатҳи камбизоатӣ қабл аз ҳама рушди иқтисодӣ ва тақсими мутаносиби натиҷаҳои он дар ҷомеа зарур мебошад**. Дар сурате, ки нишондиҳандаҳои мақсадноки нодории ниҳоӣ аллакай ба даст омадааст (18 фоиз дар соли 2003 нисбат ба 36 фоиз дар соли 1999), бояд сатҳи рушди иқтисодӣ, ки барои ноил гардидан ба Мақсадҳои рушди ҳазорсола (МРҲ) тақозо мегардад, оид ба ҳаҷми даромадҳо ҳадди ақал 3 фоизро ташкил диҳад. Мутобиқи ҳисобҳо мутаносибан 1 фоиз рушд ёфтани иқтисодиёт боиси 0.46 фоиз паст гардидани нишондиҳандаи умумии камбизоатӣ ва 1 фоиз афзудани ММД аз рӯи ҳисоби ба ҳар сари аҳолӣ боиси 0.62 фоиз паст гардидани нишондиҳандаи умумии камбизоатӣ хоҳад шуд. Ҳамзамон он далел муҳим аст, ки нишондиҳандаҳои нобаробарӣ беш аз 6 фоиз - дар давраҳои байни солҳои 1999 ва 2003 мутаносибан аз 0.33 то 0.35 афзоиш ёфт ва эҳтимоли афзоиши минбаъдаи он ҷой дорад. Чунин самараи пасти рушди иқтисодӣ ва афзоиши нишондиҳандаҳои нобаробарӣ боиси ташвиш аст. Вобаста ба ин муҳим аст, ки на танҳо рушди иқтисодӣ таъмин гардад,

инчунин даромади миллӣ байни аҳолии кишвар аз нигоҳи иҷтимоӣ ба таври муносиб тақсим карда шавад.

**Аз нигоҳи соҳавӣ соҳибкорӣ, кишоварзӣ ва хизматрасониҳо барои паст кардани сатҳи камбизоатӣ дорои нерӯи бештар мебошанд**. Дар шароити маҳдудияти ҷойҳои корӣ худмашғулияти аҳолӣ тавассути соҳибкории хурду миёна ҳангоми кам гардидани монеаҳои аз ҳад зиёди маъмурӣ ҷиҳати паст кардани сатҳи камбизоатӣ дорои нерӯи бештар аст. Афзоиши ҳосилнокӣ дар соҳаи кишоварзӣ (аз бисёр ҷиҳати аз ҳисоби бахши ғайрипахтакорӣ) ба паст кардани сатҳи камбизоатӣ он қадар таъсири назаррас ворид нанамудааст. Сарфи назар аз он, ки хароҷот ба ҳар сар аҳолӣ ва ҳисса дар ММД ба ҳар сар аҳолӣ дар соҳаи кишоварзӣ мутаносибан 50 фоиз ва 46 фоиз афзоиш ёфт, суръати паст гардидани камбизоатӣ дар дохили бахш танҳо дар мавқеи сеюм ва чандирии камбизоатӣ нисбат ба ММД ба ҳар сар аҳолӣ баъди чунин бахшҳо ба монанди хизматрасонӣ ва инфраструктура (саноати кӯҳкорӣ, энергетика, соҳаи газ, обтаъминкунӣ) танҳо дар мавқеи чорум қарор дорад. Аз ин рӯ самти асосии талошҳои минбаъда дар қисми паст кардани камбизоатӣ тавассути рушди соҳибкорӣ, интенсификатсияи соҳаҳоиислоҳоти сохторӣ дар соҳаи рушди деҳот, мисол ислоҳоти замин, ҳалли одилона ва босуботи проблемаҳои қарзи хоҷагиҳои пахтакор дар доираи барномаи маҷмӯии ислоҳоти бахши пахтакорӣ мубрам ба назар мерасад.

## 2.2. ҲСПКСК: сабақҳои андӯхта

Мақсади асосии Стратегияи барои солҳои 2002-2006 қабулгардида аз зиёд кардани даромадҳои воқеии аҳолӣ ва тақсими одилонаи натиҷаҳои рушди иқтисодӣ иборат буд. Самтҳои асосии ҲПКСК  аз инҳо иборат буданд: (1) ҳавасмандгардонии рушди босуръати иқтисодии аз нигоҳи иҷтимоӣ одилона, меҳнатталаб ва ба содирот нигаронидашуда; (2) ба таври одилона ва самарабахш фароҳам овардани хизматрасониҳои асосии иҷтимоӣ; (3) дастгирии суроғавии қишрҳои нисбатан камбизоати аҳолӣ; (4) идоракунии самарабахш; (5) беҳбуди амният.

**Дар маҷмӯъ натиҷаи татбиқи ҲСПКСК гуногун тавсиф карда мешавад.** Сарфи назар аз дастовардҳои муайян дар идоракунии макроиқтисодӣ ва рушди қонунгузорӣ тадбирҳо оид ба дигаргуниҳои сохторӣ пурра дар амал татбиқ нагардиданд. ҲСПКСК ҳамчунин натавонист натиҷаҳои муосиру хушсифатро собит созад. Мисол, дастрасии аҳолӣ ба хизматрасонии заминавии иҷтимоӣ ҳамчун яке аз омилҳои ба таври самарабахш паст намудани камбизоатӣ дар сатҳи  поин қарор дорад.

Дастгирии суботи макроиқтисодӣ дар доираи ҲСПКСК омили асосии раванди паст кардани камбизоатӣ мебошад. Мақсади Стратегия аз ноил гардидан ба рушди ММД-и воқеӣ дар сатҳи 6 фоиз дар як сол, дар ҷараёни солҳои 2002 - 2005 паст кардани таваррум то сатҳи солонаи 5 фоиз иборат буд. Хизматрасонии устувори қарзи беруна дар маркази таваҷҷӯҳи ҲСПКСК қарор дошт.

Дар давраи татбиқи ҲСПКСК рушди афзояндаи иқтисодӣ ба мушоҳида расид, ки ба ҳисоби миёна 9.5 фоизро ташкил дод. Аз соли 2003 сар карда  вобастагии натиҷаҳои иқтисодӣ аз истеҳсоли пахта ва алюминий аз ҳисоби бахши ғайрипахтакории соҳаи кишоварзӣ, инчунин афзоиши ҳиссаи хизматрасонии бахш ба ММД камтар гардид. Рушди иқтисодӣ инчунин қисман ба афзоиши талаботи дохилӣ вобаста ба маблағгузорониҳои шаҳрвандон, ки дар хориҷа кор мекунанд, алоқаманд аст. Сарфи назар аз маҳдудиятҳои фискалӣ Ҳукумат барои бахши иҷтимоӣ, аз ҷумла барои маориф, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ хароҷотро зиёд намуд. Ҳарчанд ин ҳаҷми маблағ низ нокифоя аст, дар соли 2005 40.5 фоизи буҷет ба соҳаи иҷтимоӣ равона гардид, ки нисбат ба ММД 8.7 фоизро ташкил медиҳад. Илова ба ин то 31 фоиз нисбат ба ММД кам гардидани қарзи беруна дар соли 2005 ба кам гардидани касри буҷет мусоидат намуд.

Ба сабақҳои асосии ҲСПКСК инҳоро метавон марбут донист: (1) то андозае махсус будани раванди омодагӣ ба татбиқи ҲСПКСК; (2) нокифоягии дақиқии принсипҳои асосӣ

ва методологияи ҲСПКСК; (3) нокифоягии ҳамоҳангсозӣ ва муносибгардонии фаъолияти донорҳо.

**1. Махсус будани раванди ҲСПКСК**. Ҳарчанд ҲСПКСК ҳамчун ҳуҷҷати асосии стратегии кишвар қабул гардид, раванди татбиқи он ба фаъолияти сохторҳои давлатӣ вобаста ба ҷабҳаҳои институтсионалӣ, ташкилӣ ва молиявӣ ҳамгироӣ карда нашуда буд. Сабақи асосӣ аз он иборат аст, ки аксар ҲСПКСК ҳамчун ҳуҷҷате баррасӣ мегардид, ки чорабиниҳои якдафъаинаро дар назар дорад, на ҳамчун ҳуҷҷате, ки раванди доимиро инъикос менамояд ва барои ноил шудан ба мақсадҳои паст кардани камбизоатӣ нигаронида шудааст.

**Аз нигоҳи институтсионалӣ** функсияҳо оид ба татбиқи ҲСПКСК ва арзёбии дастовардҳо дар функсияҳо ва сохторҳои дахлдор давлатӣ дар сатҳҳои гуногуни ҳокимияти давлатӣ мавқеи худро пайдо карда натавонист. Бар ивази ҳамгироии давра ба давраи функсияи мазкур аксар вақт сохторҳои нав таъсис меёфтанд, ки аз ҳисоби ин ё он донор маблағгузорӣ гардида, на аз нигоҳи институтсионалӣ ва на аз нигоҳи молиявӣ устувор нестанд. Таъсиси шӯъбаи мониторинг ва арзёбии ҲСПКСК-ро дар Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон метавон ҳамчун қадами аввалин дар таҳкими институтсионалии раванди татбиқи ҲСПКСК баррасӣ намуд. Аммо «таъсири» раванди ҲСПКСК бояд аз нигоҳи маҷмӯӣ, бо дарназардошти таъмини молиявии мутаносиби раванд ва тақсими дақиқи меҳнат байни сохторҳои давлатӣ ва ғайридавлатии ба ин раванд ҷалбгардида баррасӣ карда шавад. Дар аксар ҳолатҳо афзалият, мақсад ва вазифаҳои барнома ё стратегияҳои соҳавӣ ва минтақавӣ ба муқаррароти ҲСПКСК мувофиқ набуданд.

Аз нигоҳи ҷанбаи ҳуқуқӣ мақоми ҲСПКСК он қадар дақиқ набуд, вобаста ба иҷрои муқаррароти он боиси гуногунфаҳмӣ гардид. Ҳамчунин мақоми ҳуқуқии БИД ва БМБ, ки бояд як ҳалқаи ба ҳам пайвасткунанда байни ҲСПКСК ва хароҷоти давлатӣ мегардиданд, ба шарҳу эзоҳ эҳтиёҷ дорад.

Қабули қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ вобаста ба **корҳои ташкилӣ** ба таври зарурӣ барои ноил гардидан ба мақсадҳо, мониторинг ва арзёбии ҲСПКСК самтбахшӣ нашудаанд. Инчунин дастовардҳо дар татбиқи ҲСПКСК барои аз нав самтбахшии сиёсати татбиқшаванда ва ё ба сифати омили арзёбии самарабахшии фаъолияти сохторҳои давлатӣ истифода нагардиданд.

Ноил шудан ба **ҳамгироии молиявии** ҲСПКСК бо буҷети давлатӣ дар натиҷаи фарқияти принсипҳое, ки асоси ҲСПКСК-ро ташкил медиҳанд ва принсипҳои системаи буҷетӣ амалан имконнопазир гардид. ҲСПКСК ҳамчун воситаи сиёсати давлатӣ ба принсипҳои соҳавӣ асос ёфт, ҳол он ки системаи буҷетии кишвар мутобиқи принсипи минтақавӣ ташаккул ёфтааст. Вале соҳаи инвеститсияи давлатӣ, ки ҳам аз манбаҳои берунӣ ва ҳам аз воситаҳои буҷетӣ маблағгузорӣ мегардад, метавонист бо ҲСПКСК беҳтар ҳамгироӣ гардад, зеро раванди банақшагирӣ ва татбиқи ҳам Барномаи инвеститсияҳои давлатӣ (БИД) ва ҳам Барномаи маблағгузориҳои мутамарказ (БММ) то дараҷаи муайян ба муносибати соҳавӣ такя менамуд. Яке аз далелҳои ошкорои мавҷуд будани «фарқият» байни БИД, ки асосан аз ҷониби донорҳои гуногун маблағгузорӣ мегардад ва маҳсурияти (хоса будани) раванди тафсири татбиқи лоиҳаҳо, ки аз ҷониби Ҳукумат ба таври мунтазам якҷоя бо чунин институтҳои байналмилалии молиявӣ ба мисли Бонки умумиҷаҳонӣ ва Бонки Осиёии Рушд амалӣ мегардад, аз раванди арзёбии ҷараёни татбиқи ҲСПКСК иборат мебошад, ки аксар аз ҳисоби манбаъҳои беруна маблағгузорӣ карда мешавад.

**2. Принсипҳо ва методологияи ҲСПКСК**. Яке аз масъалаҳои муҳиме, ки ҳалли худро наёфтааст, аз он иборат мебошад, ки дар ҲСПКСК методҳои муайянсозии мақсад ва афзалиятҳои ба ҳам алоқаманд ва ба ҳам қайду шартшудаи умумӣ ва бахшӣ вуҷуд надорад ва номуайянии принсипҳои таҳия ва татбиқи ҲСПКСК, дигар барномаҳои соҳавӣ ва минтақавӣ ба мушоҳида мерасад. Ҳамчунин дақиқ намудани мафҳуми камбизоатӣ ва инфраструктураи оморӣ он бояд ба мувофиқа расонида шавад. Мисол, бояд сатҳи

камбизоатӣ, ки давлат эътироф намудааст, дақиқ гардида, методологияи гузаронидани тадқиқоти омории сатҳи зиндагӣ, аз ҷумла бо ҷудо кардани гурӯҳҳои аҳолии нисбатан осебпазир муайян карда шавад. Методология ва раванди таҳия ва татбиқи ҲСПКСК, аз ҷумла чунин ҷабҳаҳои муҳим ба мисли методологияи афзалиятбахшӣ ва ҳисоби арзиши чорабиниҳо, гузаронидани машварат бо аҳли ҷомеа, таъмини арзёбии мустақили раванди татбиқ, робитаи мутақобила ва ғайра низ ба мувофиқа эҳтиёҷ дорад.

**3. Ҳамоҳангсозӣ ва муносибгардонии фаъолияти донорҳо** ҳам барои Ҳукумат ва ҳам барои донорҳо ниҳоят вазифаи мушкил буд. Мисол, дар Тоҷикистон танҳо соли 2006 Шӯрои ҳамоҳангсози донорҳо ба фаъолият шурӯъ намуд, ки статуси машваратӣ дорад. Ҳамоҳангсозии донорҳо дар сатҳи кумаки стратегии кишвар, сиёсат ва лоиҳаҳо танҳо баъди ба охир расидани татбиқи ҲСПКСК дар солҳои 2002-2005 рӯ ба беҳбудӣ овард. Сарфи назар аз он, ки дар маҷмӯъ барномаҳои донорҳо хилофи ҲСПКСК набуданд, вале аксар дараҷаи мутобиқати лоиҳаҳо ба мақсад ва афзалиятҳои ҲСПКСК ҳанӯз нокифоя ба мушоҳида мерасид. Ҷанбаи мазкур дар аксар ҳолатҳо ба сабабҳои талаботи дохилӣ ё муқаррароти худи донорҳо вобаста буд. Ин то андозае бо сабабҳои объективӣ ба монанди беҳбуди вазъи умумии кишвар, таҳияи лоиҳаҳои калони инвеститсионӣ, инчунин тағйирёбии омилҳои беруна алоқаманд аст, ки боиси тақвияти фаъолияти донорҳо дар кишвар гардид.

Муносибгардонии расмиёти донорҳо, асосан ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ, дар сатҳи кишвар ба таври дахлдор татбиқ нагардид. Вале қабули эъломияи Париж дар бораи баланд бардоштани самарабахшии кӯмаки беруна (моҳи марти соли 2005) ба ин раванд суръати дахлдор бахшид. Ҳамзамон номуайянӣ ҷиҳати муқаррарсозии сохтори давлатие, ки барои муколама бо донорҳо оид ба масъалаҳои муносибгардонӣ масъул аст, низ яке аз омилҳое буд, ки дар соҳаи мазкур пешрафти он қадар назаррас ба даст наомад.

Ҳукумат ин хулосаҳо, норасоиҳо ва сабақҳои ҲСПКСК-ро дар солҳои 2002-2006 таҳлил намуда, дар доираи СПКСК-и нав муносибати дахлдори маҷмӯиро таҳия намуд, ки дар поён оварда мешавад:

1. **Хусусияти хоси раванди СПКСК**. Бо дарназардошти Стратегияи татбиқшавандаи ислоҳоти системаи идораи давлатӣ (2006) бояд ба ҳамгироии сохторӣ ва функсионалии раванди СПКСК дар фаъолияти мақомоти азнавташкилшудаи давлатӣ ҳам дар сатҳи марказ ва ҳам дар сатҳи маҳаллӣ таваҷҷӯҳи хос зоҳир намуд. Махсусан ба таъминоти функсионалии меъёрии ҳуқуқӣ ва кадрии Кумитаи давлати омори оид ба ҷамъоварии мунтазам ва таҳлили омори камбизоатӣ ва шуғл бояд диққати махсус дода мешавад. Вазоратҳо (идораҳо), инчунин мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бояд иштироки саривақтӣ ва сифатнокро ба раванди мониторинги татбиқи СПКСК таъмин намоянд ва ҳамзамон таҳия ва татбиқи барномаҳои дахлдори соҳавӣ ва минтақавӣ бояд қатъан мутобиқи муқаррароти СПКСК сурат гирад.

Бо мақсади **муқаррар намудани мақоми нисбатан муайяни ҳуқуқии СПКСК** бояд масъалаҳои мувофиқи мақсад будани ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунгузории миллӣ, аз ҷумла ба қонунҳо вобаста дар бораи барномаҳои иҷтимоию иқтисодӣ, мақомоти молиявии давлатӣ, буҷети давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, омори давлатӣ ва ғайра баррасӣ гардида, инчунин санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқии зарурӣ қабул карда шаванд. Барои ташкил ва татбиқи ин мақсадҳо тасҳеҳи барномаҳои амалкунандаи миёнамӯҳлати иҷтимоию иқтисодӣ ва таҳияи барномаҳои нав бояд дар назди Шӯрои рушди миллӣ гурӯҳҳои иҷроияи доимоамалкунандаи экспертҳои миллӣ ва байналмилалӣ таъсис дода шаванд.

Зарур аст, ки минбаъд **раванди қабули қарорҳои сиёсӣ**, тадбирҳо ва чорабиниҳои барои СПКСК аҳамиятнок ба сифати яке аз ҳуҷҷатҳои муҳими сиёсати давлатӣ самт бахшида шавад. Ҳамчунин зарур аст, ки ба ғайр аз дигар омилҳо мутобиқи мақсад будани арзёбии фаъолияти Ҳукумат, вазорату идораҳои соҳавӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллӣ дар

асоси ноил гардидан ба дастовардҳо, ки мақсадҳои СПКСК дар бар мегиранд, мавриди омӯзиш қарор дода шавад.

**Хусусияти хоси молиявӣ** бояд батадриҷ бартараф карда шавад. Дар аввал зарур аст, ки раванди таҳия ва татбиқи БИД ва БММ барои мақсадҳо ва афзалиятҳои СПКСК пурра самт бахшида шавад. Ҳамчунин таъмини раванди ошкоро ва дақиқи ташаккули БИД ва БММ бо дурнамои муттаҳидсозии минбаъдаи онҳо ниҳоят муҳим аст. Дар дурнамои миёнамӯҳлат ва дар асоси таҷрибавӣ мувофиқи мақсад аст, ки принсипҳои Барномаи миёнамӯҳлати буҷетӣ, ки раванди буҷетиро тибқи принсипҳои соҳавӣ дигаргун месозад, ҷорӣ карда шавад. Бояд раванди арзёбии натиҷаҳо ва самарабахшии лоиҳаҳои давлатӣ, ки аз ҷониби донорҳо маблағгузорӣ мегарданд, бо раванди арзёбии СПКСК алоқаманд карда шавад. Инро метавон дар дурнамои кӯтоҳмӯҳлат тавассути иштирок дар сохторҳои давлатӣ, ки барои мониторинг ва арзёбии СПКСК дар бахши дахлдор масъул мебошанд, дар раванди идораи пакети лоиҳаҳо, ки аз манбаи берунӣ маблағгузорӣ мегарданд, татбиқ намуд. Ҳамчунин муттаҳидгардонии системаи мониторинг ва арзёбӣ, ки дар сатҳи ҳар як лоиҳа мавҷуданд, тибқи принсипи бахшӣ, бо самтгирӣ барои ноил гаштан ба мақсадҳои СПКСК зарур мебошад.

**2. Принсип ва методологияи СПКСК**. Бо дарназардошти эҳтиёҷоти амалан беандоза ба захираҳои мавҷудаи кишвар ва маҳдудияти объективии онҳо мутобиқи мақсад аст, ки принсипҳои самтбахшии мақсадҳо ва чорабиниҳои СПКСК ва Стратегияи нави миллии рушд ба захираҳои дохилӣ ва хориҷӣ қабул карда шавад. Ҳамчунин мувофиқи мақсад аст, ки СПКСК дар навбати аввал барои таъмини рушди босуботи иқтисодӣ, бо дарназардошти тақсимоти аз нигоҳи иҷтимоӣ муносиби натиҷаҳои он байни аҳолӣ самт бахшида шавад. Зарур аст, ки дар доираи татбиқи давраи ибтидоии ислоҳоти системаи миллии омор мафҳуми камбизоатӣ ва шуғл, сатҳи он, методология ва раванди гузаронидани арзёбӣ таҳия ва тасдиқ карда шавад. Дар доираи шарҳи миёнамӯҳлати татбиқи СПКСК зарур аст, ки ба баррасии Ҳукумат ва ҳамаи шарикони барои рушд ҷалбгардида методологияи СПКСК ҳамчун ҳуҷҷат ва раванде, ки ҷавобгӯи воқеияти Тоҷикистон мебошад, пешниҳод карда шавад.

3**. Ҳамоҳангсозӣ ва муносибгардонии фаъолияти донорҳо**. Бо мақсади баланд бардоштани самарабахшӣ ва судмандии ҳамоҳангсозии фаъолияти донорҳо Ҳукумат ба тақвияти муколама бо Шӯрои ҳамоҳангсози донорҳо вобаста ба соҳаҳои афзалиятнок ва барои ҳамоҳангсозии муносиб, аз ҷумла татбиқ, мониторинг ва арзёбии Стратегияи миллии рушд ва СПКСК, амалӣ намудани ислоҳоти бахшҳои энергетика ва пахтакорӣ, ислоҳоти замин, рушди бахши хусусӣ, ислоҳоти системаи маориф, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ бештар таваҷҷӯҳ зоҳир менамояд. Ҳамчунин аз ҷониби давлат барои анҷом додани муколамаи мунтазам бо Шӯрои ҳамоҳангсози донорҳо шарик муайян карда мешавад.

Корҳо оид ба муносибгардонии фаъолияти донорҳо ҳам дар сатҳи стратегияҳои/ барномаҳои кумак ба кишвар ва ҳам дар сатҳи гузаронидани арзёбӣ, тадқиқоти мухталиф ва расмиёти татбиқи лоиҳаҳо идома хоҳад ёфт. Қабули стартегияҳои умумии кумак ба кишвар аз ҷониби институтҳои молиявии байналмилалӣ бо хушнудӣ пазируфта мешаванд. Аз ҷониби донорҳо арзёбии ҳолати системаҳои миллии харид, ҳисоботдиҳии молиявӣ, хароҷоти давлатӣ, фазои инвеститсионӣ ва ғайра бояд хусусияти муштарак дошта бошанд. Ҳамчунин барои муносибгардонии расмиёти харид ва менеҷменти молиявӣ дар доираи лоиҳаҳое, ки аз ҷониби ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ маблағгузорӣ мегарданд, тадбирҳо пешбинӣ гардидаанд. Оид ба истифодаи сохторҳои умумӣ ҷиҳати татбиқи лоиҳаҳо чорабиниҳо андешида мешаванд. Ҳамзамон аз таъсиси сохторҳои алоҳидаи махсус сарфи назар намуда, давра ба давра масъулияти татбиқи лоиҳаҳои инвеститсионӣ ба зиммаи сохторҳои дахлдори давлатӣ гузошта хоҳад шуд. Барои татбиқи чорабиниҳо оид ба муносибгардонӣ аз ҷониби Ҳукумат шарик муайян карда мешавад.

## 3. МАҚСАД ВА САМТҲОИ АСОСИИ СИЁСАТИ СПКСК БАРОИ СОЛҲОИ 2007-2009

1. Мақсадҳои дарозмӯҳлати рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар дар Стратегияи миллии рушд баён гардиданд. Барои давра ба давра ноил шудан ба мақсадҳои дар Стратегияи миллии рушд пешбинишуда дар сатҳи миллӣ татбиқ намудани якчанд барномаҳои пайдарҳами миёнамӯҳлати рушди иҷтимоию иқтисодӣ дар назар дошта шудааст, ки вазифа ва тадбирҳои сиёсати давлатиро вобаста ба шароитҳои мавҷуда ва равандҳои ҷорӣ мушаххас мегардонад. Ҳамаи дигар барнома ва нақшаҳои соҳавию минтақавӣ, сарфи назар аз доираи мӯҳлати онҳо, бояд комилан ба муқаррароти ду ҳуҷҷати стратегии миллӣ мутобиқат гардонида шаванд.

2. Дар айни замон камбизоатӣ дар Тоҷикистон аз нигоҳи моддӣ ва ғайримоддӣ муайян карда мешавад. Камбизоатии моддӣ бо нокифоягии сатҳи даромад барои қонеъгардонии эҳтиёҷоти ҳадди ақали зиндагӣ ва ғайримоддӣ бошад - бо маҳдуд будани дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои маориф, тандурустӣ, амният, иштирок дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва ғайра муайян карда мешавад. Камбизоатӣ рушди сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва инсониро дар кишвар боз дошта, ноил шудан ба мақсадҳои Стратегияи рушди миллиро таҳти хатар мегузорад. Ба таври устувор ва қотеона паст кардани сатҳи камбизоатӣ на танҳо аз нав тақсим намудани даромади миллию иҷтимоӣ, балки бештар рушди устувори иқтисодиётро тақозо менамояд, ки дар ҷараёни он шахсони камбизоат метавонанд кор пайдо кунанд, барояшон хизматрасониҳои ҳаётан муҳим, суғуртаи иҷтимоӣ ва мавқеи сазовор дар ҷомеа дастрас бошад. Маҳз аз ҳамин сабаб барномаи якуми миёнамӯҳлати иҷтимоию иқтисодӣ, ки ба татбиқи Стратегияи миллии рушд нигаронида шуда буд, аз СПКСК иборат аст, ки тамоми мӯҳтавои он барои ҳалли проблемаҳои паст кардани сатҳи камбизоатӣ равона шудааст. Мақсадҳои СПКСК пурра ҷавобгӯи Мақсадҳои рушди ҳазорсола мебошад, ки Тоҷикистон ҳанӯз соли 2000 ба он ҳамроҳ гардида буд.

3. Мақсади СПКСК аз он иборат аст, ки рушди босуботи сатҳи зиндагии аҳолӣ, махсусан гурӯҳҳои аз нигоҳи иҷтимоӣ осебпазир тавассути рушди иқтисодӣ ва баланд бардоштани нерӯи инсонӣ таъмин карда шавад.

4. Мақсади СПКСК ба аҳамияти мақсадноки индекаторҳои асосӣ ифода ёфтааст, ки рушди ҳамаи ҷабҳаҳои заминаи осудаҳолии аҳолиро дар давраи татбиқи СПКСК тавсиф менамояд. Ин нишондиҳандаҳои мақсадноки паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар нақшаи 2 оварда шудаанд. Дигар барномаҳо ва нақшаҳои соҳавӣ ва минтақавии рушд бояд ба СПКСК мутобиқ бошанд ва дар давраи миёнамӯҳлат ноил шудан ба мақсадҳои СПКСК-ро таъмин намоянд.

Нақшаи 2.

Индикаторҳои мақсадноки паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар Тоҷикистон дар солҳои 2007-2009

| Нишондиҳандаҳо | Сатҳи заминавӣ (2005) | Аҳамияти мақсаднок (2009) |
|---|---|---|
| Сатҳи ММД ба ҳар сар аҳолӣ (доллари ШМА) | 402,1 (2006) | 485,5 |
| Рушди ҳисоби миёнаи солонаи ММД (%) | 7,0 (2006) | 7,0 |
| Таварруми ҳисоби миёнаи солона (%) | 12,5 (2006) | 6,0 |
| Профисит\қасри буҷети давлатӣ (бе БИД) (%) | +0,3 | -1,0 |
| Сатҳи камбизоатӣ ($2,15 ТҚХ) | 64,0 (2003) | 52,0 |
| Сатҳи нодории аз ҳад зиёд ($1,08 ТҚХ) | 18,0 (2003) | 10,0 |
| Ҳиссаи бахши хусусӣ дар ММД (%) | 43,0 | 55,0 |
| Рушди ҳамасолаи ҳаҷми ҷалбгардидаи инвеститсияҳои маҷмӯии хусусӣ (ба истиснои инвеститсияҳо ба бахшҳои ибтидоӣ) (%) | 100,0 | 110,0 |
| Афзоиши маҳсулоти маҷмӯии кишоварзӣ (%) | 103,1 | 120,0 |
| Афзоиши ҳаҷми истеҳсолоти саноатӣ (%) | 100,0 | 125,6 |

| | | |
|---|---|---|
| Фарогирии умумии кӯдакон ба маълумоти асосии миёна (% аз шумораи умумии кӯдакони синну соли дахлдор) | 97,0 | 98,0 |
| Фавти кӯдакони то 5 сола (ба 1000 навзод) | 79 (МИКИ-3) | 75 |
| Фавти кӯдакон (ба 1000 зинда таваллудшудагон) | 65 (МИКИ-3) | 62 |
| Фавти модарон (ба 100 ҳазор нафар) | 97 | 70 |
| Миқдори шахсони мубталои ВИЧ (нафар) | 627 (2006) | на бештар 2500 |
| Сатҳи беморӣ (ба 100 ҳазор аҳолӣ):<br>варача<br>сил, аз ҷониби ТУТ эҳтимол дониста шудааст<br>гелминтозҳо<br><br>сурхча | <br>37,4<br>177 (2004)<br>292,9 (2004)<br><br>0,0 | <br>20<br>145<br>на бештар<br>292,9<br>0,0 |
| Ҳиссаи аҳолии шаҳр / деҳот, ки барояшон манбаъҳои оби дорои сифати баланд дастрас аст (%) | 93,0/ 49,0 | 96,0/ 51,0 |
| Ҳиссаи дастрасии аҳолии шаҳр / деҳот ба шароитҳои асосии санитарию гигиенӣ (%) | 20,0/ 5,0 | 47,0/ 37,0 |
| Майдони заминҳое, ки дар майдони умумии замин дорои ҷангалзор мебошанд (%) | 100,0 | 105,0 |
| Фоизи аҳолии аз нигоҳи иқтисодӣ фаъол вобаста ба ҷинс (м/з) | 58,3/41,7 (2004) | 57,8/42,2 арзёбии пешакӣ |

5. Мақсадҳои СПКСК таъсири омилҳои берунӣ ва дохилиро инъикос менамояд, ки бо он кишвар дар раванди рушд рӯ ба рӯ гардидааст. Ба ғайра аз омилҳои беруна ба монанди мавҷуд набудани роҳи баромад ба баҳр, дурӣ аз бозорҳои кишварҳои дорои сатҳи баланди даромад, ноустувории вазъи минтақа, ки дар он кишвар қарор дорад, таҳдиди қочоқи модаҳои нашъаовар ва терроризм, ба рушди кишвар инчунин як қатор омилҳои дохилӣ ба монанди системаи бесамараи идораи давлатӣ, иқтисоди диверсификатсиянашуда, сатҳи пасти рақобатпазирӣ, рушди баланди демографӣ, паст гардидани сармояҳои инсонӣ ва физикии бамеросмонда таъсири манфӣ мерасонад. Ҳамзамон СПКСК ба он ақидае асос ёфтааст, ки азму кӯшишҳои мақсаднок ва мувофиқашудаи давлат ва ҷомеа бо кумаки шарикон оид ба рушд имкон медиҳад таъсири ин омилҳо аз байн бурда шуда, мақсадҳои СПКСК дар амал татбиқ гардад, ки метавонад барои ноил шудан бо мақсадҳои Стратегияи миллии рушд замина гузорад. Ҳукумат итминон дорад, ки ташкилотҳои донор вобаста ба имконият, бо дарназардошти СМР/ СПКСК ҷиҳати кумак ба кишвари мо ба барномаҳои худ тағйирот ворид хоҳанд кард.

6. СПКСК ба таъмини ошкорой, шаффофият ва дар назди ҷомеа ҳисоботдиҳанда будани сиёсати давлатӣ ва таҳкими демократия нигаронида шудааст. Стратегия барои созмон додани ҳамкориҳои давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ, ки ба он дар ҳамаи давраҳои татбиқи СПКСК, аз ҷумла дар раванди мониторинг ва тақсими захираҳо нақши муҳим дода мешавад, асос хоҳад буд. Хароҷоти давлатӣ бояд тавассути барномаи миёнамӯҳлати буҷетӣ, буҷети солонаи давлатӣ, барномаҳои инвеститсияҳои давлатӣ ба СПКСК мувофиқ бошанд ва заминаи захиравии татбиқи онро таъмин намоянд. Кумаки беруна, дар навбати аввал воситаҳои инвеститсионӣ, ки ба кишвар бо мақсади паст кардани сатҳи камбизоатӣ фароҳам оварда мешаванд, бояд дар буҷети давлатӣ инъикос ёбанд.

7. Бо дарназардошти Стратегияи миллии рушд, проблемаҳои мавҷудаи рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва сабақҳои аз татбиқи СПКСК-и якум андӯхта (нигар боби 2.) дар Стратегияи мазкур ба сифати самти асосии сиёсати рушди кишвар ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ инҳо муайян гардидаанд:

- **такмили идораи давлатӣ** бо мақсади баланд бардоштани шаффофият, ҳисоботдиҳӣ ва самарабахшии фаъолияти мақомоти давлатӣ дар мубориза бо коррупсия

ва фароҳам овардани шароити мусоиди макроиқтисодӣ, муҳити институтсионалӣ ва меъёрии ҳуқуқӣ барои рушд;

- мусоидат ба рушди устувори иқтисодӣ ва диверсификатсияи иқтисодиёт тавассути **рушди бахши хусусӣ ва ҳавасмандгардонии инвеститсияҳо,** махсусан дар соҳаи энергетика, инфраструктураи нақлиёт, бахшҳои пахтакорӣ ва ғайра. Ба ин мақсадҳо тавассути тавсеаи озодиҳои иқтисодӣ, таҳкими ҳуқуқи моликият, рушди ҳамкорӣ байни давлат ва бахши хусусӣ ноил шудан мумкин аст;

- **рушди нерӯи инсонӣ** тавассути дастрас будани хизматрасониҳои иҷтимоӣ ба аҳолии камбизоат, беҳбуди сифати он, фаъол гардонидани иштироки аҳолӣ ба раванди рушд, таҳкими шарикиҳои иҷтимоӣ.

8. Мутамарказгардонии азму талоши давлат ва ҷомеа дар ин самтҳо имкон медиҳад, ки захираҳои мавҷудаи дохилӣ ва кумаки беруна барои Тоҷикистон ба таври самарабахш ихтиёрдорӣ гардида, рушди ҳама гурӯҳҳои аҳолии кишвар ва дар маҷмӯ инкишофи ҷомеа тавсеа ёбад ва бо ин усул сатҳи камбизоатӣ пасттар карда шавад.

9. Тадбирҳои сиёсати давлатӣ, ки ба такмили идораи давлатӣ нигаронида шудаанд, фароҳам овардани муҳити мусоид барои рушд дар боби 4 «Блоки функсионалӣ» инъикос ёфтаанд. Сиёсати рушди институтсионалӣ ва иқтисодӣ ва ҳавасмандгардонии бахши хусусӣ дар боби 5 «Блоки истеҳсолӣ» ифода гардидааст. Боби 6 «Блоки иҷтимоӣ» тадбирҳоеро дар бар мегирад, ки рушди нерӯи инсониро тавассути системаи маориф, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоӣ ва ғайра таъмин менамояд.

10. Дар СПКСК як қатор проблемаҳо мавҷуданд, ки гуногунҷабҳа буда, барои ҳалли онҳо тадбирҳои ҳар се самти асосии сиёсат нигаронида шудаанд. Ба мавзӯҳои нисбатан муҳими гуногунҷабҳа инҳо дохил мешаванд:

- анҷом додани **дигаргунсозии (трансформатсияи) системавӣ**, ки бо мақсади тавсеа ва таъмиқи муносибатҳои бозаргонӣ, рушди иқтисодӣ, паст кардани камбизоатӣ, ҳамаҷониба ба инобат гирифтани ҳуқуқи инсон дар ҳамаи бахшҳои ҳаёти ҷомеа татбиқи муттасили ислоҳоти институтсионалиро тақозо менамояд;

- **проблемаҳои демографӣ**, ки дар ҳалли масъалаҳои таъмини шуғл, танзими муҳоҷирати меҳнатӣ, баланд бардоштани сифати қувваи корӣ ва танзими оила муносибати байнисоҳавиро тақозо менамояд;

- **рушди босуботи экологӣ**, ки ба он танҳо бо шарти мувофиқаи тадбирҳо дар идоракунӣ, рушди саноат, кишоварзӣ, энергетика, инфраструктура, системаи маориф ва тандурустӣ ноил шудан мумкин аст;

- **таъмини рушди гендерӣ, баланд бардоштани ҳуқуқ ва имкониятҳои занон**, ки ба таъмин ҳуқуқи ва татбиқи онҳо дар соҳаи дастрасӣ ба идоракунӣ, кори дахлдори пардохтшаванда ва бехатар, маориф, тандурустӣ ва шароити зисти бехатар нигаронида шудааст.

## 4. ФАРОҲАМ ОВАРДАНИ ШАРОИТҲОИ УМУМИИ РУШД (БЛОКИ ФУНКСИОНАЛӢ)

Блоки функсионалии фаслҳои бахшии СПКСК (ислоҳоти идоракунии давлатӣ, рушди макроиқтисодӣ, беҳбуди фазои инвеститсионӣ, рушди бахши хусусӣ ва соҳибкорӣ, ҳамкориҳои минтақавӣ ва ҳамгироӣ ба иқтисоди ҷаҳонӣ) барои таҳияи шароитҳои умумии институтсионалӣ таъин гардидааст, ки рушди иқтисодӣ, афзоиши ҳаҷм ва беҳбуди сифати хизматрасониҳои иҷтимоии ба аҳолии камбизоат фароҳамшавандаро ҳавасманд мегардонад. Банақшагирии муштараки афзалиятҳо ва фаъолиятҳои бахшӣ дар доираи як блок имкон медиҳад, ки ҳангоми таҳия ва татбиқи сиёсати иқтисодӣ мухолифатҳои идоравӣ камтар гардида, таъсирнокии он тақвият ёбад, фаъолиятҳои банақшагирифта ҳамоҳанг ва мақсаднок бошанд.

### 4.1. Ислоҳоти идоракунии давлатӣ

1. Бахши мазкур вазифа ва тадбирҳоеро дар бар мегирад, ки дар Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 марти соли 2006 №1713 «Дар бораи тасдиқи Стратегияи ислоҳоти системаи идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» пешбинӣ шудаанд.

Масъалаҳои алоҳидаи идоракунии молиявӣ ва такмили институтсионалӣ низ дар тадбирҳои бахши «Рушди макроиқтисодӣ» ва дигар бахшҳои ҳамин СПКСК инъикос гардидаанд.

2. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ба принсипҳои демократӣ ва талаботи иқтисоди бозаргонӣ мутобиқгардонии системаи идораи давлатӣ тадбирҳои дахлдор андешид. Аммо ислоҳоти муассири институтсионалӣ ҳанӯз аз вазъи зудтағйирёбандаи иқтисодӣ ақиб мемонад. Системаи мавҷудаи идоракунии давлатӣ ҳанӯз ба таври дахлдор самарабахш набуда, танзими сифатии равандҳои имрӯзаи бозаргониро таъмин наменамояд.

3. Проблемаҳои асосии системаи идоракунии давлатӣ аз инҳо иборатанд:

- самараи пасти системаи идоркунии рушди миллӣ вобаста бо ҳамоҳангсозии нокифояи барнома ва нақшаҳои рушд, мавҷуд набудани ҳамбастагии дақиқи афзалиятҳо, мақсадҳо ва натиҷаҳои фаъолият, ки ҳамчунин ба институтсионалӣ намудани афзалиятҳои стратегӣ дар сохтори хароҷоти давлатӣ монеа мебошад;
- дахолати аз ҳад зиёди давлат ба фаъолияти хоҷагидорӣ, номутаносибии функсияҳои танзимкунандаи он, ки рушди бахши хусусиро бозмедорад;
- самараи пасти системаи идоракунии маблағҳои давлатӣ, фрагментатсияи хароҷоти инвсетитсионии давлатӣ ва пайвасти нокифояи онҳо бо афзалият ва мақсадҳои стратегии рушд;
- механизми бесамари идоракунӣ ва рушди нерӯи кадрӣ, асосноксозии паст дар хизмати давлатӣ;
- такрори функсияҳо ва ваколатҳо, ба ҳам омехта будани салоҳият байни сатҳҳои идоракунӣ, мавҷуд набудани тақсими дақиқи функсияҳо оид ба хизматрасонӣ ба аҳолӣ ва чун оқибат сифати паст ва дастнорас будани он, нобаробарии тақсимоти маъмурию ҳудудӣ ҳамчун монеа барои тақсимоти шабеҳи функсияҳо, ваколатҳо ва захираҳо;
- рушди нокифояи худидоракунии маҳаллӣ.

4. Таҷрибаи таърихӣ нишон медиҳад, ки раванди фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди иқтисодиёт аз бисёр ҷиҳат ба фаъолнокии идоракунии давлатӣ вобаста аст. Бе таъсиси системаи самарабахши идоракунии давлатӣ ва шароити мусоид ҷиҳати фаъолият дар соҳаи иқтисодиёт ноил гардидан ба натиҷаҳои моҳиятан муҳим дар таъмини рушди устувори иқтисодӣ ва афзоиши самараи иқтисодиёт ва чун натиҷа- паст кардани камбизоатӣ имконнопазир аст.

Аз ин рӯ мақсади ислоҳот аз баланд бардоштани самарабахшии шохаҳои марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, бо таъсиси хизмати касбии давлатӣ, системаи мутаносиби таҳия ва татбиқи сиёсат ва барномаҳои рушд бо нерӯи таҳкимёфтаи идоракунӣ ва ҳисоботдиҳӣ, рушди худидоракунии фаъоли маҳаллӣ бо тақсими дақиқи функсияҳо ва ваколатҳо, захираҳои молиявӣ ва амвол, ки самараи ва сифати хизматрасониро ба аҳолӣ таъмин менамояд, иборат мебошад

5. Барои ноил шудан ба мақсадҳои гузошташуда бояд вазифаҳо ва тадбирҳо вобаста ба амали зайл муайян карда шавад:

- таҳия ва татбиқи механизми ба мувофиқа расонидани афзалиятҳои рушд дар сатҳҳои миллӣ, соҳавӣ ва ҳудудӣ;
- таъмини ҳамоҳангсозии зичи рушди бахши давлатӣ ва хусусӣ бо мақсади ҳалли вазифаҳои афзалиятноки миллӣ дар ҳамбастагӣ бо рушди иқтисодиёт дар маҷмӯъ;
- баррасии масъалаи дахолати мустақими давлат ба иқтисодиёт ва гузариш ба усулҳои ғайримустақими танзими давлатӣ;

• муносибгардонии механизми тақсими манбаъҳои даромади буҷет байни сатҳҳои мухталифи идоракунӣ бо дарназардошти азнавтақсимкунии функсияҳо ва муайян намудани ваколатҳои молиявии онҳо;

• таҳкими нерӯ ҷиҳати баланд бардоштани асосноксозӣ дар хизмати давлатӣ, аз ҷумла навсозии системаи идоракунии захираҳои инсонӣ ва рушди нерӯи кадрӣ, бо риояи принсипҳои тақсими мансабҳои сиёсӣ ва маъмурӣ, таҳкими нақши ҳавасмандсозандаи музди меҳнат, таҳкими одоби касбӣ ва стандартҳои касбӣ;

• дақиқ тақсим намудани функсияҳо ва ваколатҳо байни сатҳҳои идоракунии давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ, ҳамзамон аз нав тақсим намудани захираҳои молиявӣ ва моддӣ;

• даст кашидан аз механизмҳои мутамаркази маъмулии хизматрасонӣ ба аҳолӣ ва ҷорӣ намудани усулҳои фасеҳ ва самарабахши маблағгузорӣ ва идоракунӣ, таъмини баланд бардоштани сифат ва дастрасии хизматрасонӣ ба аҳолӣ;

• танзими муносибатҳои мутақобилаи мақомоти ҳокимияти иҷроия ва худидоракунии маҳаллӣ дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда;

• ба танзим даровардани тақсимоти маъмурию ҳудудӣ, баррасии консепсияи рушди тақсимоти маъмурию ҳудудӣ.

6. Шарти асосии татбиқи ислоҳоти системаи идоракунӣ бояд аз инҳо иборат бошад:

• мавҷудияти мақоме, ки барои татбиқи ислоҳот масъул аст;

• ба раванди ислоҳот ҷалб намудани ҳамаи иштирокчиёни он, рушди механизми самарабахши шарикии иҷтимоӣ;

• мавҷудияти функсияҳои рушди идоракунии маъмурию ҳудудӣ;

• ҳамоҳангсозии ислоҳоти системаи идоракунии давлатӣ бо ислоҳот дар дигар соҳаҳо;

• арзёбӣ ва мутаносибии хароҷот ва даромад вобаста ба ислоҳот;

• муносибати интихобӣ ҷиҳати қабул намудани таҷрибаи байналмилалӣ.

7. Чорабиниҳои дар солҳои 2007-2009 пешбинигардида дар соҳаи ислоҳоти идоракунии давлатӣ имкон медиҳад, ки дар Тоҷикистон бо таъмини муносибати мутақобила ва ба ҳам вобастаи фаъолияти амудӣ ва уфуқии ҳамаи мақомоти давлатии ҳокимияти иҷроия, қарорҳои стратегӣ ва тактикии қабулшаванда асосҳои системаи самарабахши идоракунии рушди миллӣ таъсис дода шавад

### 4.2. Рушди макроиқтисодӣ

1. Дар давраи солҳои 2002-2005 суръати ҳисоби миёнаи солонаи рушди ММД 9.2% ва дар соли 2006 7,0 фоизро ташкил дод. Омилҳои рушди баланд аз дастовардҳои сиёсӣ ва суботи макроиқтисодӣ, барқарорсозии баъди низои бахши истеҳсолӣ ва хизматрасонӣ, афзоиши назарраси маблағгузаронии муҳоҷирони меҳнатӣ, конюктураи мусоиди нархҳои ҷаҳонӣ ба молҳои асосии содиротӣ – пахта ва алюминий иборат буд. Имконият фароҳам расид, ки суботи нархҳои истеъмолӣ таъмин гардида, суръати таваррум аз 14.5 фоиз дар соли 2002 то 7.1 фоиз дар соли 2005 паст карда шавад; сатҳи таваррум дар соли 2006 12,5 фоизро ташкил дод. Сатҳи бекории воқеӣ ҳанӯз назаррас мебошад: мутобиқи тадқиқоти гузаронидашудаи қувваи корӣ дар соли 2004 он 7.4 фоизро ташкил дод, вале мутобиқи арзёбиҳои экспертӣ он метавонад хеле баландтар бошад. Қурби мубодилаи сомонӣ нисбат ба доллари ШМА ба субот даромада, сатҳи пастравии он бо ченаки ҳисоби миёнаи солона аз 14 фоиз дар соли 2003 то 1.2 фоиз дар соли 2004 ва 6.3 фоиз дар соли 2005 кам карда шуд.

Дар солҳои 2002-2005 содирот ва воридот мутаносибан 23.5 фоиз ва 85.2 фоиз афзуд, ки ин қисман дар соли 2005 боиси касри ҳисобномаҳои амалиёти ҷорӣ то 4.9 фоиз аз ММД гардид. Афзоиши баланди воридот асосан ба зиёд гардидани талаботи дохилӣ вобаста аст, ки ба маблағгузаронии муҳоҷирони меҳнатӣ алоқаманд мебошад.

Профитсити буҷети давлатӣ (бе дарназардошти БИД) дар соли 2002 – 0.7 фоиз ва каср дар соли 2005 0.2 фоизро ташкил дод. Бо дарназардошти БИД касри буҷети давлатӣ

дар соли 2005 ба 3.5 фоиз баробар буд. Бо дарназардошти қарзҳои назарраси ба наздикӣ барои лоиҳаҳои калони инфраструктурӣ гирифташуда каср ҳамзамон бо БИД дар соли 2006 2,7 фоизро ташкил надуд ва дар соли 2007 13,7 фоиз дар назар дошта шудааст.

Дар натиҷаи азнавташкилдиҳии судманд ва аз ҳисоб баровардани қарзҳо дар давраи баррасишаванда имконият фароҳам омад, ки сатҳи қарзи берунаи давлатӣ нисбат ба ММД дар соли 2002 87 фоиз ва дар соли 2006 нисбат ба ММД 31 фоиз кам карда шавад.

2. Муқаррароти асосии бахши мазкур мутобиқи Мақсадҳои рушди ҳазорсола ба рушди минбаъдаи макроиқтисодӣ, такмили сиёсати буҷету андоз ва пулию қарзии кишвар, таъмини системаи босуботи молиявӣ нигаронида шудааст.

3. Мақсади асосии СПКСК дар бахш аз ҳифзи суботи макроиқтисодӣ барои ноил шудан ба суръати баланди рушд ва паст кардани сатҳи камбизоатии аҳолӣ иборат мебошад.

4. Таҳлили вазъи макроиқтисодӣ нишон медиҳад, ки проблемаҳои асосии ин бахш аз инҳо иборатанд:

- механизмҳои суст инкишофёфтаи танзими бозаргонии иқтисодиёт, аз ҷумла воситаҳои танзими макроиқтисодӣ; баҳисобгирии сусти афзалиятҳо ва фаъолияти миллӣ дар сиёсати татбиқшавандаи бахшӣ;
- коэффисиенти пасти истифодаи сармояи асосии физикӣ ва инсонӣ, ки боиси паст гардидани нерӯи кишвар мегардад;
- номукаммалии сиёсати фискалӣ ҳам дар қисми маъмуригардонии андоз ҳам дар қисми идораи молияи давлатӣ;
- номутобиқати усулҳои истифодашавандаи банақшагирии макроиқтисодӣ ва молиявӣ, номукаммалии усулҳои банақшагирии макроиқтисодӣ, пешбинӣ ва омор;
- нокифоягии воситаҳои сиёсати пулию кредитӣ ва инкишоф наёфтани бозори пулӣ ва бозори коғазҳои қиматнок.

5. Бо дарназардошти мақсадҳои СПКСК, афзалиятҳои Стратегияи миллии рушд ва ба инобат гирифтани проблемаҳои зикргардида дар рушди макроиқтисодӣ вазифаҳои Стратегия дар бахш инҳоро дар бар мегирад: (1) такмили сиёсати буҷетию андоз; (2) такмили сиёсати пулию қарзӣ; (3) анҷом додани ислоҳоти институтсионалӣ.

6. **Такмили сиёсати буҷетию андоз** (вазифаи 1 дар бахш) бо усули зайл анҷом дода мешавад: такмили раванди буҷет ва ҷорӣ намудани механизми буҷетикунонии миёнамӯҳлат, дар навбати аввал азнавташкилдиҳии раванди буҷетӣ барои маориф ва тандурустӣ. Дар давраи якум алоқаи СПКСК бо буҷет тавассути БИД ва БММ татбиқ гардида, ҳамзамон ба таври васеъ ҷорӣ намудани БМБ оғоз мегардад. Оид ба таъмини сатҳи мутаносиби қарзи давлатӣ ва дар бораи назорати давлатии дохилии молиявӣ пешниҳодҳо таҳия хоҳанд шуд. Ҷиҳати беҳбуди маъмуригардонии андоз ва гумрук тадбирҳо андешида мешаванд.

7. Барои ҳалли масъалаҳои такмили сиёсати пулию қарзӣ (вазифаи 2 дар бахш) барои дурнамои миёнамӯҳлат тадбирҳое пешбинӣ мегарданд, ки ба тавсеаи воситаҳои сиёсати пулию қарзӣ, такмили системаи пардохт, рушди бозори молиявӣ ва асъор, афзоиши заминаи захиравии ташкилотҳои молиявӣ, дастрас будани кредитҳо, инчунин тақвияти назорати бонкӣ нигаронида шудаанд. Ҳамчунин гузаронидани таҳлили проблемаҳо вобаста ба кредитонии дарозмӯҳлати бизнеси хурд ва миёна аз ҷониби бонкҳо, истифодаи воситаҳо оид ба назорати таваррум дар назар дошта шудааст.

8. **Анҷом додани ислоҳоти институтсионалӣ дар бахш** (вазифаи 3 дар бахш) гузаронидани таҳлили функсионалии сохторҳои давлатиро дар назар дорад, ки барои татбиқи сиёсати макроиқтисодӣ масъуланд. Ҷиҳати навсозӣ ва таҷдиди назари санадҳои меъёрию ҳуқуқии қаблан қабулгардида, инчунин дар марҳилаи таҳия қарордошта, аз ҷумла стратегияҳо, барномаҳо, консепсияҳо чорабиниҳо андешида мешаванд. Баҳисобгирии ҳамаи воситаҳои молиявӣ, аз ҷумла кумаки беруна, ки барои татбиқи чорабиниҳои бахшӣ ҷалбгардида истифода мешаванд, дар назар дошта шудааст. Ҳамчунин арзёбии ҳамасолаи хароҷот, аз ҷумла кумаки беруна ва натиҷаҳо вобаста ба

татбиқи тадбирҳои СПКСК гузаронида хоҳад шуд. Таъсис ва фаъолияти сохторҳои марказӣ, инчунин сохторҳои соҳавӣ ва ҳудудии мониторинг ва арзёбии чараёни татбиқи равандҳои Стратегияи миллии рушд ва СПКСК пешбинӣ мегардад. Усулҳои истифодашавандаи банақшагирии макроиқтисодӣ ва молиявӣ, рушди системаи омори миллӣ такмил хоҳад ёфт. Ҳамчунин баланд бардоштани нерӯи сохторҳои давлатӣ, ки барои татбиқи сиёсати макроиқтисодӣ масъуланд, идома дода мешавад. Такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки ба таъмини суботи макроиқтисодӣ нигаронида шудааст, давом хоҳад ёфт.

### 4.3. Беҳбуди фазои инвеститсионӣ, рушди бахши хусусӣ ва соҳибкорӣ

1. Тавсеаи дастрасии бозор тавассути беҳбуд бахшидани фазои соҳибкорӣ ва инвеститсионӣ дар Тоҷикистон яке аз омилҳои асосӣ барои таъмини минбаъдаи рушди баланди иқтисодиёт ва беҳбуди ҳаҷм ва сифати хизматрасонии иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад. Беҳбуди фазои соҳибкорӣ ва инвеститсионӣ имкон медиҳад, ки ташаккули муҳити рақобат, шароит барои шуғли аҳолии бекор, аз ҷумла тавассути шуғли худӣ ва суботи воридоти андоз таъмин карда шавад.

Бо дарназардошти мушкилоти объективии пешбурди соҳибкорӣ дар Тоҷикистон, инчунин сатҳи камбизоатии аҳолӣ шароит барои соҳибкорӣ ва инвеститсия дар Тоҷикистон бояд нисбат ба дигар кишварҳо хеле мусоидтар бошад.

Миқдори зиёди аҳолии бекор, маҳдуд будани бозори дохилӣ ва нокифоягии инвеститсияҳо нақши чунин шаклҳои соҳибкориро ба монанди соҳибкории инфиродӣ, соҳибкори хурд баланд мебардорад.

Афзалиятнокии вазифаҳои рушди бахши хусусӣ ва ҷалби сармояҳо, ки СМР/ СПКСК муқаррар намудаанд, ҳамчунин тиҷоратикунонии муттасили бахшҳои иҷтимоии иқтисодиёт дар сохтори онҳо баланд бардоштани ҳиссаи хизматрасониҳои хусусиро пешбинӣ менамояд. Ин на танҳо боиси баланд гардидани ҳаҷм ва сифати хизматрасонии иҷтимоӣ, мегардад, балки имкон медиҳад маблағҳои калони буҷетӣ ҷиҳати хизматрасонии иҷтимоӣ барои аҳолии ниҳоят камбизоат мутамарказ гардонида шаванд.

2. Дар давраи баъд аз Шӯравӣ сармояи асосӣ ва нерӯи инсонии Тоҷикистон вобаста ба сабабҳои объективию субъективӣ ниҳоят кам гардид, ҳарчанд сатҳи имрӯзаи онҳо нисбат ба дигар кишварҳои нодори дорои чунин сатҳи шабеҳи ММД (337.5 доллари ШМА ба ҳар сари аҳолӣ дар соли 2005) алҳол хеле баландтар мебошад. Ин дар хусуси сатҳи нокифояи истифодаи самарабахши захираҳои мавҷуда гувоҳӣ медиҳад.

Таваҷҷӯҳи сармоягузорони хориҷӣ нисбат ба Тоҷикистон маҳдуд буда, ба соҳаҳои маъмул (энергетика, саноати сабук, коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ва коркарди саноатӣ бо сармоягузориҳои хурд) мутамарказ гардидааст.

Ба ҳисоби миёна ба ҳар 1000 нафар аҳолии Тоҷикистон як корхонаи тиҷоратии хурд рост меояд, ҳол он ки дар Россия – 6, кишварҳои Иттиҳоди Европа на камтар аз 30 чунин корхонаҳо рост меояд. Дар сохтори соҳавии БХМ ва соҳибкории инфиродӣ фаъолияти тиҷоратӣ бештар ба мушоҳида мерасад (то 60 фоиз), ки сармоягузориҳои калонро тақозо наменамояд.

Фаъолияти соҳибкорӣ аз сабаби норасоии қувваи барқ (махсусан дар фасли зимистон) ва гази табиӣ, мавҷудияти проблемаҳои маҳсулот боркашонӣ ҳам байни минтақаҳои кишвар ва ҳам берун аз ҳудуди он маҳдуд гардидааст.

Дар сиёсати инвеститсионӣ маблағгузоронии амортизатсионӣ ба инобат гирифта намешавад. Дастрасии захираҳои кредитӣ барои соҳибкорон аз сабаби ставкаҳои баланди кредити бонкӣ (24-36 фоиз дар як сол) камтар гардидааст. Тақрибан 82 фоизи БХМ ҳисобҳои бонкиро дар амалияи кории худ истифода намебаранд ва бо ҳисоббаробаркуниҳои нақдӣ маҳдуд мегарданд. Фаъолияти монополии ташкилотҳои суғурта ва бонкӣ, ки дорои сармояи кофӣ намебошанд, истифодаи хизматрасониҳои онҳоро маҳдуд месозад.

То ҳанӯз шаклҳои оддигардонидашудаи танзими субъектҳои БХМ, аз ҷумла меҳнати хонагӣ муайян нагардидааст ва ҳифзи ҳуқуқии кормандони кирояи онҳо нокифоя мебошад. Проблемаҳои муҳими вобаста ба ҳифзи ҳуқуқи моликият, аз ҷумла вобаста ба истифодаи қитъаҳои замин, ки воқеъан дар муносибатҳои хариду фурӯши қарор доранд, масъалаҳои иҷрои шартномаҳо ва идоракунии корпоративӣ (аз ҷумла аз сабаби сустии системаи судӣ) пурра ҳалли худро наёфтаанд.

3. Таҳлили фазои соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ дар Тоҷикистон дар хусуси мавҷудияти проблемаҳои ниҳоят мураккаб гувоҳӣ медиҳад, ки гузаронидани ислоҳоти бунёдии институтсионалӣ ва иқтисодиро тақозо менамояд. Проблемаҳои асосӣ дар бахши сармоягузориҳо ва соҳибкорӣ аз инҳо иборатанд:

- ақибмонӣ дар татбиқи ислоҳоти муҳими институтсионалӣ ва иқтисодӣ, сустии системаи асосноксозӣ нисбат ба меҳнати истеҳсолӣ дар бахши воқеии иқтисодиёт ва сатҳи пасти ҳосилнокии меҳнат, сатҳи на он қадар баланди сохтори маъмурӣ, паст гардидани сатҳи сармояи истеҳсолӣ ва инсонӣ;
- боқӣ мондани мушкилот дар таъмини муносибатҳои шартномавӣ, ҳифзи ҳуқуқи моликият ва дигар ҳуқуқҳои вобаста ба он системаи на он қадар самарабахши судӣ;
- мавҷуд будани монеаҳои зиёдатӣ ҳангоми воридот ба бозор (мушкилоти расмиёти бақайдгирӣ, маҳдудияти таъминоти иттилоотӣ, инкишоф наёфтани ҳамлу нақли нақлиёти автомобилӣ ва ҳавоӣ, системаи хизматрасонии меҳмонхонаҳо талаботи баланд ҳангоми додани раводид);
- муқаррар намудани сатҳи баланди хароҷот ҳангоми амалӣ намудани соҳибкорӣ (нокифоягии дастрасии маблағгузорӣ, хизматрасониҳои суғурта ва лизингӣ, маҳдудияти таъминот бо қувваи барқ, газ, об, гармӣ), махсусан дар мавсими зимистон), санҷишҳо зиёд маҳдудиятҳои ҷиддӣ вобаста ба сертификатсия);
- дастгирии нокифояи давлатии соҳибкорӣ ва сармоягузориҳо (сатҳи пасти дониш, нокифоягии тадқиқотҳои маркетенгӣ, сатҳи баланди андозбандӣ, зиёновар будани пахтакорӣ, сатҳи пасти таҷрибаи истеҳсолии муҳоҷирони меҳнатӣ ва хатмкунандагони мактабҳо).

4. Бо дарназардошти мақсад ва афзалиятҳои Стратегияи миллии рушд/СПКСК ва ба инобат гирифтани проблемаҳои зикргардида барои солҳои 2007-2009 вазифаҳои асосии зайли бахш муайян гардиданд: (1) татбиқи ислоҳоти институтсионалӣ; (2) паст намудани хатарҳои умумии инвеститсионалӣ ва соҳибкорӣ; (3) кам кардани монеаҳо барои сармоягузорон ва соҳибкорон ҳангоми воридшавӣ ба бозор; (4) паст кардани хароҷот ҳангоми анҷом додани фаъолияти соҳибкорӣ ва инвеститсионӣ; (5) дастгирии давлатии соҳибкорӣ ва сармоягузориҳо.

5. Дар доираи тағйироти институтсионалии пешбинишаванда (вазифаи 1) интизор меравад мақомоти идоракунанда, ки барои татбиқ ва мониторинги тадбирҳо дар доираи СПКСК масъуланд, мушаххас гардонида шаванд. Инчунин таҳкими нерӯи мақомоти зикргардида, таҳияи (мутобиқгардонии) усулҳои ҳисоби рейтенги ҷолибии инвеститсионӣ ва соҳибкории кишвар, беҳбуди робитаи мақомоти зикргардида бо соҳибкорон ва сармоягузорон ба нақша гирифта шудааст. Ҳамзамон дар назар дошта шудааст, ки нерӯи дигар мақомот оид ба масъалаҳои ҷалби инвеститсия ва дастгирии бахши хусусӣ таҳким ёбад. Бо мақсади ташаккули шароити мусоид ҷиҳати ҷалби бахши хусусӣ ба ҳалли вазифаҳои давлатӣ таҳияи пешниҳодҳо оид ба принсипҳои асосӣ ва муносибатҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар назар дошта шудааст.

6. Барои паст кардани сатҳи хатарҳои умумии инвеститсионӣ ва соҳибкорӣ (вазифаи 2) пеш аз ҳама беҳбуди механизмҳои ҳифзи ҳуқуқи моликият ва дигар ҳуқуқҳои вобаста ба он дар назар дошта шудааст. Таҳияи пешниҳодҳо оид ба масъалаҳои қарздории кредитӣ баҳсҳои амволӣ ва ҳуқуқҳои шартномавӣ пешбинӣ мегардад. Ҳамзамон таҳияи пешниҳодҳо оид ба беҳбуди вазъ ҳангоми мусодираи амвол беруна аз фазои ҳуқуқӣ, оид ба гарави амвол ва таъмини ҳуқуқи моликони миноритарӣ дар назар дошта шудааст. Тадбирҳои алоҳида ба баланд бардоштани самарабахшии идоракунии комлексҳои амволӣ

алоқаманд мебошанд. Ба оддигардонии расмиёт ва кам кардани миқдори шаклҳои литсензияҳои додашаванда, иҷозатномаҳо, мувофиқа ва ғайра, аз ҷумла бо дарназардошти такмили қонунгузорӣ дар мавриди иҷозатномадиҳӣ таваҷҷӯҳи хос зоҳир гардидааст.

7. Вазифаи 3 ба сарфаи вақт ва хароҷоти сармоягузорон ҳангоми воридшавӣ ба бозор бахшида шудааст. Дар он кам кардани хароҷот ва оддигардонии расмиёт ҳангоми бақайдгирии давлатӣ пешбинӣ мегардад. Дар он ба ислоҳоти системаи бақайдгирии давлатӣ дар маҷмӯъ таваҷҷӯҳи хос зоҳир мегардад. Як қатор гурӯҳҳои алоҳидаи тадбирҳо ба беҳбуди таъминоти иттилоотии соҳибкорон ва сармоягузорон имконпазир ва фаъолияткунанда алоқаманд мебошад.

8. Номгӯи зиёди тадбирҳо ба паст кардани хароҷот ҳангоми анҷом додани фаъолияти соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ нигаронида шудаанд (вазифаи 4). Тадбирҳо ба зервазифаҳо гурӯҳбандӣ гардида, ба татбиқи қонунгузорӣ оид ба расмиёти маъмурӣ, кам кардани миқдор ва давомнокии санҷишҳо, кам кардани миқдори стандартҳои ҳатмӣ ва расмиёти сертификатсия дахл доранд. Беҳбуди дастрасии захираҳои молиявӣ барои соҳибкорон ва сармоягузорон пешбинӣ менамояд, ки аз ҳисоби баланд бардоштани иқтидори кредитии онҳо, аз ҷумла тавассути таъсиси бюрои кредитӣ, оддигардонии расмиёти гарав, ба танзим даровардани бақайдгирии амволи манқул ва ғайриманқул пешбинӣ карда шавад. Ҳамчунин тадбирҳо оид ба оддигардонии расмиёт ҳангоми пӯшонидани (бастани) соҳибкорӣ, аз ҷумла ҳангоми муфлисшавӣ баррасӣ мегарданд.

Ҳамзамон бо мақсади паст кардани хароҷоти соҳибкорон дар шароити норасоии қувваи барқ ва захираҳо пешбинӣ мегардад, ки нақшаи шаффофи таъминот бо қувваи барқ, газ, гармӣ ва об муқаррар карда шавад. Барои оддигардонии дастрасӣ ба хизматрасониҳои инфраструктураи умумӣ (илова ба тадбирҳои дигар бахшҳо) тавсеаи дастрасии бозори дохилӣ барои ширкатҳои нақлиётии хориҷӣ, барои фароҳам овардани шароит барои сохтмони меҳмонхонаҳо, таъмини минбаъдаи шакли оддигардонидашуда гирифтани раводид пешбинӣ мегардад.

9. Барои беҳбуди фазои инвеститсионӣ ва соҳибкорӣ (вазифаи 5) дар навбати аввал расонидани кумак оид ба таълими соҳибкорон, аз ҷумла таълими ҳуқуқӣ дар назар дошта шудааст. Мусоидат ба таъсиси ассотсиатсияи соҳибкорӣ аз як тараф боиси рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ гардида, аз ҷониби дигар ҷалби онҳо барои қабули қарор мутобиқи мақсад будан ва самарабахшии фаъолияти банақшагирифтаро баланд мебардорад.

Барои дастгирии соҳибкорӣ ва сармоягузориҳо ҳамчунин тадқиқоти афзалияти муқоисавии шаклҳои мухталифи соҳибкорӣ дар Тоҷикистон ва гузаронидани онҳо ба афзалиятҳои рақобатпазири таҳияи барномаҳои ҷалби сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ пешбинӣ мегардад. Гурӯҳи махсуси тадбирҳо ба дастгирии мустақими соҳибкорӣ, аз ҷумла тавассути оддигардонии расмиёти андозбандӣ, муқаррар намудани квотаҳо барои соҳибкорӣ хурд ҳангоми хариди давлатӣ, ҳавасмандгардонии фаъолияти туристӣ алоқаманд мебошад.

10. Дар назар дошта шудааст, ки татбиқи тадбирҳои зикргардида имкон медиҳад то охири соли 2009 ҳиссаи бахши хусусӣ нисбат ба ММД то 55 фоиз (дар соли 2005 – 43 фоиз) афзун гардад.

### 4.4. Рушди ҳамкориҳои минтақавӣ ва ҳамгироӣ ба иқтисодиёти ҷаҳонӣ

1. Тақвияти ҳамгироии иқтисоди кишвар ба иқтисодиёти ҷаҳонӣ ва таъмини иштироки дахлдори он дар тақсимоти байналмилалии меҳнат ва тиҷорати байналмилалӣ, фароҳам овардани шароит барои ворид намудани корхонаҳои ватанӣ ба равандҳои байналмилалии истеҳсолот, ҳавасмандгардонии фаъолнокии содиротӣ ва инвеститсионӣ, таъмини иштироки мунтазами онҳо дар таҳияи қоидаҳои савдои байналмилалӣ ва ноил гардидан ба рушди устувори инсон мақсади асосии сиёсати иқтисодии хориҷии кишвар ва замина барои ташаккули шарикии глобалӣ барои мақсадҳои рушд мебошад (МРҲ 8).

2. Хусусияти хоси сиёсати иқтисодии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз раванди фасеҳи минтақавият (регионализм) иборат мебошад. Чунин муносибат иштироки

Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар созишномаҳои минтақавӣ ва дуҷонибаи тиҷоратӣ бо мақсади ҳавасмандгардонии тиҷорат, истифодаи самарабахши захираҳои мавҷуда ва омилҳои истеҳсолот дар асоси эътироф ва риояи қоидаҳо ва танзими системаи тиҷорати бисёрҷониба пешбинӣ менамояд.

3. Таҳлили вазъ нишон медиҳад, ки проблемаҳои асосӣ дар соҳаҳои ҳамкориҳои минтақавӣ ва ҳамгироӣ ба иқтисодиёти ҷаҳонӣ аз инҳо иборатанд:

- мавҷуд набудани нерӯи зарурӣ барои татбиқи самарабахши тадбирҳои сиёсати тиҷоратӣ ва инвеститсионӣ, рушди нокифояи заминаи ҳуқуқие, ки муносибатро дар ин соҳа танзим менамояд, инчунин механизми сусти татбиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда;
- муҳити номуносиби корӣ ва фазои инвеститсионӣ дар натиҷаи сатҳи пасти шаффофии истифодаи механизмҳои савдо ва сиёсати инвеститсионӣ, инчунин хароҷоти баланди трансаксионӣ;
- содироти дорои хусусияти бесамар ва суст диверсификатсияшуда ҳангоми вобастагии баланди он ба вазъи нархӣ дар бозорҳои миқдоран маҳдуду бесуботи молҳои ашёи хом. Ба масъалаҳои таҳияи варианти кластерии диверсификатсияи содирот, бо дарназардошти ҳамаи параметрҳо таваҷҷӯҳи зарурӣ зоҳир намегардад;
- аз бандарҳо дур қарор доштани кишвар ва проблемаҳои нақлиётию транзитӣ. Дар айни замон сиёсати нақлиётию транзитии кишвар аз бисёр ҷиҳат ба вазъи давлатҳои ҳамсарҳад дар соҳаи транзити молҳо ва воситаҳои нақлиёт тавассути ҳудуди ин кишварҳо алоқаманд мебошад;
- фаъолияти сусти маркетингӣ. Айни замон дар кишвар ширкате, ки дар ин соҳа самарабахш фаъолият намояд, вуҷуд надорад;
- мавҷуд набудани рақобати солим дар бозори хизматрасонии нақлиёти ҳавоӣ ва заминаи сусти моддию техникии Корхонаи воҳиди давлатии ҳавопаймоии «Тоҷикистон»;
- инфраструктураи сусти нақлиётӣ ва мавҷуд набудани рақобати солим дар бозори фароҳам овардани хизматрасониҳои нақлиётӣ;
- мавҷуд набудани механизми шаффоф ва самарабахши назорати наздисарҳадӣ ва гумрукии ҳаракати мол, кор, хизматрасонӣ ва сармоя, механизми мураккаби вуруди муваққатӣ ва буду боши шаҳрвандони хориҷӣ, проблемаҳои раводид, проблемаҳои муҳоҷирати захираҳои меҳнатӣ.

4. Бо дарназардошти мақсадҳои СПКСК, афзалиятҳои Стратегияи миллии рушд ва проблемаҳои зикргардида дар соҳаи ҳамкориҳои минтақавӣ ва ҳамгироӣ ба иқтисодиёти ҷаҳонӣ вазифаҳои Стратегия дар бахш аз инҳо иборатанд: (1) беҳбуди системаи идоракунии фаъолияти иқтисодии хориҷӣ; (2) тақвияти иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тиҷорати глобалӣ; (3) рушди ҳамкориҳои минтақавӣ; (4) диверсификатсияи сохтори молӣ ва соҳавии тиҷорат ва оддигардонии расмиёти савдо; (5) рушди туризм; (6) танзими раванди муҳоҷирати меҳнатӣ.

5. Беҳбуди системаи фаъолияти иқтисодии хориҷӣ (вазифаи 1 дар бахш) бо усули зайл анҷом дода мешавад: рушди асосҳои институтсионалии танзими фаъолияти иқтисодии хориҷӣ, аз ҷумла таҳияи сиёсат дар ин соҳа, муносибгардонии қонунгузории амалкунандаи кишвар ба меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, такмили муҳити инвеститсионӣ ва корӣ, таъмини дастрасӣ ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ вобаста ба фаъолияти иқтисодии хориҷӣ, ташаккули марказҳои иттилоотию маркетингӣ, такмили тадбирҳои танзими ғайритарифии фаъолияти тиҷорати хориҷӣ.

6. Барои тақвияти иштирок дар муносибатҳои хоҷагидории ҷаҳонӣ ва ба итмом расонидани раванди воридшавии Тоҷикистон ба ТУС (вазифаи 2) татбиқи маҷмӯи чорабиниҳо пешбинӣ гардидаанд, ки барои мақсадҳои зайл нигаронида шудаанд: паст кардани оқибатҳои манфии глобализатсия; ташкили дастрасӣ ба бозори дохилӣ бо дарназардошти манфиатҳои иқтисодӣ; иҷрои шартҳои созишномаҳои ТУС оид ба ҳифзи ҳуқуқ ба моликияти зеҳнӣ, кам кардани истифодаи монеаҳои техникӣ дар тиҷорат, меъёрҳои санитарӣ ва фитосанитарӣ; омодасозии мутахассисони соҳибихтисос дар соҳаи

савдои байналмилалӣ ва ҳуқуқ; таъсиси намояндагии Тоҷикистон дар назди котиботи ТУС дар Женева бо мақсади иштироки нисбатан пурра дар раванди ташаккул ва қабули қарорҳо оид ба савдои байналмилалӣ; ба даст овардани шароитҳои переференсиалӣ барои содироти молҳо дар доираи системаи умумии переференсияи кишварҳои ТУС.

7. Рушди ҳамкориҳои минтақавӣ (вазифаи 3) инҳоро пешбинӣ менамояд: такмили заминаи меъёрии ҳуқуқии ҳамкориҳои минтақавӣ; рушди ҳамкориҳои нақлиётию транзитӣ дар доираи минтақаҳои алоҳида бо мақсади ҳалли проблемаҳои транзитии минтақавӣ ва ҳалли масъалаҳои роҳӣ аз бумбастҳои коммуникатсионӣ; рушди ҳамкорӣ дар соҳаи истифодаи самарабахши захираҳои обию энергетикӣ ва захираҳои ашёи карбогидрид; рушди савдои минтақавӣ ва андешидани тадбирҳо барои оддигардонии расмиёти тиҷорат дар доираи минтақа; суръатбахшии раванди ташаккули Иттиҳоди гумрукӣ ва Фазои ягонаи иқтисодӣ дар доираи ЕврАзЭс; фаъолгардонии муносибатҳо дар доираи Созмони ҳамкориҳои Шанхай; рушди муносибат дар доираи ЭКО; рушди коридорҳои нақлиётӣ; таъсиси Консорсиуми байналмилалии энергетикӣ ва баланд бардоштани нерӯи интиқоли қувваи барқ ба кишварҳои минтақа бо роҳи сохтмони хатҳои интиқоли барқ.

8. Яке аз вазифаҳои нисбатан мураккаби бахш аз диверсификатсияи сохторҳои молӣ ва соҳавии тиҷорат ва содагардонии расмиёти савдо иборат мебошад (вазифаи 4). Дар шароити маҳдудияти захираҳо ба масъалаҳои зайл таваҷҷӯҳи асосӣ зоҳир мегардад: афзоиши ҳаҷми муомилоти савдои хориҷии кишвар бо роҳи имплементатсияи судманди сиёсати рушди соҳаҳои ба содирот нигаронидашудаи иқтисодиёт; таҳияи барномаҳои соҳавии рушди содирот бо дарназардошти афзалиятҳои муқоисашавандаи кишвар дар савдои байналмилалӣ; такмили сиёсати тарифию гумрукӣ, таъсиси Кумитаи машваратӣ оид ба расмиёти савдо, бекор кардани тартиби пардохти депозит ҳангоми транзити мол тавассути ҳудуди Қазоқистон, Ӯзбекистон ва Россия; такмили механизми додани иҷозатнома (литсензия) барои истеҳсол, муомилот ва фурӯши маҳсулоти спиртдор; такмили системаи суғуртаи шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ; ҳалли масъалаҳои таъсиси минтақаҳои озоди иқтисодӣ.

9. Барои ноил шудан ба мақсадҳои Стратегия рушди туризм аҳамияти назаррас дорад (вазифаи 5). Рушди туризм татбиқи тадбирҳои зайлро пешбинӣ менамояд: таҳияи механизми самарабахши татбиқи сиёсат ва банақшагирии соҳа, инчунин таъсиси заминаи дахлдори институтсионалии рушди соҳа; тақвияти корҳои рекламавию иттилоотӣ бо роҳи ташкил намудани барномаҳои телевизион ва радио барои кишварҳои хориҷӣ; нашри маводи мухталифи рекламавию иттилоотӣ; фаъолгардонии иштироки туроператорҳои ватанӣ дар намоишгоҳҳо, ярмаркаҳои туристии байналмилалӣ, ки дар хориҷи кишвар баргузор мегарданд, бо роҳи ташкили стенди ягонаи ҷумҳуриявӣ; ташкили фаъолияти намояндагиҳо оид ба туризм дар хориҷа, ки функсияҳои рекламавию иттилоотиро анҷом медиҳанд; презентатсияи имкониятҳои туристии Тоҷикистон дар кишварҳои имконпазир, ки сайёҳони худро ба кишвари мо мефиристанд; рушди инфраструктураи туристӣ, аз ҷумла шабакаи меҳмонхонаҳо; инфраструктураҳое, ки барои рушди туризм фаъолият мекунанд ва ғайра.

10. Танзими раванди муҳоҷирати меҳнатӣ (вазифаи 6). Воридот аз содирот, инвеститсияҳои мустақими хориҷӣ ва маблағгузориҳои муҳоҷирини меҳнатӣ яке аз манбаъҳои асосӣ ва нисбатан босуботи маблағгузории берунаи хусусӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин нигоҳ бояд ҷиҳати такмили механизми танзим ва ба тартиб овардани муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ, фаъолгардонии муколамаи сиёсӣ бо мақсади таъмини ҳифзи ҳуқуқ ва манфиати муҳоҷирини тоҷик дар ҳудуди кишварҳои хориҷӣ, фароҳам овардани шароит барои содагардонии вуруд ва хуруҷ, инчунин шартҳои буду бош ва ҷойивазкунӣ дар ҳудуди ин кишварҳо, рушди усулҳои муттамадин ва шаклҳои хизматрасонӣ дар бозорҳои кишварҳои хориҷӣ бо роҳи ташкили иштироки тиҷоратӣ ва ғайра иқдомҳои зарурӣ андешида шавад.

11. Татбиқи тадбирҳои зикргардида дар соҳаи ҳамкориҳои минтақавӣ ва ҳамгирой ба иқтисоди ҷаҳонӣ имкон медиҳад, ки то соли 2009 ҳаҷми савдои хориҷии кишвар 25 фоиз афзоиш ёбад.

Ҳамзамон барои ташаккули ҳамкориҳои глобалӣ барои мақсадҳои рушд шароитҳои мусоид фароҳам оварда мешавад (МРҲ 8).

## 5. ТАЪМИНИ РУШДИ УСТУВОРИ ИҚТИСОДӢ (БЛОКИ ИСТЕҲСОЛӢ)

### 5.1. Рушди инфраструктура, энергетика ва саноат

Рушди инфраструктура (нақлиёту алоқа), энергетика ва саноат дар Тоҷикистон имкон медиҳад, ки барои рушди устувор ва баланди иқтисодии кишвар ва тавассути он паст кардани сатҳи камбизоатии аҳолӣ асосҳои моддӣ фароҳам оварда шавад. Ҳамзамон рушди онҳо барои афзоиши шуғли дохилӣ шароит фароҳам оварда, дастрасӣ ва сифати хизматрасониҳои ҳам худӣ ва ҳам дигар хизматрасониҳои иҷтимоиро барои аҳолӣ (таъминот бо об, санитария, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, экология) баланд мебардорад, ки онҳо мустақиман ба сатҳи татбиқи ҳамаи вазифаҳои МРҲ дар Тоҷикистон алоқаманд мебошанд.

2. **Инфраструктура**. Элементҳои муҳими инфраструктураи Тоҷикистон аз нақлиёти роҳи оҳан (беш аз 80 фоиз аз ҳаҷми умумии муомилоти моли савдои хориҷӣ, тақрибан 50 фоизи сафари муҳоҷирини меҳнатӣ ба Россия, ҳамлу нақли беш аз се як қисми ҳамаи молҳо), автомобилӣ (беш аз 95 фоизи боркашониҳои дохилӣ) ва нақлиёти авиатсионӣ, инчунин соҳаи алоқа иборат мебошад.

Дар давраи баъд аз Шӯравӣ фаъолияти **Роҳи оҳани Тоҷикистон** (РОТ) таҳти ислоҳоти ночиз қарор гирифта, барои барқарорсозӣ ва азнавтаҷҳизонӣ ба маблағгузории назаррас эҳтиёҷ дорад. Мутобиқи маълумоти мавҷуда дар солҳои 1995-2002 маҳсулнокии Роҳи оҳани Тоҷикистон аз сабаби ду маротиба таназзул ёфтани ҳаҷми ҳамлу нақл ва 20 фоиз афзоиш ёфтани кормандон то 60 фоиз кам гардид. Сатҳи ҳосилнокии меҳнат низ ба як коргари Роҳи оҳани Тоҷикистон нисбат ба дигар кишварҳои Осиёи Марказӣ камтар мебошад.

Истифодабарандагон аз сифати пасти хизматрасонӣ вобаста ба фарсуда гардидани воситаҳои ҳаракат, ҳолати бади санитарии вагонҳо, нокифоягии самти ҳаракат ва сарборӣ азият мекашанд. Аз сабаби вазъи ногувор ва гузаштани мӯҳлати истифода аксари локомотивҳо ва вагонҳо бояд аз ҳисоб бароварда шаванд. Дар Роҳи оҳани Тоҷикистон 85 фоизи ҳамлу нақл тавассути вагонҳои ширкатҳои хориҷӣ анҷом дода мешавад. Аз 950.7 км. роҳи мавҷуда мӯҳлати таъмири асосии 142 км. роҳ гузаштааст. Аз ин рӯ, бо вуҷуди зиёни зиёд, суръати ҳаракати поездҳо дар баъзе қитъаҳо то 15-20 км/ соат паст мегардад. Системаи сигнализатсия, алоқа ва системаи огоҳонӣ, таҷаммӯъ ва маҳдудгардонӣ хеле кӯҳна ва фарсуда аст. Байни стансияҳои Қӯрғонтеппа ва Кӯлоб хати алоқа ва таъминоти барқ вуҷуд надорад.

Вобаста ба хусусиятҳои ҷойгиршавии ҷуғрофии Тоҷикистон нақлиёти автомобилӣ дар ҳамлу нақли дохилӣ нақши муҳим дошта, ҳамчунин яке аз истеъмолкунандагони асосии маҳсулоти нафт ба ҳисоб меравад.

Манзару шароити кӯҳӣ бозори на он қадар калони Тоҷикистонро ба бозорҳои боз ҳам хурдтар тақсим менамояд. Роҳи оҳани дохилӣ рушд наёфтааст. Ҳамлу нақли асосии дохилӣ тавассути нақлиёти автомобилӣ анҷом дода мешавад. Махсусан дар фасли зимистон ҳаракат ба минтақаҳои кӯҳсори кишвар ниҳоят мушкил аст.

Дар кишвар беш аз 30 ҳазор км. роҳҳои автомобилгард истифода бурда мешавад, ки солҳои 1960-1990 ба истифода дода шуда, беш аз 16 ҳазор км. онҳо маҳаллӣ ва идоравӣ мебошанд. Ҳамаи роҳҳои автомобилгард таъмири асосиро тақозо менамоянд, аммо ҳаҷми маблағҳои мавҷуда барои пурра барқарорсозии онҳо нокифоя мебошад. Нақлиёти байналмилалии автомобилӣ барои ҳамлу нақли борҳои на он қадар калон ба масофаи

кӯтоҳ ва миёна, инчунин самтҳое, ки хизматрасонии нақлиёти роҳи оҳан вуҷуд надорад, ниҳоят муҳим мебошад. Ҳоло нақлиёти автомобилӣ камтар аз 5 фоизи ҳамаи ҳаҷми ҳамлу нақли берунаро анҷом медиҳад, ки яке аз сабабҳои он аз ҷумла маҳдуд будани борҳои интиқолшаванда мебошад. Вале то дараҷаи муайян истифодаи хизматрасонии вобаста ба ҳамлу нақли автомобилии беруна аз сабаби баланд будани тарифҳо паст гардидааст. Ҳамлу нақли автомобилӣ аз Хуҷанд ба кишварҳои Бенилюкс нисбат ба ҳамлу нақл аз Тошканд ду рӯз зиёдтар ва барои ҳар як тонна 50 доллари ШМА гаронтар мебошад (аз ҷумла бо дарназардошти пардохтҳои ғайрирасмӣ).

Созишномаҳои байниҳукуматӣ, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи нақлиёт имзо намудааст, пурра татбиқ намегарданд ва аз ин нигоҳ ҳама гуна созишномае, ки шароити ҳамлу нақлро тавассути кишварҳои транзитӣ беҳбуд мебахшад, қобили дастгирист. Муттаасифона дар минтақаҳои Осиёи Марказӣ ҳанӯз ҳам проблемаҳои транзит, аз ҷумла вобаста ба талаботи техникӣ нисбат ба нақлиёти автомобилӣ ва пардохтҳои ғайрирасмӣ комилан ҳал нагардидаанд.

Дар ҳамлу нақл тавассути нақлиёти ҳавоӣ Корхонаи воҳиди давлатии ҳавопаймоии «Тоҷик Эйр» афзалият дорад, ки асосан бо базаи тайёраҳои кӯҳна, хадамоти ёрирасон (базаи таъмир, тринажёр ва системаи таълим), инфраструктураи фурӯдгоҳҳо, инчунин хадамоти идоракунии ҳаракати ҳавоӣ ва иншооти статсионарии кӯҳна фаъолият менамояд. Сатҳи истифодаи тайёраҳо вобаста ба хароҷоти баланд ва афзоиши нарх барои сӯзишворӣ ниҳоят паст буда, аз ин рӯ ҳоло ҷиҳати иваз намудани онҳо бо тайёраҳои истеҳсоли кишварҳои ғарб тадбирҳо андешида мешаванд.

Сарфи назар аз тадбирҳои андешидашуда ҷиҳати кам кардани монополия ба ҳамлу нақли ҳавоӣ тарифи Корхонаи воҳиди давлатии ҳавопаймоии «Тоҷик Эйр» дар муқоиса бо дигар ширкатҳои авиатсионии минтақа нисбатан баландтар аст, ҳарчанд баъзе ширкатҳои авиатсионӣ низ тавассути тайёраҳои собиқ Шӯравӣ хизматрасониро анҷом медиҳанд. Муҳоҷирони меҳнатӣ аз сабаби мавҷуд набудани чиптаҳо хароҷоти иловагиро ба зимма мегиранд, ки ин ҳам боиси коррупсия мегардад. Нокифоягии рақобат ва бад будани танзим ва шаффофият аҳдҳои байни боркашонҳои нақлиёти ҳавоӣ, фурӯдгоҳҳо ва идоракунии ҳаракати ҳавоиро тезу тунд месозад, ки он боиси қарздории зиёди корхона шудааст. Тарифҳо дар самтҳои ҳаракати дохилӣ хароҷоти мустақими корхонаро пӯшонида наметавонад ва ин барои корхона зараровар мебошад.

**Бахши алоқа** бо дарназардошти ғунҷоиши ками нақлиётӣ, меҳнатталабии зиёд ва сатҳи баланди дурнамои инкишофи бахши мазкур дар бозори ҷаҳонӣ барои рушди минбаъда ояндадор ба назар мерасад. Дар айни замон корҳо оид ба иваз намудани стансияҳои ҳаммонанди телефонии кӯҳна ба стансияҳои нави автоматии рақамӣ иваз карда шудаанд. Сатҳи шабакаҳои насбшудаи ҳамаи САТ-и дар ҷумҳурӣ ба рақамӣ ивазшуда 91,2 фоизро ташкил медиҳад.

Минтақаи пахши барномаи телевизиони миллӣ 98 фоизи аҳолиро фаро мегирад. Алоқаи почта дорои шабакаи васеи корхонаҳо буда, вале аз сабаби зиёноварӣ таҳти дотатсияи давлат қарор дорад.

3. Проблемаҳои асосии инфраструктура аз инҳо иборатанд:

- дур қарор доштан аз баҳр, ба минтақаҳо ҷудо будани кишвар, ки дастрасии иқтисодиро ҳам байни минтақаҳо ва ҳам байни бозори хориҷӣ маҳдуд месозад;
- нопурра татбиқ намудани ислоҳоти институтсионалӣ ва иқтисодӣ, номукаммалии системаи идоракунии давлатӣ;
- мавҷудияти монеаҳои назарраси маъмурӣ барои рушди бахши хусусӣ, маҳдуд будани хизматрасонии ташкилотҳои нақлиётию экспедиторӣ;
- афзоиши нарх барои ҳалли энергия, заминаи сусти моддию техникӣ, ки бо вуҷуди имкониятҳои ниҳоят маҳдуди буҷетӣ ҷиҳати барқарорсозӣ ва рушд ба воситаҳои назарраси молиявӣ эҳтиёҷ дорад.

4. Бо дарназардошти проблемаҳои зикргардида ва мақсадҳои СМР/СПКСК вазифаҳои рушди инфраструктура (алоҳида вобаста ба нақлиёт ва алоқа) дар давраи

солҳои 2007-2009 инҳо муайян гардидаанд: (1) гузаронидани ислоҳоти институтсионалӣ; (2) баланд бардоштани самарабахшии истифодаи захираҳои мавҷуда; (3) пешниҳоди лоиҳаҳои татбиқшаванда ва нави инвеститсионӣ.

5. **Гузаронидани ислоҳоти институтсионалӣ** (вазифаи 1) ҷиҳати таҳкими заминаи ҳуқуқӣ барои анҷом додани фаъолияти мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар бахши инфраструктура, баланд бардоштани нерӯи онҳо, инчунин кам кардани монеаҳои маъмурӣ андешидани маҷмӯи тадбирҳоро пешбинӣ менамояд. Ба Ассотсиатсияи боркашонҳои байналмилалии автомобилӣ фароҳам овардани мақоми мустақил ва муҳайё сохтани ҳавасмандгардонӣ барои оддигардонии дастрасии ширкатҳои нақлиётии хориҷӣ ба бозори миллӣ дахолати давлатро ба бозори хизматрасониҳои нақлиётии байналмилалӣ маҳдуд гардонида, имкон медиҳад ҳаҷм ва сифати чунин хизматрасониҳо баланд бардошта шавад. Бо дарназардошти сатҳи баланди хароҷоти давлат барои таъсиси объектҳои нави нақлиётӣ омӯзиши масъалаи истифодаи пулакии қитъаҳои алоҳидаи роҳҳои автомобилгард ва шояд ҷорӣ намудани он имкон медиҳад, ки хароҷоти давлат қисман пӯшонида шавад.

6. Вазифаи **баланд бардоштани самарабахшии истифодаи захираҳои мавҷудаи инфраструктура** (вазифаи 2) ҷиҳати дар шароити маҳдуд будани имкониятҳои давлат беҳтар ташкил намудани баҳисобгирӣ ва истифодаи судманди амволи давлатӣ нигаронида шудааст. Вазифаи мазкур оид ба инвентаризатсияи (шиносномадиҳии) объектҳои нақлиётӣ ва мушаххасгардонии ҳуқуқи моликият ба онҳо, ки дар навбати аввал ба азнавташкилдиҳии корхонаҳои кишоварзӣ ва ба миён омадани роҳҳои автомобилгарди «бесоҳиб» алоқаманданд, тадбирҳоро дар бар мегирад. Ҳамзамон мутобиқи Стратегияи хусусигардонӣ таҳия ва татбиқи нақшаҳои инфиродии азнавташкилдиҳии корхонаҳои бузурги инфраструктурӣ – Роҳи оҳани Тоҷикистон, Корхонаи воҳиди давлатии ҳавопаймоии «Тоҷик Эйр», ҶСК «Тоҷиктелеком» ва ҶСК «Телерадиоком» пешбинӣ гардидааст.

7. Вазифаи **пешбурди лоиҳаҳои татбиқшаванда ва нави инфраструктуравии инвеститсионӣ** (вазифаи 3) ниҳоят муҳим мебошад. Он ба арзёбии иҷрои корҳои сохтмони роҳҳои автомобилгард нигаронида шудааст, ки ҳам дастрасии дохилии байниминтақавӣ ва ҳам баромади кишварро аз бумбасти нақлиётӣ таъмин менамояд. Дар он вобаста ба афзоиши нарх ба маҳсулоти нафт гузаронидани нақлиёт ба манбаҳои алтернативии энергия дар назар дошта шудааст, ки ба беҳбуди таъмини нақлиёт бо сӯзишворӣ мусоидат хоҳад кард. Ҳамчунин дастгирии фаъолияти Роҳи оҳани Тоҷикистон ва Корхонаи воҳиди давлатии ҳавопаймоии «Тоҷик Эйр» оид ба беҳбуди заминаи моддию техникӣ пешбинӣ мегардад. Масъалаҳои сохтмони роҳи автомобилгард бо Афғонистон, ки дастрасиро ба Эрон ва Покистон таъмин менамояд, мавриди баррасӣ қарор хоҳад гирифт. Як гурӯҳи тадбирҳо ба пешбурди лоиҳаҳо дар бахши алоқа марбутанд.

8. **Энергетика**. Рушдиояндаи Тоҷикистон ва паст кардани сатҳи камбизоатии аҳолӣ аз бисёр ҷиҳат ба он вобаста мебошад, ки дар иқтисоди кишвар захираҳои энергетикӣ то чӣ андоза самарабахш истифода мегарданд. Рушди энергетика имкон медиҳад на танҳо ҳаҷм ва сифати хизматрасонӣ барои дигар бахшҳои истеҳсолӣ, ки дар айни замон аз сабаби норасоии қувваи барқ бо иқтидори нопурра фаъолият мекунанд, афзояд, инчунин ба баланд бардоштани сатҳи дастрасии хизматрасонии энергетикӣ барои аҳолӣ мусоидат хоҳад кард.

9. Системаи электроэнергетикии кишвар воқеан аз се зерсистемаҳои алоҳида иборат аст, ки дар Вилояти Суғд, дар Ҷануби кишвар (аз ҷумла Вилояти Хатлон, ш.Душанбе ва НТБ) ва Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон мавҷуданд. Тоҷикистон дорои захираҳои зиёди гидроэнергетикӣ буда, аз ин ҷо 55 фоизи захираҳои минтақаи Осиёи Марказӣ сарчашма мегиранд. Захираҳои умумии имконпазири гидроэнергетикии кишвар 527 млрд кВт.соат дар як сол мебошад (асосан дар ҷануби кишвар). Сатҳи имрӯзаи истеҳсоли қувваи барқ аз нерӯи аз нигоҳи техникӣ истифодабоб 6.5 фоизро ташкил медиҳад. Дар сохтори баланси сӯзишворию энергетикии кишвар захираҳои

гидроэнергетикӣ беш аз 90 фоиз мебошад. Нерӯи назарраси гидроэнергетикии кишвар имкон медиҳад, ки содироти қувваи барқ ва рушди истеҳсолоти энергияталаб зиёд карда шавад.

Дар айни замон дар як сол 16.5-17 млрд кВт.соат қувваи барқ истеҳсол мешавад, ки тақрибан 99 фоизи он обӣ мебошад. Қисми асосии ин қувва дар НОБ-и Норак истеҳсол мегардад, ки он дорои обанбори ҳаҷман хурд буда, имкон намедиҳад, ки иқтидорҳои мавҷуда пурра истифода бурда шаванд. Афзалияти асосии қувваи барқе, ки дар НОБ-и Норак истеҳсол мегардад, ин арзиши аслии он мебошад (0.3 сенти ШМА), ки ҳанӯз дар давраи Шӯравӣ хароҷоти инвеститсионии он пӯшонида шуда буд.

Калонтарин истифодабарандагони саноатии қувваи барқ Заводи алюминийи тоҷик ва насосҳои обкаш барои эҳтиёҷоти кишоварзӣ мебошанд, ки аз сарбории умумӣ мутаносибан 40 фоиз ва 15 фоизро ташкил медиҳанд.

Захираҳои кашфгардидаи нафт, газ ва конденсат камтар аз як фоизи захираҳои маҷмӯиро ташкил медиҳанд, ки тақрибан 1033 миллион тонна сӯзишвории шартӣ арзёбӣ мегардад. Захираи ангишт 4.5 миллиард тонна пешгӯӣ мегардад, ки қисми ночизи он истихроҷ карда мешавад (дар соли 2005 ҳамагӣ 100 ҳазор тонна истихроҷ шудааст).

Тарифҳои паст ба қувваи барқ низ боиси бад гардидани ҳолати техникии истеҳсолот, баланд шудани норасоии қувваи барқ ва талафот, афзоиши талабот ба қувваи барқ, махсусан аз ҷониби хоҷагиҳои ҳавлигӣ мегардад. Дар фасли зимистон ин омилҳо ҳамзамон бо талаботи афзояндаи мавсимӣ ба қувваи барқ, паст шудани обгузаронии дарёи Вахш ва истеҳсоли ками нерӯи барқ дар НОБ-и Норак боиси мунтазам қатъ гардидани қувваи барқ мегардад.

Кам шудани интиқоли газ ва истеҳсоли ангиш, афзоиши нарх ба ҳомилҳои энергияи воридотӣ боиси зиёд шудани талабот аз ҷониби хоҷагиҳои ҳавлигӣ, маҳдудсозии мавсимии қувваи барқ, муқаррар намудани маҳдудият (лимит) ба газ то 6-8 соат дар як шабонарӯз гардид (нокифоягии қувваи барқ дар фасли зимистон 3-3.5 млрд. кВт.соатро ташкил медиҳад). Дар фасли зимистон аз сабаби нокифоягии захираҳои энергетикӣ муассисаҳои таълимӣ ва тиббӣ, махсусан дар деҳот пурра фаъолият намеанамоянд, кори стансияҳои насосии обрасонӣ боздошта мешаванд ва мутаносибан мубталоӣ ба бемориҳои сироятӣ меафзоянд. Истеҳсолоти саноатӣ дар кишвар хусусияти мавсимиро гирифтааст.

10. Вобаста ба ин проблемаҳои асосии рушди энергетика инҳо эътироф гардидаанд:

- ба охир нарасидани татбиқи ислоҳоти институтсионалӣ ва иқтисодӣ дар бахши энергетика;
- сатҳи пасти истифодаи тарифҳо, ки ҷиҳати тавсеаи такрористеҳсол шароит фароҳам намеорад; ҳаҷми назарраси норасоии квазифискалӣ;
- афзоиши ҳиссаи қувваи барқ барои истифодаи маишии аҳолӣ;
- сатҳи баланди талафоти қувваи барқ ва энергия;
- сатҳи баланди хароҷот барои сохтмони объектҳои нави энергетикӣ ва барқарорсозии объектҳои мавҷуда.

11. Бо дарназардошти мақсадҳои СМР/ СПКСК, афзалиятҳои Стратегияи миллии рушд ва ба инобат гирифтани проблемаҳои энергетикии зикргардида дар солҳои 2007-2009 чунин вазифаҳои асосии бахш муайян гардидаанд: 1) гузаронидани ислоҳоти институтсионалӣ; 2) баланд бардоштани самарабахшии истифодаи захираҳои мавҷуда; 3) пешниҳоди лоиҳаҳои амалкунанда ва нави инвеститсионӣ дар бахши энергетика.

12. Вазифаи якум «Гузаронидани ислоҳоти институтсионалӣ» аз ҳам ҷудо кардани функсияҳо ва беҳбуди нерӯи мақомоте, ки барои таҳия ва татбиқи сиёсати энергетикӣ масъуланд, инчунин танзими бахши энергетикиро пешбинӣ менамояд. Дар ин самт ба пешбурди масъалаи содироти қувваи барқ ба харидорони имконпазир – кишварҳои ҳамсоя, ки ба он эҳтиёҷ доранд (Эрон, Покистон, Афғонистон, Ҳиндустон) таваҷҷӯҳи махсус зоҳир мегардад. Бо мақсади фароҳам овардани шароит барои тавсеаи такрористеҳсол дар энергетика ва афзоиши инвеститсия мунтазам баланд бардоштани тарифҳои энергетикӣ аз соли 2007 сар карда ва то соли 2010 ба 2,1 сент барои 1 кВт

расонидани он пешбинӣ гардида, ҳамзамон механизмҳои ҳифзи гурӯҳҳои нисбатан осебпазири аҳолӣ дар назар дошта шудааст. Оид ба рушди энергетика дар давраи то соли 2025 консепсия таҳия мегардад, ки таъсиси комплексҳои (кластерҳои) саноатию энергетикӣ ва обу саноатӣ, инчунин консорсиумҳои минтақавии энергетикиро дар бар мегирад. Ҳамзамон, бо дарназардошти мақоми Тоҷикистон ҳамчун манбаи оби минтақа, омӯзиши масъала дар хусуси пулакӣ будани об пешбинӣ карда мешавад.

13. **Барои таъмини баланд бардоштани самарабахшии истифодаи захираҳои мавҷуда** (вазифаи 2) ҷиҳати азнавташкилдиҳии корхонаҳои азими энергетикӣ -«Барқи тоҷик» ва «Тоҷикгаз» тадбирҳо пешбинӣ гардиданд. Татбиқи барномаҳои сохтмони НОБ-ҳои хурд имкон медиҳад, ки ноҳияҳои дурдасти кишвар бо сатҳи баланди камбизоатӣ бо қувваи барқ беҳтар таъмин карда шаванд. Махсусан ба масъалаҳои кам кардани талафоти энергетикӣ, инчунин талафот аз ҷониби истеъмолкунандагон таваҷҷӯҳи хос зоҳир мегардад.

Тавсеаи дастрасӣ ба шабакаҳои тақсимкунандаи ҶШК «Барқи Тоҷик» имкон медиҳад, ки истифодабарандагони нав низ бо қувваи барқ таъмин гарданд. Сохтмони объектҳои нави энергетикӣ (НОБ-ҳои Сангтӯда-1 ва 2, навбати аввали НОБ-и Роғун) дар доираи лоиҳаҳои амалкунандаи инвеститсионӣ имкон медиҳад таъминоти истифодабарандагон бо қувваи барқ (махсусан дар фасли зимистон) ниҳоят беҳбуд ёбад, инчунин қувваи барқи зиёдатӣ дар фасли тобистон содир карда шавад. Дар назар дошта шудааст, ки имконпазирии ба ангишт гузаронидани таъминот бо гармӣ мавриди омӯзиш қарор гирад ва як лоиҳаи инвеститсионӣ дар бораи сохтмони стансияи ангиштии барқӣ пешниҳод карда шавад.

14. **Барои пешбурди (пешниҳоди) лоиҳаҳои амалкунанда ва нави инвеститсионии энергетикӣ таваҷҷӯҳи махсус зоҳир мегардад** (вазифаи 3). Тадбирҳои пешбинигардида на танҳо ба таҷдид, инчунин ба баланд бардоштани самарабахшии объектҳои амалкунандаи гидроэлектроэнергетикӣ, инчунин сохтмони НОБ-ҳои нав ва азнавсозии корхонаҳои ангишт нигаронида мешаванд. Сохтмони хати интиқоли барқи «Ҷануб-Шимол» имкон медиҳад, ки вобастагии Вилояти Суғд аз содироти қувваи барқ камтар гардад. Ҳамзамон пешниҳоди лоиҳаҳои инвеститсионӣ оид ба сохтмони хатҳои интиқоли барқи содиротӣ барои дигар кишварҳои минтақа имкон медиҳад, ки бозори фурӯши қувваи барқи зиёдатии истеҳсолшаванда тавсеа ёбад.

15**. Саноат.** Афзоиши истеҳсолоти саноатӣ имкон медиҳад, ки таъсиси ҷойҳои нави корӣ суръат ёфта, ба ин васила ба ҳалли проблемаҳои камбизоатии аҳолӣ мусоидат карда шавад. Барои чунин рушд Тоҷикистон дорои имкониятҳои кофӣ мебошад (музди меҳнати на он қадар баланд, мавҷудияти канданиҳои фоиданок, истеҳсоли ҳаҷми назарраси маҳсулоти кишоварзӣ).

16. Дар солҳои истиқлолият саноати гуногунсоҳаи кишвар ба таназзули амиқ рӯ ба рӯ шуд: дар муқоиса бо соли 1991 ҳаҷми истеҳсолоти саноатӣ дар соли 1996 то 34.2 фоиз ва дар соли 2004 то 63.6 фоиз паст гардид, ки ин бегуфтугӯ ба сатҳи камбизоатии аҳолӣ таъсири манфӣ расонд. Сатҳи самти ашёии саноат афзоиш ёфта, беш аз 58 фоизро ташкил медиҳад. Дар сохтори истеҳсолоти саноатӣ Заводи алюминии Тоҷикистон бо вазни қиёсии беш аз 40 фоиз нақши асосиро дошта, фаъолияти содиротии он аз тарифҳо ба қувваи барқ, тарифҳои нақлиётӣ нархи гилхок ва алюминий дар бозори ҷаҳонӣ вобаста мебошад. Ҳиссаи саноати кӯҳкорӣ аз сабаби сатҳи на он қадар баланди сармоягузориҳо, хароҷоти назаррас барои коркарди конҳо, даромаднокии пасти корхонаҳои дахлдор, аз нигоҳи техникӣ ба таври кофӣ муҷаҳҳаз набудани онҳо, заминаи сусти институтсионалӣ ва ҳуқуқӣ, маҳдуд будани дастрасии инвесторҳо ба иттилоот ҷавобгӯи нерӯи мавҷуда намебошад.

Бо вуҷуди ин дар солҳои охир вобаста ба заминаи пасти ибтидоӣ рушди истеҳсолоти саноатӣ бо суръати баланд идома дошт. Манбаъҳои асосии рушд мухталиф буданд: агар дар оғоз ба истиқрори сулҳ дар Тоҷикистон вобаста бошад, рушди имрӯзаи саноат ба маблағгузоронии муҳоҷирони меҳнатӣ, баланд гардидани талаботи дохилӣ

алоқаманд аст. Тоҷикистон барои рушди истеҳсолоти аҳамияти минтақавӣ ҷиҳати коркарди саноатӣ дорои захираҳо ва (маҳсулоти кишоварзӣ, алафҳои доруворӣ, ангишт, тилло, сангҳои қиматбаҳо, дигар захираҳои моддӣ) ва инфраструктураи зарурӣ мебошад (дар дурнамо, баъди ҳалли проблемаҳои таъминот бо энергия).

17. Сабабҳои асосии таназзули истеҳсолоти саноатӣ ва суръати нокифояи барқарорсозии он аз инҳо иборатанд:

- ғунҷоиши на он қадар баланди бозори дохилӣ, қатъ гардидани робитаҳои қаблии кооперативӣ, мавҷуд набудани сиёсати дақиқи саноатӣ, сатҳи баланди танзим;
- маҳдуд будани таҷриба ва дониш дар соҳаи менеҷменти саноатӣ, маҳсулнокии нокифояи қувваи корӣ (танҳо 45 фоиз аз сатҳи Хитой, ду маротиба камтар нисбат ба Полша ва Ҳиндустон);
- сатҳи баланди фарсудашавии таҷҳизот ва технологияи кӯҳна, мушкил будани дастрасӣ ба сармоя, сифати номатлуби маҳсулоти истеҳсолшаванда;
- бад гардидани шароити ҳамлу нақл, таъминот бо газ, об, гармӣ ва қувваи барқ.

18. Бо дарназардошти мақсадҳои СМР/ СПКСК, афзалиятҳои Стратегияи миллии рушд ва ба инобат гирифтани проблемаҳо дар бахши саноат барои солҳои 2007-2009 вазифаҳои асосии зайли рушд муайян гардиданд: (1) гузарониданиислоҳоти институсионалӣ дар бахши саноат; (2) дастгирии рушди самтҳои афзалиятноки саноат.

19. Гузаронидани ислоҳоти институтсионалӣ дар бахши саноат (вазифаи 1) на танҳо ба баланд бардоштани нерӯи мақомоти идоракунии давлатӣ, инчунин ба такмили системаи идоракунӣ нигаронида шудааст. Инвентаризатсияи иқтидорҳои мавҷудаи саноатӣ ва таҳлили корхонаҳои саноатии хусусигардонидашуда (азнавташкилшуда) имкон медиҳад, ки заминаи иттилоотӣ беҳбуд ёфта, усулҳои баланд бардоштани самарабахшии моликияти давлатӣ таҳия карда шавад.

Такмили қонунгузорӣ дар соҳаи саноати кӯҳкорӣ ва беҳбуди дастрасии инвесторҳои имконпазир ба иттилоот метавонад ҷиҳати фаъолтар гардидани инвесторҳои мустақим ба ин соҳаи сармояталаби саноат мусоидат намояд. Бояд имконияти кишвар ҷиҳати ҷалби бештари инвеститсияҳои хусусӣ ба ин соҳа, аз ҷумла таҷдиди қонунгузории андоз, қонунгузорӣ дар бораи моликият беҳбуд бахшида шуда, системаи таъминоти иттилоотӣ оид ба конҳои мавҷуда ба инвесторони имконпазир, таҷдиди сохтори системаи бақайдгирӣ ва интиқоли ҳуқуқ барои соҳибии конҳо, таълими кадрҳои миллӣ созмон дода шавад.

Фароҳам овардани шароитҳои мусоид барои соҳибкори хурди саноат на танҳо шуғли босамарро таъмин менамояд, ҳамчунин метавонад ба рушди умумии саноат ва диверсификатсияи иқтисодиёт мусоидат намояд.

20. Барои истифодаи афзалиятҳои истеҳсолии Тоҷикистон дар доираи вазифаҳои «Дастгирии рушди самтҳои афзалиятноки саноат» маҷмӯи чорабиниҳо пешбинӣ мегардад. Ин тадбирҳо асосан ба пешниҳоди лоиҳаҳои асосии инвеститсионӣ барои саноати сабук ва озуқаворӣ, аз ҷумла сохтмони корхонаҳо бо сикли пурраи коркарди пахта ва дигар ашёи кишоварзӣ алоқаманд мебошанд. Дар онҳо ба саноати масолеҳи бинокорӣ, бо дарназардошти афзоиши талабот ба маводи сохтмон аз ҷониби объектҳои сохташавандаи энергетикӣ, роҳсозӣ, дигар объектҳо, инчунин аҳолӣ таваҷҷӯҳи махсус зоҳир мегардад. Барои ҷалби инвеститсияҳо ҷиҳати коркарди алюминий, металлҳо ва сангҳои қиматбаҳо ва саноати кӯҳкорӣ бештар кӯшиш ба харҷ дода мешавад. Бо дарназардошти талаботи афзоянда аз ҷониби соҳаи кишоварзӣ пешниҳоди лоиҳаҳо ҷиҳати таъсиси истеҳсолот оид ба тавлиди қисмҳои эҳтиётӣ, сохтани техникаи нави кишоварзӣ пешбинӣ мегардад. Беҳбуди таъминоти объектҳои соҳибкорӣ хурд, инчунин хоҷагиҳои ҳавлигӣ бо энергия метавонанд ба татбиқи лоиҳаҳо оид ба истеҳсоли таҷҳизот барои тавлиди энергияҳои алтернативӣ (шамолӣ, офтобӣ) ва газҳои биологӣ мусоидат намояд, ки мустақиман ба паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар ноҳияҳои дурдасти Тоҷикистон вобаста мебошад.

21. Бо дарназардошти муҳимии нақлиёт ва энергетика дар таъмини суръати баланди рушди иқтисодӣ ва оддигардонии дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои иҷтимоӣ

лоиҳаҳои нави пешниҳодшаванда дар ин соҳаҳо ба матритсаи бахшии фаъолияти СПКСК барои 2007-2009 ворид гардиданд.

22. Татбиқи тадбирҳои зикргардида имкон медиҳад, ки дар соли 2009:

- дар бахши инфраструктура – муомилоти мол ва мусофиркашонӣ мутаносибан 12.6 фоиз ва 4.7 фоиз афзоиш ёбад, ҳиссаи бахши алоқа нисбат ба ММД 38 фоиз зиёд гардад;
- дар бахши энергетика – давомнокии ҳисоби миёнаи шабонарӯзии додани қувваи барқ ба истифодабарандагон аз 16 то 20 соат идома ёбад, касри квазифискалӣ аз 20.5 то 0 фоиз паст гардида, ҷадвали дақиқи додани газ, қувваи барқ ва гармӣ ҷорӣ карда шавад;
- дар бахши саноат – ҳаҷми истеҳсолоти саноатӣ аз ҳисоби барқарорсозӣ ва рушди корхонаҳо 25.6 фоиз, рушди ҳосилнокии меҳнат дар саноат 16 фоиз, рушди саноати содиротӣ 18 фоиз ва афзоиши шумораи кормандон дар саноат 20.5 фоиз таъмин карда шавад.

### 5.2. Амнияти озуқаворӣ ва рушди бахши аграрӣ

1. Рушди бахши аграрӣ ба таъмини боэътимод, босубот ва мутаносиби кишвар бо озуқаворӣ тавассути афзоиши мунтазам ва устувори ҳаҷми маҳсулоти кишоварзӣ, баланд бардоштани сатҳи даромад ва шуғли аҳолӣ, инчунин ҳифзи захираҳои табиӣ барои тавсеаи такрористеҳсол мусоидат хоҳад кард, ки мустақиман барои ноил шудан ба Мақсадҳои рушди ҳазорсола (вазифаи 1) нигаронида шудааст.

2. Бахши амнияти озуқаворӣ ва рушди бахши аграрӣ чунин соҳаҳои муҳимро ба монанди кишоварзӣ, захираҳои обу замин ва озуқаворӣ дар бар мегирад. Мақсади асосии СПКСК дар бахш аз афзоиши маҷмӯи маҳсулоти кишоварзӣ ва ҳосилнокии меҳнат иборат аст, ки дар навбати худ имкон медиҳад ба мақсадҳои СПКСК ноил гардида, дар маҷмӯъ, махсусан дар деҳот, сатҳи камбизоатӣ паст карда шавад.

3. Таҳлили вазъи ҷории бахш проблемаҳои асосии зайлро ошкор намуд:

- номукаммалии системаи идоракунӣ дар бахш ва нерӯи сусти мақомоте, ки барои таҳия ва татбиқи сиёсати бахшӣ масъуланд;
- дахолати мақомоти давлатӣ ба фаъолияти корхонаҳои кишоварзӣ;
- афзоиши қарзи бахши пахтакорӣ дар назди инвесторҳо, технологияи бесамар, мӯҳлати зиёд барои тоза кардани пахта ва тарифҳои баланд, ба стандартҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ набудани таснифи (классификатсияи) пахта;
- нокифоягии хӯроки чорво аз сабаби кам кардани кишти зироатҳои хӯрока, вайрон гардидани системаи чорвопарварии чарогоҳӣ, паст гардидани самарабахшии он, хизматрасонии ғайриқаноатбахши байторӣ;
- сатҳи баланди хароҷот барои таъмир ва барқарорсозии шабакаҳои ирригатсионию заҳбурӣ ва стансияҳои насосӣ;
- афзоиши бемориҳои вобаста ба хӯрока, заминаи сусти кадрӣ, лабораторӣ дар соҳаи ташкили ғизои солим.

4. Бо дарназардошти мақсадҳои СМР/СПКСК, афзалиятҳои Стратегияи миллии рушд, ба инобат гирифтани проблемаҳо дар бахши амнияти озуқаворӣ ва рушди бахши аграрӣ чунин вазифаҳои асосии миёнамӯҳлат муайян гардиданд: 1) гузаронидани ислоҳоти институтсионалӣ; 2) баланд бардоштани самаранокии бахши пахтакорӣ; 3) татбиқи кафолатҳо ва ҳуқуқи заминистифодабарандагон; 4) беҳбуди ҳолат ва баланд бардоштани самарабахшии инфраструктураи кишоварзӣ ва идоракунии захираҳои обӣ; 5) беҳбуди шароит барои рушди соҳибкории деҳот; 6) ташкили ғизои солим.

5. **Гузаронидани ислоҳоти институтсионалӣ** (вазифаи 1) татбиқи ислоҳот ва баланд бардоштани нерӯи мақомоте, ки барои таҳия ва татбиқи сиёсати бахшӣ масъуланд, ҷалби инвеститсияҳо ва дастгирии соҳибкорӣ, инчунин аз байн бурдани монеаҳои маъмуриро вобаста ба дахолати мақомоти давлатӣ ба фаъолияти кишоварзӣ пешбинӣ менамояд. Вобаста ба ин таҳия ва татбиқи барномаҳои бисёрсоҳавӣ оид ба амнияти озуқаворӣ, рушди истеҳсол ва содироти маҳсулоти кишоварзӣ дар давраи то соли 2015,

инчунин дастгирии сохторҳо оид ба ҳифзи генофонди ҳайвоноти хонагӣ ва ваҳшӣ (таъсиси бонки тухмӣ ва махзани маълумот) дар назар дошта шудааст.

6. Қарзҳо дар бахши пахтакорӣ барои рушди минбаъдаи соҳаи кишоварзӣ яке аз монеаҳои муҳим ба ҳисоб меравад. Ҳалли ин проблема (вазифаи 2) **баланд бардоштани самаранокии бахши пахтакориро** пешбинӣ менамояд. Барои ин чунин тадбирҳо, ба монанди ҳалли муттасили масъалаҳои қарзи пахта аз ҷониби Комиссияи мустақил бо роҳи муҳокимаҳои судӣ дар хоҷагиҳои таҷрибавии пахтакорӣ, ҷорӣ намудани расмиёти муфлисшавӣ барои хоҷагиҳои қарздор пешбинӣ мегардад. Барои содагардонии ба фермерҳо дастрас будани кредитҳо гузаронидани тадқиқот, таҳия ва татбиқи усулҳои нави самарабахшии кредитонии пахтакорӣ дар назар дошта шудааст. Ҷорӣ намудани стандартҳои байналмилалӣ барои арзёбии (баҳодиҳии) пахтаи тоҷик, аз ҷумла таъсиси сохтори махсуси арзёбикунанда, содагардонии расмиёти биржавӣ ба деҳқонон имкон медиҳад, ки аз фурӯши пахта даромади бештар ба даст оранд. Гузаронидани тадқиқот ва таҳияи механизмҳои баланд бардоштани рақобат байни заводҳои пахтатозакунӣ барои кам кардани мӯҳлат ва беҳбуди сифати коркарди пахта шароит фароҳам меорад. Дастрас будани бозори беруна барои пахтаистеҳсолкунандагон ҳангоми содироти пахта, воридоти пору, техника ва дигар мавод ҳадди ақали (минимизатсияи) расмиётро таъмин хоҳад кард.

7. Барои **татбиқи кафолатҳо ва ҳуқуқи истифодаи замин** (вазифаи 3) бояд содагардонӣ ва баланд бардоштани шаффофияти расмиёти бақайдгирӣ ва ҳуқуқи истифодаи замин тибқи қонунгузорӣ танзим гардад, ки имкон медиҳад расмиёти гирифтани сертификатҳо осон ва хароҷот камтар гардад. Инчунин бояд таҷдиди пурраи сохтори хоҷагиҳо ва азнавташкилдиҳии онҳо идома ёбад, ки имкон медиҳад деҳқонон барои истифодаи замин ҳуқуқи воқеӣ пайдо кунанд. Зарур аст, ки ҷиҳати муқаррар намудани андози ягона барои заминҳои кишоварзӣ вобаста ба сифати хок ва арзёбии замин пешниҳодҳо таҳия карда шаванд. Вобаста ба имконият чорабиниҳое, ки барои таъмини ҳуқуқ ва имкониятҳои баробари занон ва мардон ҷиҳати дастрасӣ ба замин нигаронида шудааст, аз ҷумла тадбирҳо оид ба иттилоотонии аҳолӣ, чораҳои маърифатӣ ва тавзеҳотӣ дар хусуси ҳуқуқи баробари аҳолӣ ба захираҳо, омӯзиши истифодаи замин, инчунин рушди шабакаҳои муассисаҳои микрокредитӣ дастгирӣ хоҳанд ёфт. Мониторинги риояи ҳуқуқ ва кафолатҳои баробар ба замин идома дода мешавад. Дар назар дошта шудааст, ки оид ба таъмини истифодаи мақсадноки заминҳои кишоварзӣ пешниҳодҳо таҳия гардида, ҳангоми ғайримақсаднок истифода бурдани онҳо муҷозоти иловагӣ андешида шавад.

8. Дар натиҷаи ислоҳот қисми зиёди инфраструктураи кишоварзӣ бесоҳиб монд (роҳҳои автомобилгард, системаҳои ирригатсионӣ), ки таназзули он рушди истеҳсолотро маҳдуд мегардонад. Аз ҷумла барои ҳалли проблемаҳои мазкур дар назар дошта шудааст, ки **ҷиҳати беҳбуди вазъ ва баланд бардоштани самарабахшии инфраструктураи кишоварзӣ ва идоракунии захираҳои обӣ** (вазифаи 4) тадбирҳо андешида шавад. Ҳамчунин барқарорсозӣ ва эҳёи системаи ирригатсионию заҳбурӣ (ки ба тадқиқи пешакӣ асос ёфтааст), азхуд намудани заминҳои нав, инчунин таъсиси Ассотсиатсияи обистифодабарандагон пешбинӣ гардидааст. Дар назар дошта шудааст, ки инвентаризатсияи объектҳои бесоҳиби соҳаи иҷтимоӣ, нақлиёт, ирригатсия ва ғайра сурат гирифта, барои интиқоли он таҳти соҳибии дигар мақомоти дахлдор чораҳо андешида мешавад. Бо мақсади баланд бардоштани ҳосилнокии замин, кам кардани бодлесшавӣ ва биёбоншавӣ шинондани дарахту буттаҳо ва истифодаи муомилоти кишт ва ғайра ба нақша гирифта шудааст.

9. Дар қисми **беҳбуди шароит барои рушди соҳибкории деҳот** (замимаи 5) тадбирҳои махсус андешида шудаанд. Ин тадбирҳо асосан ба пешбурди лоиҳаҳои инвеститсионӣ нигаронида шудаанд, аз ҷумла аз ҳисоби ҷалби маблағҳои пулии муҳоҷирони меҳнатӣ таъсис додани корхонаи хизматрасон (лизинг ва ғайра); рушди чорводорӣ дар хоҷагиҳои хусусӣ; дастгирии таъсиси фермаҳои чорвои ширдеҳ, гӯсфандпарварӣ барои гӯшт, паррандапарварӣ, парвариши қӯтос ва бузпарварӣ дар

минтақаҳои кӯҳсор ва баландкӯҳ, замбӯриасалпарварӣ ва моҳипарварӣ (давраи якум); дар ҷамоатҳо ташкил намудани нуқтаҳои шахсии бордоркунии ҳайвонот. Дастрасии хоҷагиҳо ба захираҳои молиявӣ баланд бардошта шуда, ташаббус ҷиҳати таъмини онҳо бо тухмӣ, пору, химикатҳо ва ғайра дастгирӣ хоҳад ёфт. Тавассути ҷалби бахши хусусӣ баланд бардоштани сифати хизматрасонии байторӣ, селексия ва тухмипарварӣ пешбинӣ гардидааст. Дар назар дошта шудааст, ки тадқиқи бозори озуқаворӣ ва хизматрасонии маркетингӣ, омӯзиши мутобиқи мақсад будани танзими оддигардонидашуда ва андозбандии корхонаҳои инфиродӣ, корхонаҳои хурди кишоварзӣ, аз ҷумла корхонаҳои хизматрасон ва пахтакор гузаронида шавад. Ҳамчунин фароҳам овардани хизматрасониҳои иқтисодию ҳуқуқӣ ва машваратӣ оид ба масъалаҳои истифодаи самарабахши замин ва рушди бизнеси хусусӣ дар бахши кишоварзӣ пешбинӣ мегардад. Барои кам кардани дахолат ба масъалаҳои фаъолияти фермерҳо вобаста ба истеҳсол дар 5-6 ноҳия гузаронидани озмоиш ҷиҳати фароҳам овардани интихоби озоди парвариши зироатҳои кишоварзӣ дар назар дошта шудааст. Ҳамчунин тадбирҳо оид ба тақвияти нерӯи сохторҳое, ки алайҳи ҳашарот (малах) мубориза мебаранд, пешбинӣ гардиданд.

10. Вазифаи 6 **оид ба ташкили ғизои солим** ба паст кардани паҳншавии бемориҳои вобаста ба ғизо, тақвияти заминаи қонунгузорӣ, лабораторӣ ва кадрӣ нигаронида шудааст. Он маҷмӯи тадбирҳои зайлро дар бар мегирад: таҳияи қонунгузорӣ оид ба фортификатсияи орд; тасдиқи иттиҳод (гурӯх) оид ба беҳбуди сифати озуқаи аҳолӣ дар сатҳи ҳукумат; таҳияи (мутобиқгардонии) СанПиНов (меъёрҳои санитарию профилактикӣ), талаботи тиббию биологӣ ва меъёрҳои санитарӣ нисбат ба сифат ва амнияти озуқаворӣ; таҳия ва татбиқи Стратегияи пешгирӣ ва муолиҷаи норасоии ғизо дар байни кӯдакон; таҳия ва татбиқи стратегияи илман асосноки ташкили ғизои солими хонандагон, гузаронидани тадқиқот; доир намудани чорабиниҳо оид ба пешгирӣ ва муолиҷаи гипотрофия (норасоии ғизо); таъмини гурӯҳҳои мақсаднок бо моводи дорои оҳан ва капсулаҳо бо витамини А; фортификатсияи орди истеҳсолшаванда бо премикс; таъмини йодкунонии умумии намак; бо таҷҳизоти лабораторӣ таҷҳизонидани маркази ҷумҳуриявӣ оид ба проблемаҳои озуқаи Вазорати тандурустӣ; таъсиси кафедраи озуқа дар заминаи Донишгоҳи давлатии тиббии ба номи Абӯалӣ ибни Сино ва Пажӯҳишгоҳи омодагии баъдидипломӣ; татбиқи барномаи маҷмӯӣ оид ба баланд бардоштани сатҳи фаъолнокии ҷисмонии аҳолӣ; арзёбии мунтазами мақоми озуқавии аҳолӣ ва дигар проблемаҳои тиббӣ вобаста ба озуқаворӣ. Татбиқи ин барномаҳо имкон медиҳад, ки сатҳи бемориҳои вобаста ба озуқа, қабл аз ҳама барои гурӯҳҳои аҳолии осебпазир камтар гардад.

11. Татбиқи тадбирҳои дар боло зикргардида дар бахши амнияти озуқаворӣ ва рушди бахши аграрӣ то соли 2009 имкон медиҳад:

- маҷмӯи маҳсулоти кишоварзӣ то 16.5 фоиз афзоиш ёбад;
- ҳосилнокии меҳнат 8.2 фоиз зиёд гардад.

## 6. РУШДИ НЕРӮИ ИНСОНӢ (БЛОКИ ИҶТИМОӢ)

Давраи гузариш, ки бо проблемаҳои мураккаби сиёсӣ ва иқтисодӣ тавсиф меёбад, боиси зуд бад гардидани вазъи блоки иҷтимоӣ (тандурустӣ, маориф ва илм, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, таъминот бо об, санитария, ХМК, экология, баробарии гендерӣ), паст шудани дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои хишсифат ва шароити зист гардид.

Дар навбати аввал ин ба мавҷуд набуданиислоҳоти назаррас ва ба ҳам мувофиқашудаи блоки иҷтимоӣ, маҳдудияти молиявии давлат ҷиҳати маблағгузории бахшҳои иҷтимоӣ, бад гардидани нерӯи кадрӣ ва заминаи моддию техникӣ вобаста мебошад. Солҳои охир, сарфи назар аз беҳбуди сифатии имконоти молиявии кишвар ва афзоиши ҳаҷми мутлақи хароҷоти буҷетӣ ба бахши иҷтимоӣ, афзоиши баланди аҳолӣ имконият намедиҳад, ки дар бахши иҷтимоӣ пешравии назаррас ба даст ояд.

Танзими мураккаб ва монеаҳои зиёди маъмурӣ ба рушди бахши хусусӣ халал мерасонад, ҳол он ки бахши мазкур метавонист таъмини як қисми эҳтиёҷоти хизматрасонии иҷтимоиро ба зимма гирад ва имконияти давлатро ҷиҳати фароҳам овардани хизматрасониҳои кафолатноки иҷтимоӣ баланд бардорад.

Қисми зиёди кумакҳои беруна, ки барои барқарорсозии нерӯи блоки иҷтимоӣ равона гардидаанд, барои ҳалли проблемаҳои фавқулоддаи ҷорӣ нигаронида шуда, аз сабаби мавҷуд набудани интихоби дурусти афзалиятҳои дарозмӯҳлат на ҳамеша самарабахш истифода бурда мешаванд.

Ҳукумат азм дорад минбаъд низ ба гузаронидани ислоҳоти бозаргонӣ дар бахшҳои иҷтимоӣ идома диҳад ва ҳамзамон маблағгузории чорабиниҳоро дар ин соҳа афзун намояд.

## 6.1. Рушди системаи маориф ва илм

Дар давраи гузариш проблемаи ҳифзи дастовардҳо дар бахши маориф ва илм, рушди минбаъдаи онҳо бо дарназардошти шароитҳои нави сиёсӣ ва иҷтимоӣ дар ҳамбастагӣ бо рушди ҷаҳонӣ ва арзишҳои умумиинсонӣ масъалаи ниҳоят муҳим ба ҳисоб мерафт. Ҳалли ин масъалаҳо дар натиҷаи оқибатҳои ҷанги харобовари шаҳрвандӣ ва сатҳи баланди камбизоатии аҳолӣ, инчунин ақибмонӣ дар гузаронидани ислоҳоти муҳими институтсионалӣ ва истифодаи на он қадар самарабахши захираҳои мавҷуда боз ҳам мушкилтар гардид.

Ҳаҷми хароҷоти давлатӣ барои маориф соли 1991 нисбат ба ММД 8.9 фоиз ё аз хароҷоти умуми давлатӣ 23.6 фоизро ташкил дод. Ин нишондиҳандаҳо дар соли 2006 мутаносибан ба 4.2 ва 16.7 фоиз баробар буданд. Ҳисобҳо нишон медиҳанд, ки барои то ҳадди ақал қонеъ гардонидани эҳтиёҷот барои нигаҳдошт ва рушди системаи маориф, бо дарназардошти омили демографӣ, дар дурнамо бояд сатҳи ҳиссаи солонаи хароҷот барои маориф дар ММД то 6-7 фоиз баланд бардошта шавад. Маблағгузории нокифояи таъмини соҳаи илм рушди технологияҳои илмталабро боз медорад. Дар соли 2005 ҳаҷми умумии маблағгузории соҳаи илм 2.7 млн. доллари ШМА ё нисбат ба ММД 0.1 фоизро ташкил дод.

## 1. Маориф

1.1. Маориф барои ноил гардидан ба мақсадҳои Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ бахши асосӣ ба ҳисоб меравад; дар ниҳояти кор пешравӣ дар соҳаи маориф сатҳи самарабахшии ҳамаи азму талошро оид ба такмили идоракунӣ, таъмини рушди устувори иқтисодӣ ва рушди нерӯи инсонии кишвар муайян менамояд.

1.2. Бахши маорифи Тоҷикистон системаи таҳсилоти томактабӣ, мактабӣ (ибтидоӣ, миёнаи асосӣ ва миёнаи умумӣ), ибтидоӣ, маълумоти миёна ва олии касбиро дар бар мегирад. Мутобиқи мақсад ва афзалиятҳои СМР/СПКСК ва Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2006-2015 мақсади асосии СПКСК дар соҳаи маориф аз таъмини дастрасии умумӣ ва баробари духтарону писарон ба маълумоти асосии миёна иборат мебошад.

1.3. Таҳлили вазъи маориф нишон медиҳад, ки проблемаҳои асосии бахш аз инҳо иборатанд:

- номукаммалии системаи идоракунӣ дар маориф ва нерӯи сусти он, ки аз ҷумла дар норасоии истифодаи захираҳои соҳа ва бесамараи он, иштирокии нокифояи бахши хусусӣ ҷиҳати фароҳам овардани хизматрасониҳои маориф зоҳир мегардад;
- паст шудани сифати таҳсил вобаста ба сатҳи пасти музди меҳнати омӯзгорони мактабҳои таҳсилоти умумӣ, нарасидани ҳайати омӯзгорони соҳибихтисос (муаллимон), махсусан муаллимони забони русӣ ва англисӣ дар деҳот, кӯҳна шудани мӯҳтаво ва

методикаи таълим, маводи таълимӣ, фарсудашавӣ ва ғунҷоиши нокифояи инфраструктураи физикии муассисаҳои таълимӣ, нарасидани маводи таълимӣ ва адабиёт оид ба мавзӯҳои алоҳида;

- мушкил гардидани дастрасии кӯдакон аз оилаҳои камбизоат ва гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ ба маориф, нокифоя фаро гирифтани духтарон ба таҳсилоти миёна;
- тибқи лимит додани қувваи барқ имконият намедиҳад, ки оид ба омӯзиши асосҳои кор бо компютер машғулият гузаронида шавад;
- ҷалби нокифояи аҳли ҷомеа ба идоракунии мактабҳои таҳсилоти умумӣ;
- баҳисобгирии нокифоя ҳангоми банақшагирии тарбияи кадрҳои омӯзгорӣ барои аққалиятҳои миллӣ.

1.4. Бо дарназардошти мақсадҳои СПКСК, афзалиятҳои Стратегияи миллии рушд ва ба инобат гирифтани проблемаҳои зикргардидаи маориф вазифаҳои Стратегия дар бахш аз инҳо иборатанд: 1) беҳбуди системаи идоракунӣ дар маориф; 2) баланд бардоштани самарабахшии системаи истифодаи захираҳои мавҷуда; 3) беҳбуди таъминоти методӣ ва кадрии системаи маориф; 4) беҳбуди дастрас будани маориф ба духтарон ва писарон, кӯдакон аз гурӯҳҳои аз нигоҳи иҷтимоӣ осебпазир; 5) беҳбуди заминаи моддию техникии бахши маориф.

1.5. **Беҳбуди системаи идоракунӣ дар маориф** (вазифаи 1 дар бахш) чунин амалӣ мегардад: муайян намудан ва маҳдуд сохтани ӯҳдадориҳои функсионалии мақомоти идоракунандаи бахш; муносибгардонии шабакаҳои мактабҳои ибтидоӣ ва миёна, ки ҳангоми дар ҳамин сатҳ нигоҳ доштан ва афзоиши фарогирии кӯдакон ба маълумоти асосии ибтидоӣ ва миёна имкон медиҳад захираҳо беҳтар истифода бурда шаванд; баланд бардоштани мустақилият ва масъулияти муассисаҳои таълимӣ, ҷалби падару модарон ва аҳли ҷомеа барои ҳалли масъалаҳои ташкили раванди таълим ва назорати сифати таҳсил; таҳкими нерӯи директорони мактабҳо ва дигар кормандони идоракунанда; беҳбуди таъминоти иттилоотии бахш ва фароҳам овардани имконият барои раванди нисбатан асосноки қабули қарорҳо дар бахш; омӯхтани талаботи бозори меҳнат ба кадрҳои соҳибихтисос ва аз нав самтбахшии муассисаи таҳсилоти касбӣ барои қонеъгардонии чунин талабот.

1.6. Барои **баланд бардоштани самаранокии системаи истифодаи захираҳои мавҷуда** (вазифаи 2) маҷмӯи тадбирҳо андешида шудаанд, ки ба беҳбуди истифода ва афзун гардонидани маблағгузории давлатии системаи маориф ва ба бахш ҷалб намудани захираҳои хусусӣ равона гардидаанд. Ҳамчунин қабули Консепсияи маблағгузории маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2015 ва идома додани системаи таҷрибавии маблағгузории сарикасӣ дар назар дошта шудааст, ки ба беҳбуд ва баланд бардоштани шаффофияти истифодаи захираи давлатӣ, ҳамбастагии маблағгузорӣ бо натиҷаҳои ниҳоии фаъолияти муассисаҳои таълимӣ, тақсими воситаҳои молиявӣ бо дарназардошти шумораи хонандагон ва мушаххасоти минтақавӣ/маҳаллӣ, ба муассисаҳои таълимӣ фароҳам овардани озодиҳои назаррас ва масъулият барои ихтиёрдории захираҳои давлатӣ нигаронида шудааст. Ба баланд бардоштани сифати таълим метавонад ҷорӣ намудани системаи нави пардохти музди меҳнат мусоидат намояд, ки имкон медиҳад мутобиқати беҳтари пардохти музди меҳнати тахассусӣ вобаста ба хароҷоти воқеии меҳнати муаллимон ва пешгирии аз кор рафтани онҳо таъмин гардад. Танзими системаи фароҳам овардани хизматрасониҳои пулакӣ ба мактабҳои давлатӣ ва мусоидати ҳамаҷониба ба рушди муассисаҳои таълимии хусусӣ имкон медиҳад, ки ба соҳа маблағҳои иловагӣ ҷалб гардида, як қисми маблағгузории давлатӣ барои ба таълим фаро гирифтани кӯдакон аз гурӯҳҳои камбизоат ва осебпазири аҳолӣ аз нав тақсим карда шавад.

1.7. **Беҳбуди таъминоти методӣ ва кадрии системаи маориф** (вазифаи 3) барои баланд бардоштани сифати таълим ниҳоят зарур аст. Ин вазифа бояд тавассути нав кардани мӯҳтавои таҳсил, такмили нақша ва барномаҳои таълимӣ, омодасозии адабиёте, ки муносибати навро нисбат ба маориф тақозо менамояд, ҳал карда шавад. Самти муҳими дигар аз бозомӯзӣ ва баланд бардоштани сатҳи тахассуси муаллимон иборат аст, ки имкон

медиҳад сифати таълим баланд бардошта шуда, нарасидани муаллимон дар мактабҳо, махсусан дар мактабҳои деҳот кам карда шавад. Тадбирҳои мақомоти иҷроияи маҳаллӣ низ ҷиҳати ҷалби омӯзгорони ҷавон барои кор дар мактабҳои деҳот нигаронида хоҳад шуд. Системаи назорати мустақили сифати таълим ҷорӣ гардида, имконпазирии ҳамбастагии арзёбии фаъолияти мактабҳо бо натиҷаи чунин назорат мавриди омӯзиш қарор мегирад.

1.8. Яке аз вазифаҳои ниҳоят муҳими соҳаи маориф аз он иборат мебошад, ки **дастрасии маориф барои духтарону писарон, кӯдакон аз гурӯҳҳои аҳолии аз нигоҳи иҷтимоӣ осебпазир беҳбуд бахшида шавад** (вазифаи 4). Дар шароити маҳдуд будани захираҳо, ки дахолати васеи давлатиро имконнопазир мегардонад, ба баланд бардоштани самарабахшии истифодаи восита ва усулҳои мавҷуда ва таҳияи механизмҳои нави дастгирии кӯдакон аз оилаҳои гурӯҳҳои осебпазир таваҷҷӯҳи махсус зоҳир карда мешавад. Барои рафъи монеаҳо ҷиҳати фарогирӣ ба мактаб, ки мустақиман ба камбизоатӣ алоқаманд аст, хонандагони синфҳои ибтидоӣ бо ғизои гарм таъмин гардида, ҳамчунин кӯдакони оилаҳои эҳтиёҷманд, бо таҷаммӯи захираҳо дар ноҳияҳои нисбатан камбизоат ва дигар ноҳияҳои дурдаст, аз дастгирии суроғавии моддӣ баҳравар хоҳанд шуд (ҳамчунин нигар ба фасли «Ҳифзи иҷтимоӣ»). Оид ба таъмини дастрасии ҷавонони деҳот, махсусан духтарон ба маълумоти касбӣ ва олӣ тадбирҳо андешида мешаванд, ки ба паст кардани номутаносибии (дисбаланси) гендерӣ дар бозори меҳнат мусоидат хоҳанд кард. Муносибатҳои босубот ҷиҳати ҳамгироии кӯдакони дорои имкониятҳои маҳдуд ба раванди таҳсилотии муассисаҳои оддии таълимӣ таҳия карда мешаванд.

1.9. Дар ҷараёни даҳсолаҳои охир мунтазам пурра маблағгузорӣ накардани шабакаҳои мавҷудаи мактабу муассисаҳои таълимӣ, афзоиши теъдоди кӯдаконе, ки ба ҷойҳои таълимӣ эҳтиёҷ доранд, тақозо менамояд, ки ҷиҳати **беҳбуди заминаи моддию техникии бахши маориф** тадбирҳои таъхирнопазир андешида шаванд (вазифаи 5). Дар мавриди оид ба сохтмон ва таъмири асосии биноҳои мактабҳо, барои мактабҳо харид намудани таҷҳизоти зарурии таълимӣ ва дигар таҷҳизот, нашри адабиёт ва ғайра маҷмӯи чорабиниҳо дар бар гирифта шудааст. Дар навбати худ ин захираҳо ба он шаҳру минтақаҳои деҳот равона карда мешаванд, ки дар онҳо вобаста ба афзоиши аҳолӣ, маҳдудияти ҷуғрофӣ ва камбизоатӣ нокифоягии ҷойҳои таълимӣ ба мушоҳида мерасад.

1.10. Татбиқи тадбирҳои зикргардида дар соҳаи маориф имкон медиҳад, ки то соли 2009 аз миқдори умумии хонандагон фарогирии кӯдакони 7-15 сола ба маълумоти асосии умумӣ то 91 фоиз ва духтарон то 50 фоиз таъмин гардад. Ҳамзамон бояд сифати таълим баланд бардошта шуда, мутобиқати он ба талаботи рушди иҷтимоию иқтисодии Тоҷикистон мутаносиб бошад.

## 2. Илм

2.1. Рушди илм метавонад дар паст кардани сатҳи камбизоатӣ тавассути иҷрои тадқиқотҳои муҳим, пеш аз ҳама тадқиқоти амалӣ барои инкишофи бахши воқеии иқтисодиёт, инчунин тарбияи кадрҳои дорои тахассуси олӣ нақши муҳимро ба ҷо орад.

2.2. Нерӯи илмии кишвар аз институтҳо ва муассисаҳои академикӣ, илмию тадқиқотии соҳавӣ, аз ҷумла нерӯи илмии муассисаҳои олии таълимӣ иборат аст. Мутобиқи Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи илм ва технологияҳо барои солҳои 2007-2015 мақсади СПКСК дар соҳаи илм ба ислоҳот ва тақвияти нақши илм дар рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар нигаронида шудааст.

2.3. Таҳлили вазъ дар соҳаи илм нишон медиҳад, ки проблемаҳои асосии бахш аз инҳо иборатанд:

- номукаммалии системаи идоракунӣ ва истифодаи бесамари захираҳои соҳа;
- ҷалби маҳдуди нерӯи илмӣ барои таҳияи барномаҳои маҷмӯии илмию техникии ҷумҳуриявӣ, ки ба ҳалли проблемаҳои муҳими рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар нигаронида шудаанд;
- таъминоти нокифояи моддию техникии соҳаи илм;

• сатҳи нокифояи ҳамкориҳои байналмилалии илмию техникӣ.

2.4. Бо дарназардошти мақсадҳои СПКСК, афзалиятҳои Стратегияи миллии рушд ва ба инобат гирифтани проблемаҳои зикргардида дар соҳаи илм вазифаҳои Стратегия дар бахш аз инҳо иборатанд: 1) такмили системаи институтсионалии соҳаи илм; 2) мутамарказгардонии нерӯи илмӣ ба самтҳои афзалиятноки тадқиқот, ки ба рушди иқтисодии кишвар мусоидат менамояд; 3) беҳбуди заминаи моддию техникии бахши илм.

2.5. Барои ислоҳоти системаи идоракунии илм **такмили системаи инстиутсионалии соҳаи илм** пешбинӣ мегардад (вазифаи 6). Бо ин мақсад гузаронидани таҳлили функсионалии уфуқию амудӣ дар назар дошта шуда, тавсияҳои дорои хусусияти амалӣ таҳия гардидаанд. Ҳамчунин ҷиҳати ҳамгироии илмҳои академикӣ, амалӣ ва муассисаҳои олии таълимӣ ва оид ба ҳавасмандгардонии олимон тадбирҳо андешида мешаванд.

2.6. Барои афзоиши ҳиссаи ҷорӣ намудани коркардҳои илмӣ дар бахши воқеии иқтисодиёт раванди асосӣ ба таҷаммӯи нерӯи илмӣ ба самтҳои афзалиятноки тадқиқот равона карда мешавад, ки ба рушди иқтисодии кишвар мусоидат хоҳад кард (вазифаи 7). Тадқиқотҳои илмӣ асосан вобаста ба самтҳои афзалиятноки табиатшиносӣ, техникӣ, тиббӣ ва кишоварзӣ гузаронида мешаванд.

2.7. Маблағгузории нокифояи бахш ва бо дарназардошти он, ки инфраструктураи илмӣ дар ҷараёни мунокишаҳои шаҳрвандӣ қисман хароб гардида буд, тақозо менамояд, ки ҷиҳати **беҳбуди заминаи моддию техникии бахши илм** тадбирҳои бетаъхир андешида шаванд (вазифаи 8). Дар ин самт барқарорсозӣ ва азнавтаҷҳизонии заминаи моддию техникии муассисаҳои илмию тадқиқотӣ ва таъмини онҳо бо асбобу анҷом, таҷҳизот ва реактивҳо пешбинӣ гардидааст.

2.8. Татбиқи тадбирҳои андешидашуда дар соҳаи илм имкон медиҳад, ки то соли 2009 талабот ба коркардҳои илмию тадқиқотӣ 30 фоиз афзоиш ёбад ва дар бахши воқеии иқтисодиёт ҷорӣ гардад.

### 6.2. Рушди системаи тандурустӣ

1. Системаи тандурустӣ дар шароити нави иқтисодӣ наметавонад бе суръатбахшии назарраси ислоҳот судманд арзёбӣ гардад. Хароҷоти умумии давлатӣ барои бахши тандурустӣ дар соли 1991 нисбат ба ММД 4.5 фоиз ва дар соли 2005 то 1.3 фоиз паст гардид. Ин вазъ соҳаи тандурустиро беш аз пеш ба пардохтҳои хусусии ғайрирасмӣ барои хизматрасониҳои тиббӣ, инчунин ба кумаки хориҷӣ мӯҳтоҷ месозад. Мисол, пардохтҳои хусусӣ 70 фоизи ҳамаи хароҷот, хароҷоти буҷетӣ 16 фоиз ва кумаки донорӣ 14 фоизро ташкил медиҳанд.

Номутаносибии назаррас дар тақсимоти заминаи моддӣ ва воситаҳои буҷетӣ байни КАТС ва хадамоти бистарикунонӣ ба мушоҳида мерасад, ки дар натиҷа барои тандурустии сатҳи дуюм (шифохонаҳо) қисми зиёди маблағгузорӣ равона гардида, арзиши он гарон ва барои аҳолии камбизоат дастнорас аст.

Ҳамчунин сатҳи пасти тахассус ва нарасидани кормандони соҳаи тиб, махсусан дар деҳот ба мушоҳида мерасад. Ин ба номукаммалии механизмҳои идоракунии захираҳои инсонӣ, сатҳи пасти музди меҳнати кормандони соҳаи тиб, инчунин сатҳи баланди аз кор рафтани мутахассисон алоқаманд мебошад. Проблемаҳо инчунин аз сабаби бад гардидани таъминоти муассисаҳои тиббӣ бо таҷҳизот ва техникаи муосири тиббӣ, ҳолати мавҷудаи биною иншоот боз ҳам мушкилтар мегардад.

Аз сабаби зиёд будани монеаҳои маъмурӣ ва дастгирии нокифояи давлатӣ шабакаҳои муассисаҳои хусусии тиббӣ суст инкишоф меёбанд, ҳол он ки метавонистанд як қисми талаботро ҷиҳати хизматрасониҳои тиббӣ қонеъ гардонанд.

2. Системаи тандурустии Тоҷикистон барои ноил шудан ба МРҲ бахши муҳим ба ҳисоб меравад, зеро азму талоше, ки барои беҳбуди саломатии аҳолӣ нигаронида шудааст, рушди устувори иқтисодӣ ва рушди нерӯи инсонии кишварро таъмин менамояд.

3. Дар айни замон мутобиқи принсипҳои умумиқабулгардидаи СМР/СПКСК мақсади асосии соҳаи тандурустӣ дар давраи миёнамӯҳлат аз мунтазам паст кардани сатҳи фавти модару кӯдак, кам кардани мушкилот вобаста ба бемориҳои сироятӣ, инчунин аз байн бурдани баъзе сироятҳои (инфексияҳои) бо ваксина идорашаванда иборат мебошад. Афзалияти тандурустӣ аз таҳкими системаи КАТС ва назорати санитарию эпидемиологӣ иборат хоҳад буд.

4. Проблемҳои асосии системаи тандурустӣ аз инҳо иборатанд:

- номукаммалии системаи идоракунии тандурустӣ, ки дар навбати худ боиси таҳлили нокифояи сиёсат ва банақшагирии хизматрасониҳо, иқтисодиёти тандурустӣ, захираҳои инсонӣ, инчунин идоракунии системаҳои иттилоотонӣ мегардад;
- суръати на он қадар назарраси ислоҳоти системаи тандурустӣ, маҳдуд сохтани иштироки бахши хусусӣ ҷиҳати фароҳам овардани хизматрасониҳои тиббӣ;
- нокифояигии захираҳои молиявӣ ва истифодаи бесамари маблағҳои мавҷуда, инчунин сатҳи пасти саҳми маблағгузории давлатӣ дар хароҷоти умумӣ барои тандурустӣ. Дар натиҷа муассисаҳои тиббии тандурустӣ, махсусан системаи КАТС ва хадамоти назорати санитарию эпидемиологӣ вобаста ба масъалаҳои кадрӣ ва молиявию техникӣ ниҳоят заиф мебошанд ва ин дар навбати худ дастрасии аҳолии камбизоатро ба кумаки тиббӣ ва воситаҳои асосии доруворӣ маҳдуд месозад;
- доштани иттилооти нокифоя ва риоя накардани асосҳои пешбурди тарзи ҳаёти солим аз ҷониби аҳолӣ, аз ҷумла дастгирии саломатии репродуктивӣ, ҳифзи модару кӯдак, пешгирии паҳншавии бемориҳои сироятӣ.

Ҳамаи проблемаҳои дар боло зикргардида пеш аз ҳама боиси фавти модару кӯдак, авҷи бемориҳои сироятӣ (бемориҳои сил, вараҷа, гелментоз ва ғайра) мегардад, ки бо ибораи дигар метавон «бемориҳои камбизоатӣ» номид.

5. Бо дарназардошти проблемаҳои зикргардида ва мақсадҳои СМР/СПКСК вазифаҳои асосии бахш аз инҳо иборатанд: 1) баланд бардоштани самарабахшии системаи идоракунӣ ва маблағгузорӣ; 2) баланд бардоштани нақши бахши хусусӣ ҷиҳати фароҳам овардани хизматрасониҳои тиббӣ; 3) беҳбуди ҳифзи саломатии модару кӯдак; 4) мубориза бар зидди ВИЧ/СПИД, вараҷа, сил ва дигар бемориҳои сироятӣ; 5) беҳбуди тарбияи кадрҳо ва таҳкими заминаи моддию техникии системаи тандурустӣ.

6. Барои баланд бардоштани самарабахшии системаи идоракунӣ ва маблағгузорӣ (вазифаи 1) маҷмӯи чорабиниҳо пешбинӣ гардиданд, ки ба беҳбуди истифода ва афзоиши маблағгузории давлатӣ, ҷалби захираҳои иловагӣ, инчунин фароҳам овардани шароитҳои мусоид барои истифодаи неруи бахши хусусӣ нигаронида шудаанд. Ҳамчунин татбиқи Стратегияи маблағгузории соҳаи тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2015 пешбинӣ гардидааст (2005). Стратегия татбиқи механизми маблағгузории сарикасии КАТС, тағйир додани системаи маблағгузории кумаки тиббии бистарикунонӣ, ки ба принсипи барои ҳар як ҳолати муолиҷа, ба методи гурӯҳҳои клиникию хароҷот асос ёфтааст, инчунин таҷдиди сохтори шабакаҳои КАТС ва хадамоти бистарикунониро дар бар мегирад.

Чорабиниҳои зикргардида дар навбати аввал ба баланд бардоштани самарбахшӣ ва шаффофияти истифодаи захираҳои давлатӣ, робитаи зичи маблағгузорӣ ба натиҷаҳои ниҳоии фаъолияти муассисаҳои тандурустӣ, тақсими воситаҳои молиявӣ бо дарназардошти аҳолии дар муассисаҳои табобатию профилактикӣ сабтшуда ва мушаххасоти минтақавӣ/маҳаллӣ, инчунин ба муассисаҳои тандурустӣ фароҳам овардани имконият ҷиҳати аз нав тақсим намудани захираҳои сарфагардида барои беҳбуди фаъолият ва асосноксозӣ нигаронида шудааст. Баланд бардоштани сифати хизматрасонии тиббӣ тавассути ҷорӣ намудани системаи нави пардохти музди меҳнат гузаронида мешавад, ки дар навбати худ минбаъд аз муассисаҳои тандурустӣ аз кор рафтани кормандонро пешгирӣ мекунад. Барои ҳалли вазифаи якум ҷорӣ намудани Барномаи заминавии расонидани кумаки тиббию санитарӣ пешбинӣ мегардад. Дар барномаи мазкур навъ, ҳаҷм ва тартиби расонидани кумаки тиббию санитарӣ ба аҳолӣ дар доираи

воситаҳои пешбининамудаи буҷети давлатӣ муайян гардидааст. Барнома тартиби пардохти хизматрасонии тиббиро ҳам аз ҳисоби давлат ва ҳам аз ҳисоби ҳаммаблағгузорӣ (ҳампардохт) пешбинӣ менамояд, ки дар доираи барномаи заминавӣ иловатан аз ҳаҷми маблағгузории кафолатноки ройгони кумаки тиббию санитарӣ расонида мешавад. Барномаи мазкур дар ноҳияҳои таҷрибавӣ амалӣ гардида, минбаъд метавонад дар тамоми кишвар татбиқ карда шавад.

7. Яке аз вазифаҳои муҳими тандурустӣ аз баланд бардоштани нақши бахши хусусӣ дар фароҳам овардани хизматрасонии тиббӣ иборат мебошад (вазифаи 2). Вобаста ба имконият муқаррар намудани имтиёзҳои андоз ё дигар имтиёзҳо ба корхонаҳои бахши хусусӣ, рушди муассисаҳои хусусии муолиҷавию профилактикӣ, инчунин гузаронидани таҳлили сарбории сатҳи дуюм ҷиҳати арзёбии дурнамои хусусигардонӣ бо мақсади пешбурди фаъолияти тиббӣ барои ба соҳа ҷалб намудани воситаҳои шахсӣ ва аз нав тақсим намудани қисми маблағгузории давлатӣ барои эҳтиёҷоти гурӯҳҳои камбизоат ва осебпазири аҳолӣ шароит фароҳам меорад. Оддигардонии иҷозатномадиҳӣ барои хизматрасониҳои тиббӣ барои рушди бахши хусусӣ ва дар маҷмӯъ рушди соҳа заминаи муҳим ба ҳисоб меравад.

8. Вобаста ба сатҳи баланди фавти модарону кӯдакон тадбирҳои дар вазифаи 3 зикргарида (беҳбуди хадамоти ҳифзи саломатии модару кӯдак) ниҳоят муҳим ба ҳисоб меравад. Тадбирҳои мазкур ба баланд бардоштани тахассуси кормандони тиб, ки хизматрасонии ҳифзи саломатии модару кӯдакро анҷом медиҳанд, нигаронида шуда, таҷаммӯи кӯшишу талошро ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи воқифии аҳолӣ оид ба нигоҳубини кӯдакони навзод, инкишоф ва ғизои онҳо, саломатии репродуктивӣ ва танзими оила, беҳбуди таъминот бо доруворӣ, воситаҳои контрасептӣ ва иттилоотии муассисаҳои КАТС, ки барои хизматрасонӣ дар соҳаи бехатарии модарӣ заруранд, таҳия ва татбиқи протоколҳои стандартӣ оид ба идоракунии бемориҳои паҳнгардидаи кӯдакони синни барвақтӣ, аз ҷумла кумаки неонаталӣ ва модарии бехатар дар ҳамаи сатҳҳои хизматрасонии тиббӣ, инчунин дохил намудани ҳамаи шаклҳои кумаки перинаталӣ ва неонаталиро ба номгӯи хизматрасонии кафолатноки тиббӣ дар бар мегирад. Масъалаи дигаре, ки ҳалли бетаъхирро тақозо менамояд, аз тақвияти нерӯи марказҳои миллӣ ва вилоятии саломатии репродуктивӣ оид ба гузаронидани мониторинги мунтазам, арзёбӣ ва баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои тиббӣ ба аҳолӣ иборат мебошад.

Гузаронидани чорабиниҳои иттилоотию маърифатӣ, ташкили муколамаи ҷамъиятӣ байни хизматчиёни давлатӣ, ташкилотчиёни тандурустӣ ва аҳолӣ оид ба масъалаҳои зисти кӯдакон, бехатарии модарӣ, саломатии репродуктивӣ, танзими оила, инчунин беҳбуди дастрасӣ ва сифати кумаки бетаъхири акушерӣ (момодоягӣ), неонаталӣ дар ҳалли проблемаҳои беҳбуди ҳифзи саломатии модар ва кӯдак унсури ҷудонопазир ба ҳисоб меравад.

Масъалаҳои ҳифзи наврасон низ ниҳоят мубрам мебошад, зеро чунин гурӯҳи аҳолӣ бештар осебпазиранд. Ворид намудани масъалаҳои танзими оила, ҳуқуқи репродуктивӣ ва ғайра барномаҳои таълимии мактабҳо оид ба Тарзи ҳаёти солим дар синфҳои болоӣ ба беҳбуди воқифии ин гурӯҳи аҳолӣ мусоидат намуда, дар навбати худ боиси минбаъд кам гардидани проблемаҳои саломатии репродуктивӣ мегардад.

9. Проблемаҳои вобаста ба вазифаи 4 мубориза бар зидди ВИЧ/СПИД, вараҷа, сил ва дигар бемориҳои сироятӣ бояд фавран ҳал карда шаванд, зеро дар солҳои охир афзоиши бемориҳои сироятӣ ба мушоҳида мерасад. Чорабиниҳо оид ба проблемаҳои мазкур масъалаҳои баланд бардоштани сатҳи воқифии аҳолӣ, махсусан гурӯҳҳое, ки вобаста ба пешгирии бемориҳои хатарноки сироятӣ, аз ҷумла ВИЧ/СПИД табларза, сил, гелминтоз таҳти хатар қарор доранд, таъмини дастрасии универсалӣ ҷиҳати пешгирӣ ва муолиҷаи ВИЧ/СПИД, пешгирии таҳқир ва табъизи гурӯҳҳои таҳти хатар ва ташаккули афкори мусбии ҷамъиятиро оид ба барномаҳои профилактикӣ дар соҳаи мубориза алайҳи ВИЧ/СПИД дар бар мегирад.

Такмили системаи назорати эпидемиологӣ қисми ҷудонопазири чорабиниҳо оид ба пешгирии паҳншавии бемориҳои сироятӣ мебошад. Дар маврид ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи тахассусии мутахассисони хадамоти санитарию эпидемиологӣ, инчунин марказҳои мубориза бо бемориҳои тропикӣ, сил, иммунопрофилактикӣ, ТТҲС ва шӯъбаҳои паразитологии ХСЭ чорабиниҳо пешбинӣ гардидаанд. Амалҳои мазкур пеш аз ҳама барои таҳкими чорабиниҳои профилактикӣ нигаронида мешаванд, то ин ки паҳншавӣ ва афзоиши ҳодисаҳои бемориҳои сироятӣ пешгирӣ карда шавад.

Яке аз тадбирҳои муҳим ҷиҳати паст кардани сатҳи фавти кӯдакони навзод ва хурдсол аз таъмини фарогирии устувори кӯдакон ба эмкунӣ вобаста ба ҳама сироятҳои бо ваксина идорашаванда иборат мебошад. Самти афзалиятнок аз гузариши батадриҷ ба маблағгузории эмкунӣ аз ҷониби Ҳукумат ва ҳамгироии он бо ҳифзи саломатии модару кӯдак иборат мебошад. Паст кардани сатҳи бемориҳои сироятӣ мустақиман ба эмкунии аҳолӣ бо ваксинаи бехатар вобаста ба ҳамаи сироятҳое мебошад, ки тавассути ваксина идора мешаванд. Тақвияти хадамоте, ки ба ташаккули тарзи ҳаёти солим машғуланд, барои саломатии аҳолӣ ниҳоят муҳим аст. Ин чорабиниҳо маъракаҳои тавзеҳотӣ байни аҳолӣ оид ба танзими оила, таълими таҷрибаи гигиенӣ ва тағйир додани меъёри рафтору кирдорро дар бар мегиранд. Чорабиниҳои мазкур унсурҳои асосии ташаккули тарзи ҳаёти солим мебошанд.

10. Беҳбуди тарбияи кадрҳо ва таҳкими заминаи моддию техникии системаи тандурустӣ (вазифаи 5) тавассути тақвияти системаи тарбия ва бозомӯзии кадрҳои тиббӣ, мутахассисони амалияи умумӣ (духтурони оилавӣ, ҳамшираҳои тиббӣ), аттестатсия, таҷдиди назар ва ба нақшаҳои таълимӣ ворид намудани барномаҳое, ки барои ҷумҳурӣ муҳиманд, такмили сиёсати банақшагирӣ ва идоракунии тарбияи кадрҳо ҳал карда мешавад, ки дар навбати худ боиси аз байн бурдани номутаносибии ҷуғрофию ташкилӣ ва пешгирии нарасидани мутахассисони алоҳида мегардад. Масъалаи дуюми ниҳоят муҳим аз андешидани чорабиниҳое иборат мебошад, ки ба беҳбуди заминаи моддию техникии соҳаи тандурустӣ нигаронида шудаанд. Ин проблемаҳо андешидани маҷмӯи чорабиниҳоро оид ба сохтмон ва таъмири асосии муассисаҳои муолиҷавию профилактикӣ, хариди воситаҳои нақлиёт, таҷҳизоти зарурии таълимӣ ва тиббиро дар бар мегиранд. Чорабиниҳо мутобиқи нақшаи таҷдиди сохтори муассисаҳои муолиҷавию профилактикии соҳаи тандурустӣ, аз ҷумла ноҳияҳои таҷрибавӣ, ки Ҳукумат ҳамчун ноҳияҳои нисбатан камбизоат ва осебпазир муайян кардааст, анҷом дода мешавад.

11. Татбиқи тадбирҳои зикргардида дар бахши тандурустӣ имкон медиҳад, ки то соли 2009 сатҳи фавти модарону кӯдакон ва бемориҳои сироятӣ паст гардида, баъзе сироятҳои бо ваксина идорашаванда аз байн бурда шаванд.

### 6.3.Такмили ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ

1. Ислоҳоти системаи ҳифзи иҷтимоии аҳолии Тоҷикистон имкон медиҳад маҷмӯи чорабиниҳои иҷтимоию иқтисодӣ, ки ба ҳифзи аҳолӣ аз бекорӣ, баландравии нарх, беқурбшавии даромадҳои меҳнатӣ нигаронида шудаанд, татбиқ гардад. Бо дарназардошти ҳамин самтҳои афзалиятноки соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ он самтҳое ба ҳисоб мераванд, ки мустақиман ба сатҳи зиндагии аҳолӣ таъсир мерасонад: шуғл, суғуртаи иҷтимоӣ, таъминот бо нафақа, кумаки суроғавии иҷтимоӣ.

2. Бахши ҳифзи иҷтимоии аҳолии Тоҷикистон аз системаи суғурати давлатии иҷтимоӣ, таъминот бо нафақа, шуғл, муҳоҷирати меҳнатӣ, ҳифзи ҳуқуқи оила, кӯдак, расонидани кумаки суроғавии иҷтимоӣ ба гурӯҳҳои осебпазир ва камбизоат иборат мебошад.

3. Таҳлили вазъи системаи ҳифзи иҷтимоӣ нишон медиҳад, ки проблемаҳои асосии бахш аз инҳо иборатанд:

- дар сиёсати иҷтимоӣ нигоҳ доштани методология, усул ва муносибатҳое, ки то давраи гузариш ба иқтисоди бозаргонӣ истифода мегардиданд;

• ноустувории молиявии системаи ҳифзи иҷтимоӣ, суғуртаи давлати иҷтимоӣ ва таъминот бо нафақа;

• паст гардидани ҳиссаи хароҷоти буҷети давлатӣ, ки ба хизматрасонии кумаки иҷтимоӣ равона карда мешаванд; мавҷуд набудани шаффофияти ҳаракати воситаҳои молиявии система;

• хароҷоти баланди маъмурӣ барои идоракунии система;

• мушкилии механизми расонидани кумаки суроғавии иҷтимоӣ;

• мавҷуд набудани сиёсати мақсадноки демографӣ;

• ҳифзи нокифояи иҷтимоию ҳуқуқии гурӯҳҳои алоҳидаи шаҳрвандон;

• маҳдуд будани таъминоти иттилоотии системаи ҳифзи иҷтимоӣ (омори иҷтимоӣ);

• номутобиқатии ташкили таъминоти маъюбон, пиронсолон, кӯдакони дорои имконияти маҳдуд ба стандартҳои умумиқабулгардида;

• мавҷуд будани теъдоди зиёди бахшҳои «ниҳонӣ»;

• сифати пасти нерӯи меҳнатии кишвар ва рақобатпазирии он.

4. Бо дарназардошти мақсадҳо ва афзалиятҳои Стратегияи миллии рушд ва СПКСК вобаста ба проблемаҳои бахш вазифаҳои зайл муайян гардиданд: (1) бозсозии институтсионалии системаи ҳифзи иҷтимоӣ; (2) ташаккули системаи устувори молиявии суғуртаи давлатии иҷтимоӣ ва таъминот бо нафақа; (3) таъсиси заминаи тадқиқоти методологӣ, мониторинг ва танзими бозори меҳнат ва муҳоҷирати меҳнатӣ; (4) ташкили мусоидат ба шуғли аҳолӣ; (5) таъсиси системаи самарабахши кумаки суроғавии иҷтимоӣ; (6) баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои иҷтимоӣ ба аҳолӣ; (7) таъсиси системаи ягонаи бисёрсатҳҳаи идоракунӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқи кӯдак.

5. Гузаронидани ислоҳоти институтсионалӣ (вазифаи 1) ба таҳияи ду ҳуҷҷати муҳими стратегӣ асос меёбад: консепсияи ислоҳот ва стратегияи давлатии рушди тамоми системаи ҳифзи иҷтимоӣ, ки дар он бояд сиёсати мақсадноки иҷтимоии давлат муайян гардад ва ба фароҳам овардани шароитҳои воқеӣ барои татбиқи ҳуқуқи шаҳрвандон ба ҳифзи иҷтимоӣ нигаронида шудааст.

6. Проблемаи марказии ислоҳоти суғурати давлатии иҷтимоӣ ва таъминоти нафақа аз ноил гардидан ба маблағгузории устувор (вазифаи 2) ва ҳамзамон паст кардани сарбории андоз барои андозсупорандагон иборат мебошанд.

Дар доираи системаи амалкунандаи нафақа миқдори васеи кумакпулӣ ва имтиёзҳо пешбинӣ гардидааст, ки барои як қатор шаҳрвандон нигоҳ дошта шуда, саҳми шахсии корманд ба инобат гирифта нашудааст ва ин системаи суғуртаи иҷтимоии шаҳрвандонро аз нигоҳи иқтисодӣ бесамар мегардонад.

Масъалаҳои мазкур бояд чунин ҳал карда шаванд:

• тағйир додан ва таҷдиди заминаи дахлдори меъёрии ҳуқуқӣ ва қонунгузорӣ, ки таъсиси механизми маҷмӯии асосноксозиро барои ҳамаи субъектҳои (иштирокчиёни) системаи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ таъмин менамояд;

• таҷдиди назар намудани системаи имтиёзҳо ва афзалиятҳо, тафриқагузории (дифференсатсияи) онҳо, муайян намудани манбаи захираҳои молиявӣ ва кам кардани ҳаҷми истифодаи ғайримақсадноки воситаҳои маҳдуди молиявӣ;

• баҳисобгирии сифатии ҳуқуқи нафақаи шахсони суғурташуда, ҷорӣ намудани технологияи баҳисобгирии инфиродикардашуда;

• гузаронидани пешбиниҳои мунтазами тағйирёбии (оқибатҳои) иҷтимоию демографии рухдиҳанда, ки ба буҷети давлатии кишвар таъсир мерасонанд.

7. Дар Тоҷикистон мавҷуд набудани методикаи замонавӣ ва омори пурраю саҳеҳ барои гузаронидани таҳлили мунтазами вазъ дар соҳаи иҷтимоӣ (вазифаи 3) мушкилоти зиёд пеш меорад; имкон намедиҳад сатҳи зиндагӣ ва шароити зисти аҳолӣ тахти омӯзиш қарор гирад; раванди имконпазири рушди иҷтимоию иқтисодии барои дурнамои наздик ва дур пешбинӣ карда шавад. Проблемаи мазкур зарурати таъсиси заминаи методологии тадқиқ, мониторинг ва танзими бозори меҳнат ва муҳоҷирати меҳнатӣ, ташаккули

таъмини иттилоотии системаи ҳифзи иҷтимоиро бо истифодаи усулҳои муосири ҷамъоварӣ, коркард, истифода ва захираи иттилоот тақозо менамояд.

Муддати дароз напардохтани музди меҳнат ва қарзи ташаккулёфта вобаста ба пардохти саҳмҳои суғурта аз ҷониби суғуртакунандагон барои пешбурди индексатсияи нафақа ва кумакпулиҳои иҷтимоӣ (баланд бардоштани ҳаҷми онҳо) монеаи асосӣ мебошад. Ҳалли проблемаҳои мазкур ба омӯзиши проблемаҳои ташаккули қарзи музди меҳнат, пардохти андози иҷтимоӣ ва ислоҳоти системаи пардохти музди меҳнат алоқаманд аст.

8. Давлат функсияҳои танзимкунандаро иҷро намуда, бояд рушди иқтисодиётро тавассути фароҳам овардани шароит барои аҳолии қобили меҳнат ҷиҳати ройгон омӯхтани (бозомӯзии) касбҳои рақобатпазир, бо кафолати таъмини кор, ҳавасманд гардонад. Барои ноил гардидан ба мақсадҳои гузоштошуда як қатор тадбирҳои маҷмӯӣ андешида шудаанд, ки баланд бардоштани самарбахшии идоракунӣ ва танзими бозори меҳнатро таъмин менамоянд (вазифаи 4).

Баланд бардоштани рақобатпазирӣ дар бозори меҳнати бекорон баъди омодагӣ ё бозомӯзӣ дар марказҳои таълимии шуғл тақозо менамояд, ки ислоҳоти системаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ бо роҳи ҳамгироии маълумоти миёна, ибтидоӣ ва олӣ анҷом дода шавад.

Дар марҳилаи имрӯзаи рушди ҷомеа, ки бо афзоиши бекории ниҳонӣ ва муҳоҷирати ғайриқонунии меҳнатӣ тавсиф меёбад, вобаста ба ҳифзи ҳуқуқи муҳоҷирони меҳнатӣ проблемаҳои зиёд ба миён омадаанд. Бо мақсади таъмини бехатарии ҳаёти муҳоҷирони меҳнатӣ ва мутобиқгардии иҷтимоии онҳо дар хориҷа оид ба ташкил ва гузаронидани курсҳои кӯтоҳмуддати «Зиндагӣ бояд кард», таҳкими асосҳои меъёрии ҳуқуқӣ тадбирҳо пешниҳод гардидаанд.

Ҷиҳати ҳалли проблемаҳои муносибатҳои меҳнатӣ ба рушди системаи танзими шартномавии муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ тибқи принсипи трипартизм (шарикии иҷтимоии ҳокимияти иҷроия, иттифоқи касаба ва корфармо) нақши муҳим ҷудо гардидааст. Ҳалли проблемаи мазкур имкон медиҳад, ки ҳифзи ҳуқуқи кормандон дар масъалаҳои ташкили вақти корӣ, музди меҳнат, табъйиз ҳангоми кироя ё озод кардан аз кор ва ҳифзи иҷтимоӣ таъмин карда шавад.

9. Дар айни замон, дар давраи гузариш ба муносибатҳои бозаргонӣ, раванди мураккаби мутобиқгардии аҳолӣ ба шароитҳои нави иҷтимоию иқтисодӣ давом дорад. Проблемаҳои муҳим аз таъмин ва барқарорсозии системаи кумаки суроғавии иҷтимоии нав иборат мебошад, ки шабеҳи системаи бозор буда (вазифаи 5), ба шаҳрвандони дар вазъи душвори зиндагӣ қарордошта доираи васеи хизматрасониҳои иҷтимоию иқтисодӣ, тиббию иҷтимоӣ, психологию педагогӣ, ҳуқуқӣ, иҷтимоию маишӣ ва дигар хизматрасониҳои махсусро фароҳам орад.

Дар ҳолати маҳдудияти буҷетии захираҳои молиявӣ, ки барои дастгирии давлатии ҳамаи шаҳрвандони мӯҳтоҷ нигаронида шудааст, системаи суроғавӣ ва санҷиши эҳтиёҷоти воқеӣ имкон медиҳад, ки проблемаҳои чунин гурӯҳи аҳолии дар вазъи экстремалӣ қарордошта ва пеш аз ҳама ба кумаки иҷтимоӣ эҳтиёҷдошта ҳал карда шаванд.

Таҳияи стандартҳои давлатии хизматрасонии иҷтимоӣ, усулҳои (методикаҳои) ташкилию ҳуқуқӣ дар қисми расонидани кумаки иҷтимоӣ ба аҳолӣ ва таҳкими ҳуқуқии онҳо барои ҳалли вазифаҳои зайл нигаронида шудаанд:

- ҳисоб ва тасдиқи ҳадди ақали иқтидори харидорӣ;
- барои гурӯҳҳои мухталифи аҳолӣ дар ҳаҷми пурра таъмин намудани хизматрасониҳои иҷтимоии дастрас ва хушсифат;
- таъмини ҳамбастагии системаи стандартизатсия, сертификатсия, иҷозатномадиҳӣ, арзёбӣ ва назорати сифат дар соҳаи хизматрасонии иҷтимоии аҳолӣ;
- барқарор намудани ҳамдигарфаҳмӣ ва ҳамкории самарабахш байни ҳамаи иштирокчиёни системаи хизматрасонии иҷтимоӣ: кормандони муассисаҳои

хизматрасонии иҷтимоӣ, сарфи назар аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ, мурочиини чунин муассисаҳо, мақомоти идоракунанда ва назорат.

Таҷдид ва оддигардонии механизми фароҳам овардани кӯмаки иҷтимоӣ имкон медиҳад, ки миқдори шаклҳои кӯмакпулӣ, имтиёзҳо ва имтиёзгирандагон камтар гардида, ҳаҷми кӯмаки иҷтимоӣ то сатҳи дахлдор баланд бардошта шавад.

10. Дар айни замон суст гардидани сиёсати давлатӣ дар соҳаи фароҳам овардани хизматрасонии хушсифати иҷтимоӣ (вазифаи 6) метавонад минбаъд гаронии бештар бор оварад. Мавҷуд набудани фаъолияти дахлдор аз ҷониби давлат танҳо бо сабабҳои мавҷуд набудани воситаҳои пулӣ сарфакории беасос мебошад, зеро чунин сиёсати иҷтимоӣ метавонад боиси ташаннуҷи иҷтимоии ҷомеа, муноқишаҳои иҷтимоӣ, гуруснагӣ, беморӣ ва афзоиши ҷинояткорӣ гардад.

Баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои иҷтимоии давлатӣ бояд пеш аз ҳама ба тавсеаи доираи он: иҷтимоию тиббӣ, психологию педагогӣ, иҷтимоию ҳуқуқӣ, маишӣ, иҷтимоию машваратӣ нигаронида шавад. Дар байни онҳое, ки ба чунин кумаки иҷтимоӣ бештар мӯҳтоҷанд, метавон оилаҳои серфарзанд, оилаҳои номукаммал, бефарзанд, аз ақди никоҳ баромадагон, оилаҳои ҷавон, падару модарони ноболиғ, оилаҳое, ки дар онҳо маюъбон зиндагӣ мекунанд, оилаҳои дорои фазои номусоиди психологӣ, кӯдаконе, ки дар шароити номусоиди оилавӣ қарор доранд ва он ба саломатӣ ва рушди онҳо таҳдид мекунад, ятимон ё кӯдакони бесарпарастии падару модар қарордошта, кӯдакон бо рафтори зиддииҷтимоӣ, кӯдакони беназорат, одамони яккаву танҳо ва пиронсолон, бекорон, шахсони бе маҳали муайяни зист, хатмкунандагони хонаи кӯдакон ва ғайраро шомил кард.

Татбиқи чорабиниҳо оид ба ҳалли вазифаҳои бахши мазкур имкон медиҳад, ки дастрасӣ ва татбиқи ҳуқуқи баробари шаҳрвандон ба гирифтани маҷмӯи хизматрасониҳои иҷтимоии кафолатдодаи давлат, мутобиқгардии иҷтимоӣ ва барқарорсозии маъюбон, оилаҳо, занону кӯдакон ва шаҳрвандони дорои рафтори зиддииҷтимоӣ (асотсиалӣ) ва ғайра таъмин карда шавад.

11. Таҳлили хатари камбизоатӣ вобаста ба гурӯҳҳои синну соли гуногуни аҳолӣ аз он гувоҳӣ медиҳад, ки эҳтимоли ба гурӯҳи нодор шомил гардидани кӯдакон бештар имконпазир аст (вазифаи 7). Мутобиқи тадқиқоти сотсиологӣ беш аз чоряки аҳолии камбизоатро кӯдакон ташкил медиҳанд. Беморӣ бароиояндаи кӯдакон- саломатӣ, имконияти гирифтани маълумот ва мақоми иҷтимоии онҳо таъсири бебозгашт дорад. Хатари камбизоатӣ барои кӯдакон ҳанӯз аз лаҳзаи таваллуд -вобаста ба он, ки модарони оянда аз кадом кӯмаки тиббӣ ва иҷтимоӣ бархӯрдоранд, таҳдид менамояд. Аз ин рӯ паст кардани сатҳи камбизоатии кӯдакон яке аз самтҳои афзалиятноки паст кардани сатҳи камбизоатӣ мебошад.

Татбиқи барнома имкон медиҳад таъсири омилҳое, ки боиси паҳншавии ятимии иҷтимоӣ мегардад, паст карда шуда, дастгирии муассири кӯдакон ва оилаҳои дар вазъи ногувори зиндагӣ қарордошта таъмин ва системаи ҳифзи ҳуқуқи кӯдакони ноболиғ, шаклҳои тарбияи оилавии кӯдакон тавсеа ёфта, ҳаҷм ва сифати хизматрасониҳои иҷтимоӣ барои кӯдакон ва оилаҳои дар вазъи душвори зиндагӣ қарордошта баланд бардошта шавад.

12. Татбиқи тадбирҳои маҷмӯии ба ҳам алоқаманди аввалиндараҷа дар соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар дурнамои миёнамӯҳлат (2007-2009) имкон медиҳад:

- самарабахшии идоракунии воситаҳои пулии суғуртаи давлатии иҷтимоӣ ва системаи нафақа дар маҷмӯ баланд бардошта шавад;
- теъдоди шахсони суғурташуда дар системаи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ афзоиш ёбад;
- афзоиши воридоти саҳмҳои суғурта таъмин гардад;
- сатҳи бекорӣ паст карда шавад;
- сатҳи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ баланд бардошта шавад;
- андозаи музди меҳнат, нафақа ва кумакпулиҳои иҷтимоӣ баланд бардошта шавад,

ки имкон медиҳад дар давраи пешбинишаванда сатҳи камбизоатӣ то 10-12 фоиз паст карда шавад.

**6.4. Тавсеаи дастрасӣ ба таъминоти об, санитария ва хоҷагии манзилию коммуналӣ**

1. Мақсади бахши мазкур аз таъсиси механизмҳои иқтисодӣ ва ташкилӣ барои татбиқи давраи аввали барқарорсозии системаи мавҷудаи обтаъминкунӣ, санитария ва ХМК иборат мебошад. Бояд иштироки ҷомеаи шаҳрвандӣ ва бизнес дарислоҳоти ХМК таъмин карда шавад. Вазифаи асосии ин давраи ислоҳот дар аҳолӣ ташаккул додани ҳисси моликият ва манфиатдорӣ барои идоракунии фонди манзил хоҳад буд.

2. Дар Тоҷикистон асосан обҳои рӯизаминӣ ва зеризаминӣ истифода мегардад, ки нисфи он ниҳоят дурушт буда, минерали зиёд дорад. Дар маҷмӯ 87 фоизи аҳолии шаҳрҳо ва 20 фоизи аҳолии деҳоти Тоҷикистон обро аз системаҳои мутамаркази обтаъминкунӣ истифода мебаранд, ки ҷавобгӯи стандартҳои оби нӯшокӣ намебошад. Ин проблемаҳо ба вазъи душвори таъминоти об, санитария ва ХМК алоқаманд аст, ки ҳам дар шаҳрҳо ва ҳам дар деҳот эҳсос мегардад.

Иншооти канализатсионии ҷумҳурӣ танҳо ба 23 фоизи аҳолии шаҳр ва 5 фоизи аҳолии деҳот дастрас мебошад. Дар аксар нуқтаҳои аҳолинишин ҷамъоварӣ ва нобуд кардани партовҳои дурушти маишӣ анҷом дода намешавад.

Дар раванди хусусигардонии корхонаҳои кишоварзӣ як қисми иншооти обтаъминкунӣ, санитария ва ХМК бесоҳиб монданд. Парокандагии идоравӣ боиси он гардид, ки дар бахш байни сохторҳои мухталиф оид ба таҳия ва татбиқи сиёсат ҳамоҳангсозӣ анҷом дода намешавад.

3. Мақсади асосии ислоҳот дар бахши мазкур аз он иборат аст, ки то охири соли 2009 чунин дастрасӣ таъмин гардад: (1) ба оби нӯшокӣ, ки ҷавобгӯи талаботи стандарти давлатӣ (ГОСТ) мебошад- 96 фоиз аҳолии шаҳр ва 51 фоиз аҳолии деҳот; (2) ба хизматрасониҳои асосии санитарию гигиенӣ - 47 фоизи аҳолии шаҳр ва 37 фоиз аҳолии деҳот.

4. Проблемаҳои асосии бахши обтаъминкунӣ, санитария ва ХМК аз инҳо иборатанд:

- дар бахш функсияҳо оид ба таҳия ва танзими сиёсат ба зиммаи мақоми ягонаи идоракунии давлатӣ гузошта нашудааст, ҳамоҳангсозӣ байни мақомоте, ки барои таҳия ва татбиқи сиёсат дар бахш масъуланд, вуҷуд надорад, барномаҳои маҷмӯӣ ва нақшаҳо, аз ҷумла барои барқарорсозии шабакаҳои обтаъминкунӣ, санитария ва ХМК нигаронида шудаанд, нокифоя мебошанд;
- заминаи нокифоя ва маҳдуди меъёрии ҳуқуқӣ; дар деҳот мавҷуд будани объектҳои бесоҳиб;
- мавҷуд набудани таъминоти босуботи барқ, ки ба фаъолияти бетанаффуси объектҳо монеа мебошад;
- ҳолати ғайриқаноатбахши техникии объектҳои мавҷудаи таъминоти об, энергия, гармӣ, санитария ва ХМК;
- мавҷуд набудани сиёсати дақиқ ва шаффоф оид ба масъалаҳои ҳифзи иҷтимоии суроғавии аҳолӣ ҳангоми пардохти хизматрасонии таъминот бо об, энергия, гармӣ ва хизматрасонии манзилию коммуналӣ;
- истифодаи на он қадар самарабахши инвеститсияҳои дохилӣ ва хориҷӣ, мавҷуд набудани сиёсати тарифӣ, ки барои таъмини даромаднокии хизматрасонӣ таъин гардидааст, нокифоягии нерӯи институтсионалӣ ва функсионалии бахш ҷиҳати ҷамъоварии пардохт барои хизматрасониҳо;
- бад гардидани сифати хизматрасонии манзилию коммуналӣ, ҳамзамон афзоиши хароҷоти бесамар;
- нокифоягии тадбирҳо оид ба рушди соҳаи иҷтимоӣ ва инфраструктураи инженерии сохторҳои мунитсипалии деҳот (ҷамъоатҳо);

- амалан дар деҳот мавҷуд набудани системаи канализатсияи мутамарказ, ҷавъоварӣ ва нобуд сохтани партовҳои дурушти маишӣ;
- суръати баланди афзоиши аҳолӣ имконият намедиҳад, ки бахш мутаносибан инкишоф ёбад;
- нарасидани кадрҳои соҳибихтисос.

5. Дар асоси проблемаҳои зикргардида ва мақсадҳои СМР/СПКСК вазифаҳои муҳими бахш дар ҳамин давраи ислоҳот аз инҳо иборатанд: (1) гузаронидани ислоҳоти институтсионалии бахш; (2) ҷалби бизнеси хусусӣ ва инвеститсияҳо; (3) баланд бардоштани самарабахшӣ ва ҳаддалимкон такмил додани инфраструктураи сохтор.

6. Дар доираи ислоҳоти институтсионалӣ (вазифаи 1) гузаронидани баррасии функсионалӣ ва институтсионалӣ, дақиқ намудани функсияҳо ва баланд бардоштани нерӯи мақомоте, ки барои таҳия ва татбиқи сиёсат, таҳияи қонунҳои дахлдор, стандартҳо, барномаҳо ва ҳуҷҷатҳои меъёрӣ масъуланд, пешбинӣ мегардад. Ин имкон медиҳад, ки таҳияи санадҳои зарурии қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таъмин гардида, барои навсозии таҷҳизоти барқӣ ва гидромеханикӣ маблағ ҷалб карда шавад. Ҳамчунин дар назар дошта шудааст, ки системаи ҳисоби истифодаи об, насби ҳисобкунакҳои истифодаи об, барқарорсозии объектҳои аввалиндараҷаи системаи мутамаркази гармидиҳии шаҳру ноҳияҳо такмил дода шавад. Бояд консепсияи рушди фонди манзил таҳия гардида, дар он ҳавасмандгардонии фаъолияти бинокории хусусӣ, таҳлили сатҳи тарифҳо ва механизми ҷамъоварии маблағҳои хизматрасонии коммуналӣ пешбинӣ карда шавад. Консепсияи таҳияшавандаи рушди фонди манзил ҳамоҳангсозии фаъолиятро дар бахш таъмин менамояд.

7. Яке аз вазифаҳои афзалиятноки бахш «Обтаъминкунӣ, санитария ва ХМК» аз таҳкими бизнеси хусусӣ ва ҷалби инвеститсияҳо иборат аст (вазифаи 2). Мутобиқи вазифаҳои гузошташуда гузаронидани таҳлили қолибии инвеститсионӣ барои арзёбии дурнамои хусусигардонӣ ё азнавташкилдиҳии объектҳои бахш, таҳияи пешниҳодҳо оид ба дастгирии давлатии фаъолият дар ин соҳа дар назар дошта шудааст.

8. Вазифаи муҳими бахши «Обтаъминкунӣ, санитария ва ХМК» аз баланд бардоштани самарабахшӣ ва мутаносибан такмил додани инфраструктураи бахш иборат аст (вазифаи 3). Барои ҳалли масъалаи мазкур тадбирҳои зайл пешбинӣ мегардад: таҳия (тасҳеҳ) ва татбиқи нақшаҳои генералии рушди ҳудуд; рушди барқарорсозии инфраструктураи инженерӣ; пешниҳоди лоиҳаҳои сохтмони манзилҳои истиқоматӣ; баланд бардоштани дастрасии хизматрасониҳои манзилию коммуналӣ барои аҳолии камбизоатӣ ва аз нигоҳи иҷтимоӣ осебпазир. Дар натиҷаи татбиқи ин чорабиниҳо даромади корхонаҳои ХМК зиёд шуда, заминаи техникии бахш барқарор мегардад ва ҷамъоварии пардохтҳои коммуналӣ афзоиш ёфта, сифати хизматрасониҳо беҳтар хоҳад шуд.

Бо мақсади ҳалли нисбатан хушсифати вазифаҳои зикргардида ҷиҳати барқарорсозӣ ва азнавсозии ҳавзаи танзими шабонарӯзии ҳифзи минтақаҳои санитарӣ, барқарорсозӣ ва азнавтаҷҳизонии шабакаҳои таъминоти гармӣ ва обтаъминкунӣ, шабакаҳои обтаъминкунии дохили биноҳо, системаҳои обтаъминкунии шаҳрҳо, маркази ноҳияҳо ва деҳот, барқарорсозӣ ва таҷдиди иншооти поккории канализатсионӣ, сохтмони иншооти поксозӣ ва беҳбуди шароити санитарию гигиенӣ тадбирҳо татбиқ карда мешаванд.

9. Татбиқи вазифаҳо ва тадбирҳо зикргардидаи бахши «Обтаъминкунӣ, санитария ва ХМК» имкон медиҳад, ки дастрасии аҳолии шаҳру деҳоти ҷумҳурӣ ба оби нӯшокии бехатар, хизматрасониҳои санитарӣ ва ХМК афзоиш ёбад.

### 6.5. Таъмини суботи экологӣ

1. Масъалаҳои суботи экологӣ мустақиман ба мақсадҳои вазифаи 7 МРҲ алоқаманд мебошад. Гурӯҳи мақомоти ба ҳам алоқаманди давлатӣ азм доранд иҷрои ин мақсадҳоро дар Тоҷикистон таъмин намоянд.

Қонунгузории экологии ҷумҳурӣ ба таври зарурӣ инкишофёфта буда, вале дар аксари қонунҳо механизми татбиқ вуҷуд надорад ва вобаста ба сабабҳои маҳдудиятҳои ҳамоҳангсозии байниидоравӣ он бо қонунгузориҳои дигар вазорату идораҳо мутаносиб гардонида нашудааст.

2. Вазъи мавҷуда ҳам ба назорати сифати муҳити зист ва ҳам ба ҳолати он таъсири манфӣ мерасонад. Дар натиҷа бад гардидани сифати хок (мутобиқи арзёбӣ то 97.9 фоизи заминҳои кишоварзӣ таҳти бодлесӣ қарор дошта, беш аз 15 фоизи заминҳои обёришаванда шӯр ё ботлоқӣ шудаанд), ҷараёни беҷангалшавӣ, култиватсия, аз ҳад зиёд чаронидани чорво, коркарди беиҷозати нишебиҳои кӯҳсор, ба таври кушод истихроҷ намудани канданиҳои фоиданок ба мушоҳида мерасад. Миқдори зиёди кӯлҳои хатарноки кӯҳсор ва обанборҳо бесуботии экологиро боз ҳам амиқтар мегардонанд.

3. Вазъи нигаҳдошт ва нобуд кардани партовҳо низ ташвишовар аст. Махсусан маҳали гӯр кардани партовҳо аз нигоҳи экологӣ ниҳоят хатарнок мебошад (дар маҷмӯъ дар ҷумҳурӣ 22 маҳали гӯр кардани партов мавҷуд аст, ки 8 адади он дар ҳолати ногувор қарор дошта, таҷдиди бетаъхирро тақозо менамояд). Обҳои зеризаминӣ аз сабаби истифодаи аз ҳад зиёди пору, пеститсидҳо ва партови обҳои аз обёрӣ ниҳоят менирализатсияшуда соҳаи кишоварзиро ифлос менамоянд. Аксари нуқтаҳо ва бунгоҳҳои машғули мониторинг фаъолият намекунанд. Воситаҳо барои таъмини корҳои экологӣ, ки дар ҳамаи лоиҳаҳои татбиқшавандаи инвеститсионӣ пешбинӣ гардидаанд (то 3 фоиз аз арзиши онҳо), мутобиқи таъинот истифода бурда намешаванд.

4. Ҳангоми ҳалли вазифа оид ба пешбурди сиёсати экологии кишвар мутобиқи воқеияти мавҷудаи иқтисодӣ, баланд бардоштани нерӯи мақомоте, ки барои таҳия ва татбиқи сиёсати экологӣ масъуланд, татбиқи тадбирҳои фаврӣ оид ба маҳдудсозӣ ва барҳамдиҳии таъсири маҳалҳои гӯр кардани маводи радиоактивӣ ва токсикии мавҷуда, ба талаботи қонунгузории ҳифзи табиат мутобиқ гардонидани вазъи полигонҳо барои нигаҳдошти партовҳои дурушти маишӣ мушкилоти зиёде пеш меояд.

5. Бо дарназардошти ҳамин проблемаҳои асосии суботи экологӣ аз инҳо иборатанд:

- нокифоягии нерӯи мақомоте, ки барои таҳия ва татбиқи сиёсати экологӣ ва танзими системаи нуқтаҳо ва бунгоҳҳои мониторинги экологӣ, бунгоҳҳои мониторинги пиряххо, сарбандҳо ва обанборҳо, таҳия ва таъсиси махзани маълумот оид ба муҳити зист дар ноҳияҳои таҷрибавӣ масъуланд;
- дар аксари қонунҳои амалкунанда ё аз нав таҳияшавандаи ҳифзи табиат мавҷуд набудани механизми татбиқи онҳо;
- наандешидани тадбирҳо оид ба коркард ва нобуд сохтани маводи ниҳоят хатарноки химиявӣ, сохтмони полигонҳо ҷиҳати ҷойгиронии партовҳои токсикӣ, гӯр кардани заҳрхимикатҳои корношоям ва барои истифода манъгардида;
- сатҳи на он қадар баланди татбиқи тадбирҳои аввалиндараҷа оид ба ҳифз ва истифодаи самарабахши захираҳои обӣ, пешгирии таназзули захираҳои замин, гуногунии биологӣ ва ифлосшавии ҳавои атмосфера;
- мавҷуда набудани системаи мониторинги экологии истеҳсолӣ;
- сатҳи нокифояи ташкили корҳои барқарорсозии ҷангал, камтар зоҳир намудани таваҷҷӯҳ ба ҳудудҳои махсус ҳифзшавандаи табиӣ ва баланд бардоштани сатҳи маърифати экологӣ.

6. Бо дарназардошти мақсад ва афзалиятҳои СМР/ СПКСК, инчунин ба инобат гирифтани проблемаҳои бахш дар доираи бахши «Таъмини суботи экологӣ барои солҳои 2007-2009» вазифаҳои асосии зайл муайян гардидаанд: (1) гузаронидани ислоҳоти институтсионалӣ ва такмили заминаи қонунгузорӣ; (2) пешбурди лоиҳаҳои амалкунанда ва таҳияи лоиҳаҳои нави инвеститсионӣ.

7. Бояд ба инобат гирифт, ки пролбемаҳои суботи экологӣ дар доираи СПКСК ҳамчун мавзӯи ҳамаҷониба баррасӣ мегардад.

8. Тадбирҳои пешбинишавандаи вобаста ба пешбурди сиёсати экологӣ мутобиқи вазъи мавҷудаи иҷтимоию иқтисодии кишвар, мутаносибгардонии функсияҳо ва таҳкими

нерӯи мақомоте, ки барои таҳия ва татбиқи сиёсати экологӣ масъуланд, инчунин таҳкими заминаи қонунгузории сиёсати экологӣ ба вазифаи 1 «Гузаронидани ислоҳоти институтсионалӣ ва такмили заминаи қонунгузорӣ» дохил шудаанд. Ҳамчунин дар назар дошта шудааст, ки баҳисобгирии маблағҳои барои эҳтиёҷоти экологӣ пешбинишуда, аз ҷумла вобаста ба татбиқи лоиҳаҳои инвеститсионӣ ба роҳ монда шавад.

9. Вазифаи 2 пешбарии лоиҳаҳои амалкунанда ва таҳияи лоиҳаҳои нави инвеститсиониро дар соҳаи ҳифзи муҳити зист пешбинӣ менамояд. Тадбирҳои андешидашуда ба таъмини суботи экологӣ дар Тоҷикистон, пешгирии партови моводи зараровар ба муҳити зист, ки ба саломатии аҳолӣ ва ҳолати муҳити зист таъсири зараровар доранд, нигаронида шудаанд. Ҳамзамон дар доираи фаъолияти дигар бахшҳо (энергетика, саноат, кишоварзӣ ва ғайра) оид ба паст кардани таъсири онҳо ба муҳити зист тадбирҳо пешбинӣ мегарданд. Махсусан ба пешбурди туризми экологӣ дар Тоҷикистон таваҷҷӯҳи хос зоҳир гардидааст.

10. Татбиқи тадбирҳои барои солҳои 2007-2009 пешбинишуда дар соҳаи муҳити зист имкон медиҳад, ки то охири соли 2009:

- майдони замини ҷангалзор 5 фоиз афзоиш ёбад;
- майдони заминҳое, ки барои мақсадҳои ҳифзи гуногунии биологӣ ҷудо гардидаанд, 3 фоиз афзоиш ёбад;
- майдони заминҳо ва чарогоҳҳои таназзулёфта 5 фоиз кам карда шавад;
- партови обҳои ифлос ба обҳои рӯизаминӣ ва объектҳои обии зеризаминӣ 7-9 фоиз кам карда шавад;
- партови манбаъҳои статсионарӣ ва сайёри ифлоскунанда ба атмосфера 4 фоиз кам карда шавад;
- полигонҳо барои нигаҳдошти партовҳои дурушти маишӣ, партовгоҳҳо ва мавзеи гӯр кардани моводи зараровар ба талаботи қонунгузории ҳифзи табиат мутобиқ гардонида шавад;
- барқарорсозӣ ва рушди системаи мониторинги экологӣ анҷом дода шавад.

## 6.6. Таъмини баробарии гендерӣ

1. Таҳти таъсири як қатор маҷмӯи омилҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ дар ҳаёти ҷомеа номуносибии гендерӣ нисбат ба ҳуқуқҳои асосии воқеан татбиқшаванда (ҳуқуқ ба меҳнат, маълумот, дастрасӣ ба воситаҳои истеҳсолот ва моликият) афзоиш меёбад. Сиёсати амалкунандаи имрӯза барои тағйир додани муносибатҳои иҷтимоӣ байни мардон ва занон он қадар назаррас намебошад. Баробарҳуқуқии юридикӣ баробарии воқеии мардон ва занонро таъмин наменамояд. Воқеияти амалӣ ҳамчун зиддияти ошкоро байни сиёсати гендерии эълоннамудаи давлат ва воқеияти равандҳо дар соҳаи муносибатҳои иҷтимоии занон ва мардон тавсиф мегардад.

2. Таҳлили гендерии сиёсати татбиқшавандаи давлат ва равандҳои воқеии иҷтимоӣ як қатор проблемаҳоро ошкор намуд, ки раванди пешрафти баробарии гендерӣ ва дар маҷмӯ рушди устувори ҷомеаро боз медорад, ки дар байни онҳо метавон проблемаҳои асосии зайлро номбар кард:

- заминаи нокифоя такмилёфтаи қонунгузорӣ ва сатҳи нокифояи механизмҳои институтсионалӣ барои татбиқи меъёр ва принсипҳои баробарии гендерӣ;
- сатҳи пасти дарк ва истифодаи муносибатҳои гендерӣ аз ҷониби хизматчиёни давлатӣ дар ҳамаи сатҳҳои ҳокимият;
- таҳкими нокифояи чорабиниҳо оид ба татбиқи сиёсати гендерӣ тавассути захираҳои буҷетӣ;
- заминаи сусти оморӣ вобаста ба гендер ва системаи ҷамъоварии маълумот имконият ва натиҷаҳои таҳлили гендериро барои пешбури баробарии гендерӣ маҳдуд месозад;
- дастрасии нобаробар ба захираҳо, аз ҷумла захираҳои идоракунӣ ва назорати ин захираҳо;

• муносибати толерантии ҷомеа оид ба масъалаи зӯроварӣ нисбат ба занон ва кӯдакон;

• сатҳи нокифояи ҳамкории иҷтимоӣ байни давлат, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва бизнес - сохторҳо дар ҳалли проблемаҳои гендерӣ.

3. СПКСК тибқи мақсадҳо ва вазифаҳои муайяннамудаи МРҲ ва Стратегияи миллии рушд асос ёфта, маҷмӯи чорабиниҳои дар ҳамаи бахшҳо татбиқшаванда, аз ҷумла онҳоеро, ки барои ноил гардидан ба баробарии гендерӣ нигаронида шудаанд, пешбинӣ менамояд. Интизор меравад, ки чорабиниҳои дар матритса оид ба баробарии гендерӣ пешбинишуда ҳангоми дар ҳаҷми пурра амалӣ намудани онҳо ба паст гардидани номутаносибии гендерӣ мусоидат хоҳад кард.

4. Бояд тазаккур дод, ки масъалаҳои гендерӣ дорои хусусияти байнисоҳавӣ ва гуногунҷабҳа буда, бо мақсади муносибати маҷмӯӣ ҷиҳати ҳалли проблемаҳои номбаргардида мутаносибан ба таври маҳдуд ба матритсаҳои дигар бахшҳои лоиҳаҳои СПКСК дохил карда шудаанд. Мисол, масъалаҳои таъмини дастрасии баробари писарон ва духтарон ба таҳсилоти ибтидоӣ ва умумӣ ба бахши «Маориф», тадбирҳо оид ба дастрасии баробар ба хизматрасонии тиббӣ ба бахши «Тандурустӣ», тадбирҳо оид ба дастгирии соҳибкорӣ ба бахши «Беҳбуди муҳити инвеститсионӣ, рушди бахши хусусӣ ва соҳибкорӣ», масъалаҳои шуғл ва ҳифзи иҷтимоии мардон ва занон мутаносибан ба бахши «Ҳифзи иҷтимоӣ» ва ғайра дохил карда шудаанд.

5. Матритсаи тадбирҳои ноил гардидан ба баробарии гендерӣ проблемаҳоеро дар бар мегирад, ки вобаста ба ҳалли онҳо аввалиндараҷа буда, ба таври истисноӣ барои татбиқи сиёсати давлатии гендерӣ нигаронида шудаанд. Чорабиниҳо вобаста ба ҳалли проблемаҳо гурӯҳбандӣ гардида, аз вазифаҳои зайл иборатанд: (1) такмили заминаи институтсионалии сиёсати гендерӣ; (2) таъсиси мезанизмҳои самарабахш оид ба таъмини дастрасии баробар ба захираҳо; (3) паст кардани сатҳи зӯроварӣ дар оила ва ҷомеа.

6. Такмили заминаи институтсионалии сиёсати гендерӣ (вазифаи 1) омӯзиши зарурати ворид намудани тағйирот дар бораи хизмати давлатӣ ва таҳияи санадҳои дахлдори зерқонуниро пешбинӣ менамояд. Ҳамчунин таъсиси мақоми ҳамоҳангсози байниидоравии гузаронидани таҳлили функсионалӣ ва мушаххасгардонии функсияҳо ва ваколатҳои идораҳоеро пешбинӣ менамояд, ки барои таҳия ва татбиқи сиёсати гендерӣ масъуланд. Дар он ҷорӣ намудани усулҳои оддиии квотакунонӣ барои занон дар мақомоти идоракунии давлатӣ, таҳкими нерӯи кадрии занон- хизматчиёни давлатӣ, таҳия ва татбиқи барномаи мақсадноки пеншниҳоди занон ба мансабҳои роҳбарикунанда пешбинӣ гардидааст.

Таъсиси механизми самарбахш оид ба тавсеаи дастрасии занон ба захираҳо (вазифаи 2), анҷом додани маъракаҳои иттилоотӣ, тавсеаи амалияи аз минтақаҳои алоҳида квотакунониро барои духтарон ва ҷавонон пешбинӣ менамояд. Дар сурати ҷалби маблағҳои иловагӣ дар назар дошта шудааст, ки марказҳои таълимию таҳсилотӣ таъсис дода шавад. Барои аз байн бурдани стереотипҳои маъмулӣ нисбат ба занон гузаронидани экспертизаи гендерии курсҳои таълимӣ ва адабиёт, татбиқи тадбирҳо оид ба кам кардани шуғли занон дар корҳои маишӣ пешбинӣ шудааст.

8. Паст кардани сатҳи ҳама гуна зӯроварӣ (вазифаи 3) ба беҳбуди таъмини иттилоотии ҷомеа, баланд бардоштани донишҳои гендерии кормандони ҳифзи ҳуқуқ, таъсиси Маркази таҳлилии (аналитикии) миллӣ дар назди Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон нигаронида шудааст.

9. Татбиқи тадбирҳои дар солҳои 2007-2009 пешбинигардида имкон медиҳад:

• ҳиссаи занон дар сохторҳои идоракунии давлатӣ дар муқоиса бо соли 2005 - 11 фоиз (2009) афзояд;

• ҳиссаи занон дар сохтори аҳолии аз нигоҳи иқтисодӣ фаъол аз 19 фоиз дар соли 2005 то 25 фоиз дар соли 2009 афзояд;

• дастрасии занон ба захираҳои молиявӣ аз 19 фоиз дар сли 2005 то 35 фоиз дар соли 2009 афзояд.

## 7. МАБЛАҒГУЗОРИИ ТАТБИҚИ СПКСК

1. Барномаи фаъолият, ки дар фаслҳои гузашта инъикос ёфтааст, барои татбиқи худ захираҳои зиёдеро тақозо менамояд. Асоси ин захираҳоро **буҷети давлатӣ** ташкил хоҳад дод. Барои татбиқи лоиҳаҳои асосӣ оид ба рушди инфраструктура ва анҷом додани ислоҳоти институтсионалӣ воситаҳои буҷети дохилӣ **аз ҳисоби кӯмакҳои беруна**, ки аз ҷониби ташкилотҳои байналмилалӣ ва донорҳои дутарафа ба Тоҷикистон фароҳам оварда мешаванд, пурра мегардад. Дар ҳалли вазифаҳои рушди иқтисодӣ, ки дар ҳамин Стратегия мавқеи марказиро ишғол менамояд, **инвеститсияҳои мустақими хориҷӣ** нақши муҳим доранд. Ин се манбаи асосии маблағгузорӣ барои татбиқи СПКСК бояд тамоми захираҳоро сафарбар намояд.

2. Ҷалб ва истифодаи захираҳои молиявии СПКСК ба принсипҳои зайл асос ёфтааст:

- **Самтгирӣ ба рушди дарозмӯҳлат**. Кишвар вазифаҳои муқаррарнамудаи суботи иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсиро ҳал намуда, ҳоло ба татбиқи бунёдии вазифаҳои рушди дарозмӯҳлати худ қадам мегузорад. Ин чунин маъно дорад, ки кишвар ҳоло ба инвеститсияҳои дарозмӯҳлат, дастгирии рушди бахши хусусӣ ва иқтисодиёт, таъмини асосҳои фаъолияти устувори бахши иҷтимоӣ эҳтиёҷ дорад. Ҳамзамон эҳтиёҷот ба кӯмаки башардӯстона ва дигар усулҳои кӯтоҳмӯҳлати сабук гардонидани равандҳои тезутунди камбизоатӣ камтар мегардад;
- **Реализм**. Барномаи маблағгузории СПКСК ҳарчанд то андозае мағрурона ба назар мерасад, вале ба арзёбии воқеии имконияти сафарбар намудани захираҳои дохилӣ, ҷалби кумаки беруна ва инвеститсияҳои мустақими хориҷӣ асос меёбад. Он ҳамчунин ба иқтидори кишвар ҷиҳати истифодаи самарабахш ва судманди ҳаҷми захираҳои дар он гузошташуда такя мекунад.
- **Афзалиятбахшии барномаҳои хароҷотӣ**. Воситаи муҳими таъмини воқеияти СПКСК ва баланд бардоштани самарабахшии истифодаи захираҳо аз таҷаммӯи онҳо ба самтҳои нисбатан муҳими сиёсат иборат мебошад.

3. Маблағгузории барномаҳои СПКСК аз сенарияи рушди макроиқтисодии кишвар, ки дар ҷадвали 3 оварда шудааст, бармеояд. Он ба муҳити воқеии фарзияҳои беруна, ки дар чунин фазо иқтисоди Тоҷикистон қарор дорад, асос меёбад. Мутобиқи ин сенария иқтисодиёти кишвар дар солҳои 2007-2009 босубот инкишоф ёфта, ММД ба ҳисоби миёнаи солона ба суръати на камтар аз 7 фоиз зиёд мегардад, таваррум дар сатҳи 6-7 фоиз дар як сол нигоҳ дошта мешавад, инвеститсияҳои маҷмӯи дар сармояи асосӣ ба ҳисоби миёна на камтар аз 20 фоиз аз ММД хоҳад буд. Дар сурати татбиқи лоиҳаҳои калони энергетикӣ ва инфраструктурӣ инвеститсияҳои маҷмӯӣ метавонанд хеле афзоиш ёбанд.

Нақшаи 3.

Нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодии рушди Тоҷикистон дар солҳои 2007-2009

| | с.2006 | с.2007 | с.2008 | с.2009 |
|---|---|---|---|---|
| | | дурнамо | | |
| ММД воқеӣ бо нархҳои с.2006 (млн. сомонӣ) | 9272,2 | 9967,6 | 10675,3 | 11422,6 |
| ММД ба ҳар сар аҳолӣ (сомонӣ, бо нархҳои с. 2006) | 1311,3 | 1380,4 | 1447,7 | 1523,1 |
| Суръати рушди ММД воқеӣ (%) | 7,0 | 7,5 | 7,1 | 7,0 |
| Таварруми ҳисоби миёнаи солона (%) | 12,5 | 7,0 | 6,0 | 6,0 |
| Содироти мол ва хизматрасонӣ нисбат ба ММД (%) | 49,8 | 46,5 | 47,1 | 47,5 |
| Воридоти мол ва хизматрасонӣ нисбат ба ММД (%) | 61,3 | 65,1 | 65,2 | 65,5 |
| Нишондиҳандаҳои васеи маблағҳои пулӣ нисбат | 11 | 12 | 13,5 | 15 |

| | с.2006 | с.2007 | с.2008 | с.2009 |
|---|---|---|---|---|
| | | дурнамо | | |
| ба ММД (%) | | | | |
| Инвеститсияҳои маҷмӯӣ ба сармояи асосӣ нисбат ба ММД (%) | 17,2 | 22,4 | 21,0 | 20,0 |
| Даромади буҷети давлатӣ нисбат ба ММД (%) | 17,8 | 19,3 | 19,9 | 20,7 |
| Хароҷоти буҷети давлатӣ (бе БИД) нисбат ба ММД (%) | 17,3 | 20,3 | 20,9 | 21,7 |
| Профисит\қасри буҷети давлатӣ (бе БИД) (%) | +0,3 | -1,0 | -1,0 | -1,0 |
| Нишондиҳандаи васеи касри буҷети давлатӣ (%) | 2,7 | 13,7 | 9,81 | 5,50 |
| Қарзи берунаи давлатӣ нисбат ба ММД (%) | 33,2 | 46,1 | 52,4 | 55,0 |
| Хизматрасонӣ ба ҳисоби қарзи беруна нисбат ба даромади буҷети давлатӣ (%) | 2,6 | 3,0 | 3,2 | 3,2 |

* ҳангоми омода намудани нақша дурнамоҳои Вазорати рушди иқтисод ва савдо, Вазорати молия ва Бонки миллии Тоҷикистон, нишондиҳандаҳои бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2007» ( бо назардошти маълумотҳо барои солҳои 2008-2009) тасдиқгардида истифода шудаанд.

4. Дар ҷараёни давраи татбиқи СПКСК бо туфайли рушди иқтисодӣ ва тадбирҳои андешидашавандаи сиёсати андозу гумрук ва маъмуригардонӣ (нигар ба фасли 4) афзоиши устувори даромади буҷети давлатӣ пешбинӣ мегардад. Дар назар дошта шудааст, ки дар солҳои 2007-2009 даромади буҷет (бе грантҳо барои дастгирии буҷет) ба ҳисоби миёна 0.8 фоизи ММД дар як сол афзоиш хоҳад ёфт. Ҳамзамон маблағгузорӣ барои пӯшонидани касри СПКСК бо дарназардошти принсипҳои вобаста ба имконият ҷалб намудани кредити имтиёзнок (на камтар аз 40 фоизи таркиби грантӣ) ё маблағгузории грантӣ ва ҳаддалимкон паст кардани бесуботии макроиқтисодӣ анҷом дода мешавад. Дар натиҷа қисми хароҷоти буҷет (бо дарназардошти маблағгузории пешбинигардидаи касри СПКСК) метавонад дар соли 2009 то 29 фоизи ММД баробар шавад.

5. Дар сохтори хароҷоти буҷет вобаста ба афзоиши самтгирии сиёсати хароҷоти давлатӣ ба самтҳои афзалиятноки СПКСК дигаргунӣ рух хоҳад дод. Сохтори хароҷоти буҷети пешбинишаванда оид ба моддаҳои асосии дараҷабандии функсионалӣ дар нақшаи 4 оварда шудааст. Чуноне аз ин нақша бармеояд, дар он аз ҷониби давлат зиёд намудани ҳаҷми хароҷот барои бахшҳои афзалиятноки СПКСК пешбинӣ шудааст, ки маблағгузории он бештар аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатӣ анҷом дода мешавад. Муҳим он аст, ки тағйирот дар сиёсати хароҷоти буҷет ҳам буҷетҳои ҷумҳуриявӣ ва ҳам буҷетҳои маҳаллиро фаро хоҳад гирифт. Дар сохторҳои буҷетҳои маҳаллӣ низ маблағгузории самтҳои афзалиятноки СПКСК афзоиш хоҳад ёфт.

Нақшаи 4.

Сохтори хароҷоти буҷети давлатӣ, %

| | с.2007 | с.2008 | с.2009 |
|---|---|---|---|
| | дурнамо | | |
| Хароҷот дар маҷмӯъ (аз ҷумла БММ ва БИД)* | 100 | 100 | 100 |
| Кишоварзӣ | 5,4 | 5,7 | 4,0 |
| Нақлиёт ва коммуникатсия | 16,3 | 17,3 | 7,5 |
| Саноати кӯҳкорӣ ва сохтмон | 1,0 | 1,0 | 1,0 |
| Комплекси гармию энергетикӣ | 17,4 | 10,5 | 11,8 |
| Хоҷагии манзилию коммуналӣ | 4,2 | 3,6 | 3,8 |
| Маориф | 15,4 | 16,3 | 18,4 |
| Тандурустӣ | 5,4 | 5,8 | 6,7 |
| Ҳифзи иҷтимоӣ | 11,1 | 13,1 | 15,4 |

| | с.2007 | с.2008 | с.2009 |
|---|---|---|---|
| | дурнамо | | |
| Дигар соҳаҳои бахши иҷтимоӣ | 1,6 | 1,6 | 1,7 |
| Идоракунии давлатӣ ва дигар хароҷоти буҷет | 22,2 | 25,1 | 29,7 |

* Паст шудани ҳиссаи нақлиёт ва коммуникатсия дар соли 2009 ба анҷоми азхудкунии қарзи калони ҶХХ вобастааст.

6. Фаъолияти давлат оид ба рушди иқтисодиёт барои дар кишвар фароҳам овардани фазои мусоиди соҳибкорӣ ва инвеститсионӣ мутамарказ гардида (нигар фасли 4), чун қоида иштироки мустақими буҷетро дар маблағгузории фаъолияти истеҳсолии корхонаҳо пешбинӣ наменамояд. Вале дар ҳолатҳои алоҳида, бо мақсади ҳавасмандгардонии инвеститсияҳои хусусӣ давлат барои ҳаммаблағгузории лоиҳаҳои инвеститсионӣ дар энергетика ва нақлиёт, истеҳсол, коркард ва фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ, махсусан пахта, ки барои рушди кишвар дорои аҳамияти муҳим мебошад, аз буҷет маблағҳо ҷудо менамояд. Татбиқи чунин лоиҳаҳо мутобиқи принсипи шарикии баробар ва мутақобилан судманди давлат ва инвесторҳо сурат мегирад.

7. Воситаи асосии татбиқи сиёсати инвеститсионии давлат аз Барномаи инвеститсияҳои давлатӣ (нигар нақшаи 5), ки ба таври афзалиятнок аз ҳисоби манбаъҳои берунӣ маблағгузорӣ мегардад ва Барномаи сармоягузории мутамарказ, ки аз ҳисоби буҷетҳои худӣ маблағгузорӣ мегардад (нигар нақшаи 6) боқӣ мемонанд, ки самтгирии онҳо ба самтҳои асосии сиёсати СПКСК низ бояд моҳиятан афзоиш ёбад.

8. Ҳаҷми маблағгузорӣ дар доираи БИД аз пакети назарраси захираҳои инвсетитсионӣ иборат аст: дар соли 2006 аз маблағҳои БИД ба маблағи 8.5 фоизи ММД инвсетитсия анҷом дода шуд; сатҳи инвеститсияҳои пешбинишаванда дар доираи БИД дар солҳои 2007-2009 мутаносибан 13.3, 8.8 ва 4.5 фоиз аз ММД ё худ ба ҳисоби миёна 8.9 фоизи ММД-и солонаро ташкил хоҳад дод[1]. Афзоиши захираҳои БИД, ки асосан аз ҳисоби ҷалби манбаъҳои иловагии маблағгузории берунӣ сурат мегирад, сабаби кам шудани хароҷоти ҷорӣ, ки динамикаи он бо мантиқи истоҳоти дар СПКСК пешбинишаванда муайян мегарданд, нахоҳад шуд. Раванди таҳияи Барномаи инвсетитсияҳои давлатӣ барои солҳои 2007-2009 бо раванди таҳияи ҳамин СПКСК ҳамоҳанг ва зич алоқаманд буда, дар натиҷа БИД барои солҳои 2007-2009 афзалиятнокӣ ва пайдарҳамии тадбирҳои СПКСК-ро инъикос мекунад (нақшаи 5).

Қисми асосии маблағҳои БИД ба татбиқи афзалиятҳои зерини СПКСК нигаронида хоҳад шуд (нигар ба бобби 3): 1) рушди бахши хусусӣ ва ҳавасмандсозии сармоягузориҳо тавассути татбиқи лоиҳаҳои инвеститсионӣ дар соҳаҳои энергетика, нақлиёт, кишоварзӣ ва хоҷагии об ва 2) рушди иқтидорҳои инсонӣ тавассути гузарониданиислоҳоти сохторӣ дар соҳаҳои маорифу тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва инвеститсияҳои афзоянда дар инфраструктураи иҷтимоӣ. Ин тадбирҳо дар доираи БИД ҳамзамон ба такмили идоракунии давлатӣ, яъне татбиқи самти афзалиятноки сеюми СПКСК мусоидат менамоянд, зеро унсури таркибии бисёре аз лоиҳаҳои БИД ин тадбирҳо оид ба рушди институтсионалии бахшҳои дахлдори хоҷагии халқ мебошанд.

Нақшаи 5.

Дурнамои тақсими маблағҳои БИД

| | с. 2007 | с.2008 | с.2009 |
|---|---|---|---|

[1] Љараёни БИД аз рўи солњо нобаробар таќсим шудаанд, ки ин ба татбиќи як лоињаи азим дар соњаи инфрасохтори наќлиёт алоќаманд аст, инчунин ба он вобастааст, ки аз рўи як ќатор лоињањои БИД, ки оѓози онњо дар солњои 2008-2009 ба наќша гирифта шудааст, њанўз созишномаи расмї баста нашуда, онњо дар маблаѓи умумї ба инобат гирифта нашудаанд.

| | | | |
|---|---|---|---|
| БИД – ҷамъ, бо % нисбат ба хароҷоти буҷети давлатӣ | 45,17 | 45,74 | 38,92 |
| Аз ҷумла аз рӯи соҳаҳо: | | | |
| | с. 2007 | с.2008 | с.2009 |
| Идоракунии иқтисодиёт | 0,79 | 1, 53 | 2,10 |
| Кишоварзӣ, ирригатсия ва обтаъминкунии маҳалли деҳот | 5,08 | 6,53 | 4,89 |
| Обтаъминкунӣ ва канализатсия | 1,68 | 0,83 | 0,45 |
| Энергетика | 18,07 | 13,58 | 14,93 |
| Нақлиёт ва коммуникатсия | 15,29 | 17,74 | 8,82 |
| Маориф | 1,77 | 2,40 | 2,13 |
| Тандурустӣ | 1,33 | 1,32 | 2,39 |
| Ҳифзи иҷтимоӣ ва меҳнат | 0,84 | 1,26 | 1,81 |
| Мултисектор ва бахшҳои дигар | 0,32 | 0,55 | 1,40 |

9. Ҳаҷми пешбинишудаи БММ барои солҳои 2007-2009 (230,7 млн. доллар) ба ҳисоби миёна ҳамасола 2,5 фоизи ММД ё 4,6 фоизи арзиши умумии барномаи амалиёти СПКСК-ро ташкил медиҳад. Ин ҳаҷм бе тақсимот аз рӯи тадбирҳои алоҳида ҳамчун саҳми буҷет дар маблағгузории талаботи пӯшониданашудаи СПКСК нишон дода шудааст (Нақшаи 7). Тақсимоти бахшии намунавии БММ дар мӯҳлати амали СПКСК дар нақшаи 6 оварда шудааст; Ҳукумат ҳамасола тақсимоти захираҳои барномаи мазкурро аз рӯи бахшҳо ва тадбирҳои матритсаи амалҳои СПКСК мувофиқи афзалиятҳои Стратегия аниқ мекунад.

Нақшаи 6

Дурнамои тақсими маблағҳои БММ

| | с. 2007 | с.2008 | с.2009 |
|---|---|---|---|
| БММ – ҷамъ, бо % нисбат ба хароҷоти буҷети давлатӣ | 7,45 | 8,46 | 9,52 |
| Аз ҷумла: | | | |
| Маориф | 1,19 | 1,35 | 1,52 |
| Тандурустӣ | 0,40 | 0,45 | 0,51 |
| Ҳифзи иҷтимоӣ | 0,09 | 0,10 | 0,11 |
| Кишоварзӣ | 0,32 | 0,36 | 0,41 |
| Нақлиёт ва коммуникатсия | 0,95 | 1,08 | 1,21 |
| Саноати кӯҳкорӣ ва сохтмон | 0,47 | 0,53 | 0,60 |
| Комплекси гармию энергетикӣ | 1,31 | 1,49 | 1,68 |
| Хоҷагии манзилию коммуналӣ | 0,72 | 0,82 | 0,92 |
| Идоракунии давлатӣ | 1,16 | 1,32 | 1,49 |
| Мақомоти ҳифзи ҳуқуқ | 0,38 | 0,43 | 0,48 |
| Соҳаҳои дигар | 0,46 | 0,53 | 0,59 |

10. Маҳаки асосии маблағгузории СПКСК-ро хароҷот барои татбиқи амалҳои афзалиятнок ва бештар афзалиятдоштаи СПКСК ташкил медиҳанд. Маълумоти маҷмӯӣ оид ба эҳтиёҷоти молиявии барномаи мазкур дар нақшаи 7 нишон дода шуда, маълумоти молиявии нисбатан ҷузъӣ оид ба ҳар кадоме аз тадбирҳо бошад, дар Замимаи 1 оварда шудааст.

11. Эҳтиёҷоти умумӣ барои маблағгузории барномаи амали СПКСК 5029.4 млн.долларро ташкил дод, аз ҷумла тақрибан 1 млрд. доллари он қарзи имтиёзноки беруна

мебошад. Маблағгузории дар айни замон тасдиқгардида 2253.7 млн.доллар, аз ҷумла маблағҳои буҷетӣ 239.3 млн.доллар, БИД – 1172.9 млн.доллар, ИМХ – 841.5 млн.долларро ташкил медиҳад.

12. Эҳтиёҷоти пӯшониданашудаи маблағгузорӣ вобаста ба барнома дар маҷмӯъ 2750.1 млн.долларро ташкил медиҳад; пешбинӣ мешавад, ки барои пӯшонидани фарқияти молиявӣ бояд кӯмакҳои имтиёзноки беруна дар доираи БИД ба маблағи 537,2 млн. доллар ҷалб карда шаванд ( аз ҷумла каме бештар аз 100 млн. долл. ШМА қарзҳои имтиёзнок), ИМХ дар ҳаҷми 2007.9 млн.доллар ва захираҳои БММ ба андозаи 230.7 млн.доллар). Ҳангоми муайян намудани ҳаҷми қарзи беруна барои аз ҷониби Тоҷикистон риоя намудани омилҳои пруденсиалии суботи фискалӣ ва устувории қарзи беруна, ба монанди гузаронидани арзиши софи қарзи беруна нисбат ба ММД таваҷҷӯҳи махсус зоҳир гардидааст. Манбаи асосии пӯшонидани касри барнома бояд инвеститсияҳои мустақими хориҷӣ бошад, ки эҳтиёҷоти иловагии онҳо 40.1 фоизи ҳаҷми умумии арзиши барномаро ташкил медиҳад.

13. Дар назар дошта шудааст, ки ҳамаи маблағҳои барои Тоҷикистон бо мақсади паст кардани сатҳи камбизоатӣ фароҳамовардаи шарикон оид ба рушд, дар навбати аввал маблағҳои инвеститсионӣ, дар буҷети давлатӣ ба ҳисоб гирифта шуда, барои татбиқи чорабиниҳои дар матритсаи амали ҳамин Стратегия пешбинишуда мутамарказ мегардад.

Нақшаи 7

**Эҳтиёҷот барои маблаѓгузории фаъолияти афзалиятноки СПКСК (млн.доллари ШМА)**

| Бахши иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Эҳтиёҷоти умумӣ | Маблаѓгузории тасдиқгардида[2] | | | | Эҳтиёҷоти пӯшониданашуда | | | | Вазни қиёсии эҳтиёҷоти пӯшониданашуда нисбат ба эҳтиёҷоти умумӣ бо % | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Буҷет | Маблаѓгузории беруна | | Ҷамъ | Буҷет | Маблаѓгузории беруна | | Ҷамъ | Буҷет | Маблаѓгузории беруна | | Каср ҷамъ |
| | | | ПГИ-ҷамъ (кред./гр.) | ИМХ | | | БИД-ҷамъ (кред./гр.) | ИМХ | | | ПГИ-ҷамъ (кред./гр.) | ИМХ | |
| Идоракунии давлатӣ | 10,0 | 0,0 | 5,0 (0/ 5.0) | 0,0 | 5,0 | | 5,0 (0/5.0) | 0,0 | 5,0 | | 50,0 (0/100) | 0,0 | 50,0 |
| Сиёсати макроиқтисодӣ | 82,9 | 6,3 | 58,6 (42,9/15,7) | 0,0 | 64,9 | | 18,0 (2,1/15,9) | 0,0 | 18,0 | | 21,7 (2,5/19,2) | 0,0 | 21,7 |
| Беҳбуди фазои инв-онӣ, рушди бахши хусусӣ | 33,5 | 0,0 | 16,1 (0/16,1) | 0,0 | 16,1 | | 17,4 (0/17,4) | 0,0 | 17,4 | | 51,9 (0/51,9) | 0,0 | 51,9 |
| Рушди минтақаҳо, ҳамкорӣ ва ҳамги-роӣ ба иқтодиёти ҷаҳонӣ | 279,4 | 1,7 | 19,7 (0/19,7) | 200,0 | 221,3 | | 8,1 (0/8,1) | 50,0 | 58,1 | | 2,9 (0/2,9) | 17,9 | 20,8 |
| Рушди нақлиёт | 581,6 | 32,3 | 340,2 (331,4/8,8) | 5,0 | 377,5 | | 72,8 (11,0/61,8) | 131,3 | 204,1 | | 12,5 (1,9/10,6) | 22,6 | 35,1 |
| Рушди алоқа | 56,1 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | | 8,1 (4,5/3,6) | 48,0 | 56,1 | | 14,4 (8,0/6,4) | 85,6 | 100,0 |
| Рушди энергетика | 1899,0 | 123,3 | 365,9 (328,0/37,9) | 498,5 | 987,8 | | 61,2 (30,8/30,4) | 850,1 | 911,1 | | 3,2 (1,6/1,6) | 44,8 | 48,0 |
| Рушди саноат | 1024,9 | 0,0 | 0,0 | 138,0 | 138,0 | | 6,9 (0/6,9) | 880,0 | 886,9 | | 0,7 (0/0,7) | 85,9 | 86,6 |
| **Ҷамъ оид ба рушди инфр-ра, коммуни-катсия, энергетика ва саноат** | **3561,6** | **155,6** | **706,2 (659,4/46,8)** | **641,5** | **1503,3** | | **148,9 (46,3/102,6)** | **1909,4** | **2058,3** | | **4,2 (1,3/2,9)** | **53,6** | **57,8** |

[2] Лоињањое дохил мешаванд, ки: (1) ба имзо расидаанд ва дар доираи њамин СПКСК татбиќ мешаванд; (2) тањти омодасозї ќарор доранд ва барои татбиќи њамин ссб пешбинї шудаанд; дар барномањои кўмаки днорњо мављуданд ва барои татбиќ дар СПКСК таъин гардидаанд.

| | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Амнияти озуқаворӣ ва рушди бахши аграрӣ | 225,8 | 21,1 | 151,7 (120,5/31,2) | 0,0 | 172,9 | | 37,4 (6,1/31,2) | 15,5 | 52,9 | | 16,6 (2,7/13,9) | 6,9 | 23,5 |
| Бахши иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Эҳтиёҷоти умумӣ | Маблағгузории тасдиқгардида[3] | | | | Эҳтиёҷоти пӯшониданашуда | | | | Вазни қиёсии эҳтиёҷоти пӯшониданашуда нисбат ба эҳтиёҷоти умумӣ бо % | | | |
| | | Буҷет | Маблағгузории беруна | | Ҷамъ | Буҷет | Маблағгузории беруна | | Ҷамъ | Буҷет | Маблағгузории беруна | | Каср ҷамъ |
| | | | ПГИ-ҷамъ (кред./гр.) | ИМХ | | | БИД-ҷамъ (кред./гр.) | ИМХ | | | ПГИ-ҷамъ (кред./гр.) | ИМХ | |
| Рушди маориф | 157,9 | 20,4 | 61,8 (15,4/46,4) | 0,0 | 82,2 | | 45,7 (8,6/37,1) | 30,0 | 75,7 | | 28,9 5,4/23,5) | 19,0 | 47,9 |
| Рушди илм | 9,3 | 0,2 | 0,5 (0/0,5) | 0,0 | 0,7 | | 8,6 (0/8,6) | 0,0 | 8,6 | | 92,5 (0/92,5) | 0,0 | 92,5 |
| **Ҷамъ оид ба бахши маориф ва илм** | **167,2** | **20,6** | **62,3 (15,4/46,7)** | **0,0** | **82,9** | | **54,3 (8,6/45,7)** | **30,0** | **84,3** | | **32,5 (5,1/27,4)** | **17,9** | **50,4** |
| Рушди системаи тандурустӣ | 160,8 | 26,2 | 82,2 (23,7/58,4) | 0,0 | 108,5 | | 52,4 (10,2/42,2) | 0,0 | 52,4 | | 32,6 (6,3/26,3) | 0,0 | 32,6 |
| Ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ | 46,2 | 0,5 | 11,6 (0/11,6) | 0,0 | 12,1 | | 34,1 (0/34,1) | 0,0 | 38,5 | | 73,8 (0/73,8) | 0,0 | 73,8 |
| Тавсеаи дастрасӣ ба таъминоти об, санитария ва ХМК | 180,2 | 5,4 | 35,6 (20,9/14,7) | 0,0 | 40,9 | | 136,3 (26,9/109,4) | 3,0 | 139,3 | | 75,6 (14,9/60,7) | 1,7 | 77,3 |
| Таъмини суботи экологӣ | 47,8 | 1,8 | 22,5 (6,2/16,3) | 0,0 | 24,3 | | 23,5 (0/23,5) | 0,0 | 23,5 | | 49,2 (0/49,2) | 0,0 | 49,2 |
| Таъмини баробарии гендерӣ | 3,2 | 0,0 | 1,6 (0/1,6) | 0,0 | 1,6 | | 1,7 (0/1,7) | 0,0 | 1,7 | | 53,1 (0/53,1) | 0,0 | 53,1 |
| **Ҷамъи хароҷот вобаста ба** | **5029,4** | **239,3** | **1172,9 (888,9/284,0** | **841,5** | **2253,7** | **230,7[4]** | **537,2 (100,3/436,9)** | **2007,9** | **2775,7** | 4,6 | **10,7 (2,0/8,7)** | **40,1** | **55,,1** |

[3] Лоињањое дохил мешаванд, ки: (1) ба имзо расидаанд ва дар доираи њамин СПКСК татбиќ мешаванд; (2) тањти омодасозї ќарор доранд ва барои татбиќи њамин ссб пешбинї шудаанд; дар барномањои кўмаки днорњо мављуданд ва барои татбиќ дар СПКСК таъин гардидаанд.
[4] Маблаѓи пешбинишудаи ПЦКВ барои солњои 2007-2009 оварда шудааст, ки таќсими соњавии он њар сол бо самтгирї ва тадбирњои ссб сурат мегирад

| | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **СПКСК** | | | **)** | | | | | | | | | | |

14. Барои он, ки принсипҳои афзалиятдиҳӣ дар ҷараёни татбиқи СПКСК нигоҳ дошта шавад, ҳангоми таҳия ба танзими тадбирҳои Стратегия, бо ҷудо кардани чорабиниҳое, ки дорои афзалияти нисбатан бештар мебошанд, диққати махсус дода шуд (методология қабулгардидаи афзалиятдиҳӣ дар замимаи 3 оварда шудааст). Эҳтиёҷоти пӯшониданашудаи маблағгузорӣ танҳо барои чорабиниҳои ниҳояти афзалиятнок (дар доираи кумаки беруна, бе дарназардошти ИМХ) 276.8 млн.доллар ё аз эҳтиёҷоти умумӣ барои маблағгузории СПКСК 5.77 фоиз ва аз эҳтиёҷоти умумии пӯшониданашудаи маблағгузорӣ 10.8 фоизро ташкил медиҳад. Тақсими эҳтиёҷоти молиявии пӯшониданашудаи чорабиниҳои ниҳоят афзалиятнок вобаста ба бахшҳо дар нақшаи 8 оварда шудааст.

Нақшаи 8

Эҳтиёҷоти молиявии пӯшониданашудаи чорабиниҳои ниҳоят афзалиятнок

| Бахшҳои иқтисодиёт | Каср млн. доллари ШМА | % аз эҳтиёҷоти умумии молиявӣ | % аз эҳтиёҷоти умумии пӯшонида-нашуда |
|---|---|---|---|
| Идоракунии давлатӣ | 5,0 | 50,00 | 100,00 |
| Сиёсати макроиқтисодӣ | 16,8 | 20,23 | 92,96 |
| Беҳбуди фазои инвеститсионӣ, рушди бахши хусусӣ ва соҳибкорӣ | 6,3 | 18,81 | 36,17 |
| Рушди ҳамкориҳои минтақавӣ ва ҳамгирой ба иқтисодиёти ҷаҳонӣ | 6,7 | 2,41 | 11,58 |
| Рушди нақлиёт | 27,3 | 4,69 | 13,37 |
| Рушди алоқа | 7,8 | 13,86 | 13,86 |
| Рушди энергетика | 28,1 | 1,48 | 3,08 |
| Рушди саноат | 1,0 | 0,10 | 0,11 |
| **Ҷамъ: рушди инфраструктура, коммуникатсия, энергетика ва саноат** | **64,1** | **1,8** | **3,11** |
| Амнияти озуқаворӣ ва рушди бахши аграрӣ | 28,5 | 12,63 | 53,87 |
| Рушди маориф | 38,0 | 24,10 | 50,27 |
| Рушди илм | 6,2 | 66,14 | 71,52 |
| **Ҷамъ: маориф ва илм** | **44,2** | **26,44** | **52,44** |
| Рушди системаи тандурустӣ | 41,8 | 25,99 | 79,83 |
| Ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ | 22,3 | 48,18 | 65,29 |
| Тавсеаи дастрасӣ ба таъминоти об, санитария ва ХМК | 22,7 | 12,60 | 16,30 |
| Таъмини суботи экологӣ | 17,4 | 36,36 | 73,89 |
| Таъмини баробарии гендерӣ | 1,0 | 30,37 | 59,24 |
| **Ҷамъи хароҷот барои СПКСК** | **276,8** | **5,77** | **10,87** |

15. Эҳтиёҷоти пӯшониданашудаи маблағгузории чорабиниҳои афзалиятноки СПКСК (дар доираи кумаки беруна бе ИМХ) 260.4 млн.доллар ё 5.43 фоиз аз эҳтиёҷоти умумӣ барои маблағгузории СПКСК ё 10.23 фоизро аз эҳтиёҷоти умумии пӯшониданашуда барои маблағгузорӣ ташкил медиҳад. Барои ноил шудан ба мақсад ва афзалиятҳои СПКСК, анҷом додани ислоҳоти муназзам ва маҷмӯӣ Ҳукумат иловатан ба

тадбирҳои ниҳоят афзалиятнок инчунин барои татбиқи тадбирҳои афзалиятнок низ ба ҷалби кумаки беруна умед мебандад.

16. Дар СПКСК ҷиҳати фароҳам овардани шароитҳои мусоид барои рушди бахши хусусӣ ва ҷалби ИМХ асосан ба бахши воқеии иқтисодиёт (энергетика, нақлиёти ҳавоӣ, роҳи оҳан, алоқа, соҳаҳои гуногуни саноат) таваҷҷӯҳи махсус зоҳир мегардад. Мутобиқи чорабиниҳои СПКСК истифодаи 2849.4 млн.доллари ШМА ИМХ (ё 57.0 фоиз аз эҳтиёҷоти умумӣ барои татбиқи СПКСК) пешбинӣ мегардад, ки мутобиқи маълумоти мавҷуда аз он 841.5 млн.доллари ШМА тасдиқ гардидааст. Эҳтиёҷоти иловагӣ дар ИМХ 2007.9 млн.доллари ШМА-ро ташкил медиҳад. Дар назар дошта шудааст, ки эҳтиёҷоти иловагӣ барои ИМХ дар ҳолатҳои мусоид метавонад аз ҳисоби инвеститсияҳои хусусии дохилӣ пурра карда шавад.

17. Тавре қаблан ишора рафт, воситаи асосии молиявии СПКСК буҷети давлатӣ мебошад, ки мақсадҳо, вазифаҳо ва тадбирҳои онро инъикос мекунад. Дар кори мутобиқкунонии буҷети давлатӣ ба афзалиятҳои сиёсии дар СМР/СПКСК муқарраршуда нақши асосиро Барномаи миёнамӯҳлати буҷетӣ иҷро мекунад. Бо назардошти он ки дар СМР/СПКСК муносибати бахшӣ қабул шудааст, пас БМБ низ бояд ба тақсимоти бахшии хароҷоти буҷетӣ асос ёбад. Дар айни замон буҷети давлатӣ асосан аз рӯи принсипи минтақавӣ амал мекунад, аз ин рӯ барои тағйир додани принсипҳои тартибдиҳии буҷет ва ба таври пурра ҷорӣ намудани банақшагирии буҷетӣ дар асоси БМБ давраи гузариш даркор аст. Он бояд аз соли 2009 сар карда пурра ташаккул ёбад. Вале аз ҳоло корҳои фаъоли омодасозӣ ҷиҳати гузариш ба БМБ шурӯъ шудааст, аз ҷумла оид ба ин масъала қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ҷорӣ намудани Барномаи миёнамӯҳлати хароҷотҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Низомнома оид ба ташаккул ва ҷорӣ намудани Барномаи миёнамӯҳлати хароҷотҳои давлатӣ ва дастурамали маблағгузории сарикасӣ дар муасиссаҳои таҳсилоти умумии шаҳру ноҳияҳои таҷрибавӣ қабул шудааст. Дар натиҷаи он ба ҳаҷми маблағгузории дохилии буҷетии бахшҳои СПКСК мумкин аст баъзе тағйирот ворид карда шавад.

## 8. ИДОРАКУНИИ ТАТБИҚ ВА МОНИТОРИНГИ СПКСК

1. Идоракунии татбиқи Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ тарзе сурат мегирад, ки аз ҷониби Ҳукумат ноил гардидан ба мақсадҳои Стратегия, сафарбаркунии захираҳои дохилӣ ва беруна, истифодаи нисбатан самарабахши онҳо, ҷалби ҳамаи гурӯҳҳои ҷомеа дар фаъолияти паст кардани сатҳи камбизоатӣ таъмин карда шавад.

2. Дар раванди татбиқи СПКСК Шӯрои миллӣ, ки дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил гардида, эҳтимол меравад дар он намояндагони Ҳукумат, парламент ва ҷомеаи шаҳрвандӣ иштирок хоҳанд кард, нақши роҳбарикунандаро ба ҷо меорад. Ин Шӯро Стратегияи умумииислоҳотро муайян карда, ҳисобот оид ба ҷараёни татбиқи СПКСК-ро баррасӣ менамояд ва ташаббускори таҳияи СПКСК–и нав хоҳад буд. Котиботи Шӯрои миллии рушд фаъолияти ҳамарӯзаро оид ба ҳамоҳангсозии азму талоши иштирокчиёни давлатӣ ва ғайридавлатиро ба раванди татбиқи СПКСК анҷом дода, таҳияи мақоми ҳуқуқии СМР/ СПКСК, таҳлили натиҷаҳои раванди иҷрои СПКСК, таҳияи пешниҳодҳо оид ба тасҳеҳи СПКСК-и амалкунанда ва таҳияи СПКСК-и нав, таъмини мартабот (субординатсия) ва мақсаднокии ҳамаи барномаҳо ва стратегияҳои давлатии Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатиро таъмин хоҳад кард.

3. Ҳамаи фаъолияти амалӣ оид ба татбиқи Стратегия аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамоҳанг хоҳад шуд. Ҳамзамон Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқати Барномаи миёнамӯҳлати буҷетӣ ва буҷетҳои солонаро вобаста ба мақсад, вазифаҳо ва чорабиниҳои СПКСК таъмин менамояд. Вазоратҳои соҳавӣ, идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ мақомоти кории асосӣ

хоҳанд буд, ки СПКСК-ро дар доираи соҳаҳо ва минтақаҳои дахлдор татбиқ менамоянд. Онҳо барои татбиқи фаслҳои дахлдори Матритсаи амал, ки қисми таркибии СПКСК мебошад, масъулият доранд. Ҳукумат ҳамкориҳои конструктивиро бо ташкилотҳои донорӣ анҷом дода, истифодаи ҳамоҳангшуда ва ҳаддалимкон самарабахши кумаки берунаи ба кишвар фароҳамовардаро таъмин менамояд, инчунин барои ба иқтисодиёт ҷалб намудани инвеститсияҳои мустақими хориҷӣ ва дохилӣ шароитҳои мусоид фароҳам меорад.

4. Парламент бояд ифодаи қонунии сиёсати чорабиниҳои пешбининамудаи Стратегия, инъикоси мақсад ва афзалиятҳои СПКСК-ро дар ҷараёни баррасӣ ва тасдиқи буҷети давлатӣ таъмин намояд.

5. Дар татбиқи СПКСК ба ташкилотҳо, ҷомеаҳои шаҳрвандӣ, ки бояд нерӯи ҷамъиятиро барои ноил шудан ба мақсадҳои Стратегия сафарбар намоянд, нақши муҳим ҷудо карда шудааст. Шаклҳои иштироки ҷомеаҳои шаҳрвандӣ аз хизматрасонии иҷтимоӣ, паҳн намудани иттилоот оид ба СПКСК дар байни аҳолӣ, иштирок дар мониторинги СПКСК ва раванди машваратҳо вобаста ба татбиқи он, таъмини шаффофият ва ҳисоботдиҳӣ оид ба ҷараёни татбиқи СПКСК иборат хоҳад буд. Ҳамзамон ҳамкории самарабахши мутақобила ва шариконаи мақомоти давлатӣ ва созмонҳои ғайриҳукуматӣ таъмин хоҳад гашт. Махсусан саҳми ташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ҷиҳати ҷалби ҷомеаҳои маҳаллӣ ва раванди татбиқи СПКСК ниҳоят муҳим аст.

6. Функсияҳо ва масъулияти мақомоти гуногуни идоракунии давлатӣ дар раванди татбиқи СПКСК, инчунин мавқеи Стратегияи миллии рушд ва СПКСК дар системаи меъёрии ҳуқуқии Тоҷикистон бо санади махсуси меъёрӣ, ки қабули он дар соли 2007 пешбинӣ гардидааст, танзим мегардад.

7. **Яке аз унсурҳои муҳими системаи идоракунии татбиқи СПКСК** аз Системаи мониторинг ва арзёбии Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ иборат мебошад. Он барои арзёбии пешрафт дар фаъолият ҷиҳати ноил шудан ба мақсадҳои СПКСК, таҷрибаи мусбии андӯхта ва проблемаҳои мавҷудаи татбиқи Стратегия, таҳлили раванди рушд дар доираи СПКСК ва таҳияи пешниҳодҳои асоснок оид ба тасҳеҳи сиёсати паст кардани камбизоатӣ, ки ба баланд бардоштани самарабахшии он нигаронида мешавад, таъин гардидааст. СМваА имкон медиҳад, ки робитаи мутақобила ва муттасил байни қарорҳои қабулгардида ва натиҷаҳои татбиқи амалии он, шаффофият ва ҳисоботдиҳӣ оид ба фаъолияти марбут ба мақсадҳои СПКСК таъмин карда шавад.

8. Таъмини арзёбии мустақим, шаффофият ва ҳисоботдиҳӣ, самтгирӣ ба натиҷаҳо ва афзалиятҳои Стратегия, истифодаи усулҳои нисбатан муосири мониторинг, ҷалби парламент, мақомоти ҳокимияти иҷроияи ҳамаи сатҳо, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ ва шарикон оид ба рушд яке аз принсипҳои асосии мониторинг ва арзёбии СПКСК ба ҳисоб меравад.

9. <u>Сохтори системаи мониторинг ва арзёбӣ.</u> Асоси СМваА-ро мақсадҳои миқдоран муайяннамудаи Стратегия ташкил медиҳанд. Барои арзёбии пешрафти кишвар ҷиҳати ноил шудан ба ин мақсадҳо системаи индекаторҳо истифода бурда мешавад, ки имкон медиҳад таъсирнокӣ ва самарабахшии тадбирҳои сиёсати дар СПКСК инъикосёфта баррасӣ гардад. Зерсистемаи асосии СМваА –ро системаи ҷамъоварии маълумот дар бораи аҳамияти индекаторҳои мониторинг ва дигар иттилооти миқдорию сифатӣ, ки рушди иҷтимоию иқтисодии Тоҷикистонро тавсиф менамояд, ташкил хоҳад дод. Дигар қисмҳои таркибии СМваА аз инҳо иборатанд:

- **системаи таҳлили иттилоот**, ки дар ҷараёни мониторинг ҷамъоварӣ гардида, барои арзёбии самарабахшии чорабиниҳо оид ба рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар дар доираи СПКСК ва таҳияи пешниҳодҳо оид ба такмили сиёсати СПКСК таъин гардидааст;

• **системаи пахши иттилоот** оид ба натиҷаҳои мониторинги татбиқи СПКСК ва ҷамъоварии фикру мулоҳизаҳо вобаста ба ин иттилоот аз ҷониби иштирокчиёни мухталифи раванди татбиқи Стратегия.

Самарабахшии фаъолияти ҳамаи СМваА бо **таъмини институтсионалӣ ва молиявии** раванди мониторинг ва арзёбӣ муайян карда мешавад.

10. Мақсадҳои СПКСК, ки ҳамзамон мақсадҳои фосилавии Стратегияи миллии рушд мебошанд, дар фасли 3 ҳамин ҳуҷҷат ифода ёфтаанд. Мувофиқаи байниҳамдигарии онҳо, муайянии миқдорӣ ва ҳамбастагӣ ба уфуқи муваққатии СПКСК имкон медиҳад, ки барои мониторинги самарабахш ва арзёбии фаъолият вобаста ба татбиқи СПКСК шароит фароҳам ояд. Мақсадҳои СПКСК пурра Мақсадҳои рушди ҳазорсоларо, ки Тоҷикистон якҷоя бо ҷомеаи ҷаҳонӣ қабул намудааст, дар бар мегирад.

11. Индекаторҳои мониторинги СПКСК дар замимаи 2[4] инъикос гардидаанд. Системаи индекаторҳои мониторинг ҳамаи самтҳои сиёсати СПКСК, тамоми навъи захираҳое, ки барои татбиқи Стратегия истифода мегарданд ва ҳамаи натиҷаҳоеро, ки дар ҷараёни татбиқи СПКСК ба даст меоянд, фаро мегирад. Чор навъи асосии индекаторҳои мониторинг истифода бурда мешавад: 1) индекаторҳои захираҳои масрафшаванда, ки сиёсати ҷалб ва тақсими воситаҳои буҷети давлатӣ ва дигар захираҳои барои татбиқи Стратегия истифодашавандаро тавсиф менамоянд; 2) индекатори боздеҳӣ, ки натиҷаҳои мустақими фаъолияти мақомоти давлатиро оид ба татбиқи СПКСК тавсиф менамояд; 3) индекаторҳои натиҷаи ниҳоӣ, ки нишон медиҳад то чӣ андоза фаъолият дар доираи СПКСК вазъи иҷтимоию иқтисодиро дар кишвар тағйир додааст, то кадом андоза хизматрасониҳои давлатӣ ба аҳолӣ дастрас аст ва қоноатмандии онҳо аз чунин хизматрасонӣ; 4) индекаторҳои таъсир, ки нишон медиҳад то чи андоза осудаҳолии аҳолӣ беҳбуд ёфтааст ва мустақиман дараҷаи дастовардҳои мақсадҳои Стратегияро тавсиф менамояд.

12. Мониторинги СПКСК дар асоси аҳамияти индекаторҳо ҳам дар маҷмӯъ барои кишвар ва ҳам вобаста ба минтақаҳо (агар имконпазир ва зарур бошад), вобаста ба аломатҳои гендерӣ ва дигари аломатҳо, бо ҷудо намудани гурӯҳҳои махсусан осебпазири аҳолӣ анҷом дода мешавад. Мақомоти соҳавӣ ва маҳаллии ҳокимияти иҷроия метавонанд индекаторҳои иловагиро истифода баранд, ки имкон медиҳад вазифаҳои хоси рушди ба зиммаи онҳо гузошташударо инъикос намояд. Аз ин нигоҳ системаи индекаторҳо ғанигардонии иттилоотии мониторингро дар ҳамаи сатҳҳо – дар сатҳи кишвар, соҳа, минтақа, лоиҳаҳо ва барномаҳо таъмин менамояд.

13. Ҳамзамон бо мониторинги мунтазами индекаторҳои асосии СПКСК инчунин метавонад шаклҳои гуногуни тадқиқот истифода бурда шавад:

• мониторинг ва арзёбии муштарак (бо истифодаи варақаҳои арзёбӣ) имкон медиҳад, ки оид ба татбиқи СПКСК дар сатҳи ҷомеаҳои маҳаллӣ иттилооти пурарзиш таъмин карда шавад;

• баррасии хароҷоти давлатӣ, ки муқоисаи хароҷоти воқеии давлатиро бо буҷети тасдиқгардида пешбинӣ менамояд;

• тадқиқи хизматрасониҳои фароҳамоварда вобаста ба дастрасӣ ва сифати хизматрасониҳои асосии давлатӣ ба монанди маориф, тандурустӣ ва таъминот бо об;

• арзёбии таъсир, ки барои таҳлили амиқи дизайн ва ҷараёни татбиқи барномаҳои асосӣ дар доираи СПКСК таъин гардидааст.

Чунин тадқиқот аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ, ки ба проблемаҳои мониторинг машғул аст, фармоиш дода мешавад. Оид ба афзоиши нерӯи дохилии гузаронидани тадқиқ ва истифодаи маълумоти он ҳам дар мақомоти давлатӣ ва ҳам дар

---

[4] Индекаторњое, ки дар он оварда шудаанд, бояд дар љараёни татбиќи стратегия минбаъд даќиќ карда шаванд.

ташкилотҳои таҳқиқотии мустақил ва ширкатҳои консалтенгӣ тадбирҳо андешида мешаванд. Натиҷаи чунин тадқиқот ҳангоми арзёбии татбиқи СПКСК ба инобат гирифта шуда, дар ҳисоботи солона оид ба татбиқи он дохил карда мешавад.

14. Системаи ҷамъоварии иттилоот тарзе ба роҳ монда мешавад, ки ҳамбастагии талабот дар хусуси саҳеҳии маълумоти барои қабули қарорҳои идоракунӣ зарурӣ ва сарфаи захираҳои давлатии барои гирифтани чунин иттилоот масрафгардида таъмин карда шавад. Ҳамчунин ба суботи раванди ҷамъоварии иттилоот, ба системаи мониторинг ворид намудани танҳо чунин индекатор ва усулҳои ченак таваҷҷӯҳ зоҳир мегардад, ки барои дастгирии онҳо дар давраи дарозмӯҳлат танҳо захираҳои давлатии дохилӣ кифоя мебошанд.

15. Ҷамъоварии иттилоот оид ба осудаҳолии хоҷагиҳои ҳавлигӣ, сатҳ ва самти камбизоатӣ дар кишвар комилан такмил хоҳад ёфт. Чунин иттилоот асоси мониторинги СПКСК-ро ташкил медиҳад.

16. Мунтазамии ҷамъоварии маълумот оид ба индекаторҳои мухталиф бо дараҷаи зуҳуроти тағйирёбанда, ки ҳамин индекаторҳо инъикос менамоянд ва талабот ба маълумоти нав барои қабули қарори идоракунӣ ва таҳияи сиёсат муайян гардида, вале навсозии маълумот барои тамоми индекаторҳо на камтар аз як маротиба дар як сол анҷом дода мешавад. Тақвими мониторинг таҳия мегардад, ки пешакӣ фароҳам овардани иттилооти барои қабули қарори сиёсӣ заруриро таъмин менамояд. Ба мувофиқа расонидани ин тақвим бо нақшаи муваққатии таҳияи Барномаи миёнамӯҳлати буҷет ва буҷетҳои солона дорои аҳамияти муҳим мебошад. Барои кам кардани мӯҳлат ҷиҳати пешниҳоди аҳамияти индекаторҳо тадбирҳо андешида мешавад (махсусан онҳое, ки ба сатҳи камбизоатӣ ва дигар нишондиҳандаҳои он марбутанд). Ин имкон медиҳад, ки сиёсат ба маълумоти актуалӣ асос ёбад.

17. Дар системаи ҷамъоварии маълумот Кумитаи давлатии омор, ки ҷамъоварии саривақтӣ, коркард ва пешниҳоди тамоми маълумоти асосиро вобаста ба ҳама индекаторҳо таъмин менамояд, нақши муҳим хоҳад дошт. Барномаи корҳои омории Кумитаи давлатии омор пурра ба эҳтиёҷоти СПКСК, бо роҳи дохил намудани корҳо оид ба ченкунии индекаторҳо, ки барои арзёбии шабеҳи СПКСК заруранд ва истисно намудани он нишондиҳандаҳое, ки ба онҳо талабот вуҷуд надорад, мутобиқ гардонида мешавад. Бо дастгирии ташкилотҳои байналмилалии рушд ҷиҳати таҳкими нерӯи мақомоти оморӣ, аз ҷумла дар минтақаҳо, барои гирифтани иттилооти объективӣ, дақиқ ва муосир оид ба рушди иҷтимоию иқтисодӣ тадбирҳо андешида мешаванд.

18. Манбаи дигари муҳими маълумоти мониторинг (махсусан дар қисми индекаторҳои захираҳо ва боздиҳӣ) вазорату идораҳое мебошанд, ки оид ба фаъолияти худ ва вазъи соҳаи таҳти салоҳияти ҳамаи иштирокчиёни раванди татбиқи Стратегия қарордошта маълумот пешниҳод менамоянд. Барои мониторинг иттилооте, ки Вазорати молия оид ба ҳолати буҷети давлатии кишвар фароҳам меорад ва барои татбиқи СПКСК захираи асосӣ мебошад, ниҳоят муҳим аст; дар ҷараёни таҳия ва иҷрои барномаи миёнамӯҳлати буҷетӣ ва буҷетҳои солона тафсили дахлдори иттилооти буҷетӣ таъмин мегардад, ки имкон медиҳад ҷудо намудан ва хароҷоти воситаҳои давлатӣ вобаста ба ҳамаи самтҳои асосии СПКСК таъмин карда шавад. Ба ин хотир ҷиҳати мутобиқгардонии шаклҳои пешниҳоди иттилооти буҷетӣ нисбат ба эҳтиёҷоти мониторинг ва арзёбии СПКСК, аз ҷумла тағйироти классификатсияи буҷетӣ корҳо анҷом дода мешавад. Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Вазорати энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллӣ, Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маркази тадқиқоти стратегӣ ва дигар мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти иҷроия ворид гардидани иттилооти асосиро оид ба муҳити беруна (ҷараёни воридшавии кумаки беруна, вазъи сиёсати хориҷӣ, конюктураи берунаи иқтисодӣ ва молиявӣ, омилҳои экологӣ ва ғайра), ки дар фазои онҳо рушди иҷтимои

иқтисодии Тоҷикистон ҷараён дорад, инчунин оид ба татбиқи чорабиниҳои фаслҳои бахшии СПКСК ва захираҳои истифодашаванда таъмин менамоянд.

19. Таҳлили иттилооте, ки дар ҷараёни мониторинг ҷамъоварӣ гардиданд ва арзёбии сиёсат дар доираи СПКСК аз ҷониби ҳамаи мақомоти марказии иҷроия, ки барои татбиқи Стратегия масъуланд, вобаста ба соҳаҳои тахти салоҳият, бо нақши ҳамоҳангсози Вазорати рушди иқтисод ва савдо анҷом дода мешавад. Барои гузаронидани таҳлил ва таҳияи пешниҳодҳо оид ба татбиқи сиёсати давлатӣ беш аз пеш мутахассисони ташкилотҳои давлатӣ ва мустақили тадқиқотӣ, ТҒ ва дигар намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ ҷалб карда мешаванд.

20. Натиҷаҳои таҳлил ва арзёбӣ дар шакли ҳисоботи ҳарсола оид ба ҷараёни татбиқи СПКСК ҷамъбаст карда мешавад, ки таҳлили проблемаҳои мавҷуда, пешниҳодҳои оид ба тасҳеҳи он самтҳои сиёсат, ки таҳлил зарурати онро тақозо менамояд, инчунин пешниҳодҳо оид ба паҳн намудани таҷрибаи мусбиро дар бар мегирад. Ин ҳисобот бояд дар мӯҳлате фароҳам гардад, ки имкон медиҳад иттилооти дар он мавҷуда ҳангоми таҳияи буҷетҳои ҳарсолаи давлатӣ истифода бурда шавад.

21. Паҳн намудани иттилоот оид ба натиҷҳои мониторинг ва арзёбӣ тавассути гузаронидани маъракаҳои иттилоотӣ, нашри васеи ҳисоботи ҷамъбастӣ ва соҳавӣ / минтақавӣ оид ба ҷараёни татбиқи СПКСК, ташкили муҳокимаҳои ҷамъиятӣ, инчунин тавассути таъсиси интернет-портали махсус, ки оид ба маълумоти мониторинг ва натиҷаҳои арзёбии СПКСК дорои иттилооти пурра мебошад, аз ҷумла маълумоти мониторинг, ки аз ҷониби ташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ гирифта шудааст, анҷом дода мешавад. Барои таъмини иртиботи мутақобила бо ҳамаи тарафҳои манфиатдор дар интернет-портал тавассути барномаҳои муколамаи ҷамъиятӣ (аз ҷумла шунидан дар парламент), семинарҳо бо ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ, дигар усули ҷамъоварии эродҳо (пешниҳодҳо) оид ба такмили сиёсат ва механизмҳои татбиқи СПКСК таваҷҷӯҳи махсус зоҳир мегардад.

22. <u>Сохтори институтсионалии СМваА.</u> Мақоми кории Котиботи Шӯрои рушди миллӣ дар соҳаи мониторинг ва арзёбӣ Вазорати рушди иқтисод ва савдо ва Шӯрои ҷамъиятии экспертию методӣ хоҳад буд.

Функсияҳои асосии дар соҳаи мониторинг ва арзёбӣ Вазорати рушди иқтисод ва савдо аз инҳо иборат мебошад: тибқи қонунгузорӣ муқаррар намудани мақоми ҳуқуқии СМР/ СПКСК, ташкили раванди мониторинг ва арзёбӣ дар ҳамаи сатҳҳои идоракунӣ, таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи МваА, ҳамгироии натиҷаҳои мониторинг ва арзёбӣ дар доираи миқёси тамоми Стратегия, таҳияи ҳисоботи ҳарсола оид ба татбиқи СПКСК, ҳамоҳангсозии фаъолияти дигар иштирокчиёни СМваА, муколама бо шарикон оид ба рушд, паҳн намудани иттилоот дар бораи раванд ва натиҷҳои мониторинг ва арзёбӣ. Вазорати рушди иқтисод ва савдо ҳамчунин иттилоотро дар хусуси кумаки беруна, ки ба кишвар барои татбиқи СПКСК ворид мегардад, пурра дастрас менамояд.

23. Ба ҳайати Шӯрои экспертию методӣ мутахассисони мақомоти давлатӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ дохил мешаванд. Ин мақом дар асоси системавӣ масъалаҳои методологияи гузаронидани мониторинг ва арзёбӣ, аз ҷумла интихоби индикаторҳо барои мониторинг ва муқаррар намудани аҳамиятҳои мақсади онҳо, таҳлили ҷараёни иттилоотӣ ба СМваА, таҳияи пешниҳодҳо оид ба таъмини дастрасӣ ба иттилооти ҷамъоваришуда ва оид ба рафъи такрори кор ҳангоми ҷамъоварии/коркарди иттилоот масъалаҳоро баррасӣ намуда, экспертизаи мустақили ҳисобот оид ба мониторингро, ки вазорату идораҳо ва мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ таҳия менамоянд, анҷом медиҳад. Вобаста ба зарурат Шӯрои экспертию методӣ мутахассисони мустақилро ҷалб намуда, эҳтиёҷотро ба таҳқиқот оид ба масъалаҳои мушаххаси татбиқи СПКСК муайян менамояд.

24. Чуноне қаблан зикр гардид, манбаи асосии маълумот барои мониторинг Кумитаи давлатии омор хоҳад буд. Ба ғайр аз ин ба дастгирии экспертии дигар иштирокчиёни раванди мониторинг ва арзёбӣ оид ба масъалаҳои методологияи ҷамъоварии маълумот ва  шарҳу тафсири (интерпретатсияи) индекаторҳои истифодашуда нақши муҳим ҷудо карда мешавад.

25. Манбаи дигари асосии иттилоот, ки барои мониторинг ва арзёбии СПКСК заруранд, Вазорати молия мебошад, ки барои ҳамаи тарафҳои манфиатдор дар хусуси маблағгузории давлатии барномаҳои рушд дар доираи СПКСК, аз ҷумла буҷет, БИД ва БММ иттилооти пурра ва саривақтиро фароҳам меорад.

26. Масъулият барои фаъолият оид ба мониторинг ва арзёбии самтҳои бахшии СПКСК ба зиммаи сохторҳои махсус ҷудогардидаи (шӯъбаҳои мониторинг ва арзёбии / таҳлилии) ҳар як вазорату идораҳои соҳавӣ гузошта мешавад. Ин воҳидҳо корҳо оид ба ҷамъоварии маълумотро ҳамоҳанг сохта, натиҷаҳои ҳамгироишудаи мониторинги татбиқи СПКСК-ро дар бахшҳои дахлдор, дар асоси маълумоти идоравӣ ва Кумитаи давлатии омор, дар ҳамбастагӣ бо иттилоот оид ба иҷрои буҷети давлатӣ, аз ҷумла БИД ва БММ ва ҳангоми мавҷудият- бо маълумоти таҳқиқоти мустақил, ки созмонҳои ҷомеаҳои шаҳрвандӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ фароҳам овардаанд, пешниҳод менамоянд. Ин сохторҳо мунтазам ҳисоботи бахширо оид ба татбиқи СПКСК таҳия менамояд. Дар назди онҳо ба монанди Шӯрои экспертию методӣ гурӯҳҳои кории бахшӣ таъсис меёбанд, ки ҳам кормандони мақомоти давлатӣ ва ҳам экспертҳои мустақил ва намояндагони ҷомеаи шаҳрвандиро дар бар мегиранд.

27. Барои мониторинг ва арзёбии СПКСК Парламент фаъолона ҷалб хоҳад шуд. Намояндагони он ба ҳайати Шӯрои миллии рушд дохил мешаванд; ҳисоботи ҳарсолаи Ҳукумат оид ба татбиқи СПКСК (аз ҷумла натиҷаҳои пешбинишавандаи хароҷот/ натиҷа то охири соли дахлдор/ ҳисоботӣ) якҷоя бо буҷети ҳарсолаи давлатӣ ба Парламент пешниҳод карда мешавад.

28. Нақши мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар системаи мониторинг ва арзёбӣ аз ташкили ҷамъоварии маълумот дар бораи татбиқи барномаҳои давлатӣ, ки дар ҳудуди онҳо амалӣ мегардад, таҳлили ҷараёни татбиқи СПКСК дар минтақаҳои худ ва дар ин асос таҳлил ва таҳияи пешниҳодҳо оид ба такмили сиёсати СПКСК ва механизмҳои татбиқи он иборат мебошад. Барои ин мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ  мунтазам муколама ва муҳокимаи натиҷаҳои мониторинги марбут ба минтақаро бо вазорату идораҳои дахлдор, ҷомеаҳои маҳаллӣ ва созмонҳои ҷомеаҳои шаҳрвандӣ идома медиҳанд.

29. Иштироки ҷомеаи шаҳрвандӣ дар раванди мониторинг ва арзёбии СПКСК доманадор ва гуногунҷабҳа хоҳад буд. Намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ ба ҳайати Шӯрои миллии рушд, Шӯрои экспертию методӣ ва гурӯҳҳои кории бахшӣ ба сифати экспертҳо ва намояндагони гурӯҳҳои манфиатдори аҳолӣ дохил мешаванд. Дар раванди мониторинг ҷомеаҳои маҳаллӣ (ҷамоатҳо), ки оид ба ҷараёни татбиқи СПКСК, чӣ тавр қабул  кардани он аз ҷониби аҳолӣ, проблемаҳои  дар сатҳи маҳаллӣ ҳалталаб иттилоот фароҳам меоранд, нақши муҳим доранд. Ба аҳли ҷомеа дастрасӣ ба натиҷаҳои мониторинг ва арзёбии СПКСК, ҷамъоварии пешниҳодҳо ва эродҳои шаҳрвандон ва ташкилотҳо оид ба ҳамаи ҷабҳаҳои сиёсат ва амалияи татбиқи СПКСК фароҳам оварда мешавад. Ташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ба гузаронидани таҳқиқот оид ба проблемаҳои СПКСК, махсусан вобаста ба мавзӯе, ки омори расмӣ фаро нагирифтааст, ҷалб карда мешаванд.

30. Системаи ҳисоботдиҳӣ оид ба натиҷаҳои татбиқи СПКСК ба тариқи зайл сурат мегирад: Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҳисоботи маҷмӯиро оид ба фаъолияти худ дар татбиқи СПКСК дар минтақаи худ ба Вазорати рушди иқтисод ва савдо ва ҳисоботи бахширо ба вазоратҳои соҳавӣ пешниҳод менамоянд. Лоиҳаҳое, ки дар

доираи БИД ва БММ татбиқ мегарданд, ҳамзамон ба Кумитаи давлатии сармоягузор ва идораи амволи давлатӣ ва ба вазоратҳои соҳавӣ ҳисобот медиҳанд. Вазоратҳои соҳавӣ ҳисоботи гирифтаашонро дар доираи бахши худ ҷамъбаст намуда, ҳисботи ҷамъбастиро ба Вазорати рушди иқтисод ва савдо пешниҳод менамоянд, ки дар он ҳамаи иттилоот оид ба татбиқи СПКСК мутамарказ гардонида мешавад. Тартиб ва шакли пешниҳоди ҳисобот аз ҷониби ҳамаи иштирокчиёни раванди СМваА, ки такрори корҳоро дар пешниҳоди иттилоот истисно менамояд, тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки дар оғози соли 2007 мақоми барои гузаронидани СМваА масъул қабул менамояд, муайян мегардад.

31. СМваА-ии СПКСК муттаҳид гардида, мавҷудияти сохторҳои шабеҳи (парарелии) мониторинг ва такрори кӯшишҳоро оид ба ҷамъоварии иттилоот истисно менамояд. СМваА бо дарназардошти манфиатҳои ҳамаи иштирокчиёни раванди татбиқи Стратегия анҷом дода мешавад. Фаъолият оид ба мониторинги лоиҳаҳое, ки бо дастгирии ташкилотҳои байналмилалӣ- донорҳо анҷом дода мешавад, ба системаи умумии мониторинг ҳамгирой мегардад, ки воситаҳои самарабахши истифодаро барои мониторинг баланд бардошта, имкон медиҳад СМваА дар кишвар таҳким ёбад.

32. Барои таҳкими нерӯи ҳамаи иштирокчиёни раванди мониторинг ва арзёбӣ кӯшишҳои зиёд ба харҷ дода мешавад, ки он метавонад барои мақсадҳои мазкур ҳам ҷалби маблағҳои иловагии донорҳоро (аксари ташкилотҳои байналмилалӣ чунин лоиҳаҳои кумаки техникиро дар ин соҳа татбиқ мекунанд ё ба нақша гирифтаанд) ва ҳам афзоиши миқдори захираҳои давлатиро, ки барои эҳтиёҷоти мониторинг равона карда мешаванд, тақозо намояд.

33. Маблағгузории системаи мониторинг (фаъолияти Кумитаи давлатии омор ва шӯъбаҳое, ки дар мақомоти марказӣ ё минтақавии ҳокимияти иҷроия ба мониторинг ва арзёбӣ машғуланд, гузаронидани тадқиқот) дар ҳаҷми зарурӣ тавассути буҷети давлатӣ анҷом дода мешавад. Маблағҳои донорӣ барои инвеститсия ба нерӯи инсонӣ ва ташкилии СМваА равона карда мешаванд. Азми донорҳо оид ба рушди нерӯи ҷомеаи шаҳрвандӣ дар соҳаи мониторинг ва арзёбӣ дастгирӣ хоҳад ёфт.

34. Сохтор, функсия ва механизми СМваА бо санадҳои дахлдори меъёрӣ (бо дарназардошти муқаррарори Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 майи соли 2003 № 1080 «Дар бораи мониторинг ва арзёбии татбиқи Ҳуҷҷати Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ») таҳким хоҳад ёфт.

35. Барои ташаккули СМваА-ии самарабахш Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷоя бо ташкилотҳои донорӣ як қатор чораҳо меандешад, аз ҷумла:

- таҳлили ҷанбаҳои сусти системаи амалкунанда ва таҳияи сохтори ибтидоии индекаторҳои СПКСК мазкур;
- таҳияи системаи идоракунии натиҷаҳои СПКСК, аз ҷумла заминаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии СМваА;
- дар мақомоти соҳавӣ ва минтақавии идоракунӣ таъсиси сохторҳои зарурии ташкилии мониторинг, ки ҳамин Стратегия пешбинӣ намудааст;
- баланд бардоштани нерӯи мониторинги вазоратҳои соҳавӣ (лоиҳаҳои таҷрибавӣ дар вазоратҳои маориф ва тандурустӣ);
- баланд бардоштани нерӯи мониторинг дар сатҳҳои маҳаллӣ.

**ЗАМИМАИ 1. МАТРИТСАИ ФАЪОЛИЯТ ДАР СОЛҲОИ 2007-2009**
**ЗАМИМАИ 2 МАТРИТСАИ МОНИТОРИНГ**
**ЗАМИМАИ 3. ПРИНСИПҲОИ АФЗАЛИЯТНОКИИ СПКСК**
**ЗАМИМАИ 4. ИШТИРОК ДАР ТАҲИЯИ СТРАТЕГИЯИ МИЛЛИИ РУШД/ СПКСК**